# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

АПРЕЛ-ИЮНИ 2018

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

Фирдавс Толибов, иқтисодчӣ
Алексей Кудрин, таҳлилгар
Беҳзод Ҷӯраев, коршинос
Татяна Батуритская, аудитор

САМАРАИ САФАРИ ҲАЙАТИ РАСМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ИМА **12**

ТАШРИФИ ҲАЙАТИ ХБА БА ТОҶИКИСТОН **28**

ГУЛИСТОН: "ҲАМОИШИ АУДИТОРОНИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ АВРОСИЁ САМАРАБАХШ ҶАМЪБАСТ ГАРДИД" **23**

ТАШРИФИ САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ БА БМТ **42**

МАРКАЗИ А. КУДРИН РОҲИ БЕ ҶАЛБИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ТЕЗОНИДАНИ АФЗОИШИ ММД-РО НОМБАР КАРД **70**

ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ БОНКӢ **50**

ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО ОСОНУ ҚУЛАЙ ГАРДИД **65**

## "ОБ БАРОИ РУШДИ УСТУВОР

солҳои 2018-2028"


2018
СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ
ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ
Ниёгони мо аз замонҳои хеле қадим ба ҳунармандӣ ва косибӣ рӯ оварда, дар тӯли асрҳои зиёд ҷиҳати эҷоди садҳо навъи ҳунар роҳ кушодаанд.
Эмомалӣ Раҳмон

# ДАР ИН ШУМОРА


3 | ПРЕЗИДЕНТ: "ИМРӮЗ ДАР ОЛАМ ЗИЁДА АЗ ДУ МИЛЛИАРД НАФАР АЗ НОРАСОИИ ОБ ТАНҚИСӢ МЕКАШАНД."

12 | САМАРАИ САФАРИ ҲАЙАТИ РАСМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ИМА

Ҷаноби Тао Чжан изҳор дошт, ки барои вусъат бахшидани ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон монеа вуҷуд надорад ва ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои . . .

28 | ТАШРИФИ ҲАЙАТИ ХБА БА ТОҶИКИСТОН

Ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор оид ба Тоҷикистон таҳти роҳбарии хонум Падамжа Хандевал ҷиҳати омӯзиши вазъи иқтисодӣ ва эҳтимолияти тарҳрезии Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ рӯзҳои 12-23 майи соли 2018 бо сафари корӣ . . .




23 | ГУЛИСТОН: “ҲАМОИШИ АУДИТОРОНИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ АВРОСИЁ САМАРАБАХШ ҶАМЪБАСТ ГАРДИД”

Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон меҳмонони гиромӣ аз Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои иштирокдори . . .




60 | ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУН ХАВФИ ҚАРЗИРО ПАСТ МЕКУНАД

Акнун дар ҷумҳурӣ фаъолияти бюроҳои таърихи қарзӣ хеле беҳтар гардида, қарзгирандагони бовиҷдону масъулиятнок муайян ва қарзгирандагони . . .

38 | БМТ: МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТАИ ИДМ БАРРАСӢ ГАРДИД

Ҷаласаи 13-уми Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои . . .

42 | ТАШРИФИ САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ БА БМТ

Сарбанди Роғун, ки бунёди он ҳанӯз солҳои 1970-ум оғоз шуда, вале баъди фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ бо сабаби норасоии маблағу захираҳо қатъ гардида буд, баъди ба анҷом . . .

45 | ТАҒЙИРЁБИИ МЕЪЁРИ ФОИЗИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ХАЗИНАВӢ БА ПӮЁИ ҚУРБИ АСЪОР ВА ТАВАРРУМ ЧӢ ТАЪСИРЕ ДОРАД?

Муқаррар кардани сатҳи таъсиррасонии тағйирёбии меъёри хизматрасониҳои хазинавӣ ба пӯёи қурби асъор ва таваррум татбиқи усул ва тарзҳои мухталифи тадқиқоти илмиро тақозо менамояд.

# В ЭТОМ НОМЕРЕ



28 | ТАШРИФИ ҲАЙАТИ ХБА БА ТОҶИКИСТОН



50 | ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ БОНКӢ



65 | ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО ОСОНУ ҚУЛАЙ ГАРДИД

50 | ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ БОНКӢ

Махсус бояд қайд кард, ки вазифаи асосии идоракунии корпоративӣ тақсимоти дуруст ва самараноки уҳдадориҳои вазифавӣ байни ҳама иштирокчиён . . .

54 | НИЗОМИ БОНКӢ: ВАЗЪИ ВОҚЕӢ ВА ДУРНАМО

Қобили қайд аст, ки дар ҷараёни мулоқот оид ба паҳлуҳои мухталифи рӯнамоӣ аз ҷониби устодон ва донишҷӯён саволҳои гуногун ба миён омаданд, ки муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев бо камоли майл . . .

70 | МАРКАЗИ А. КУДРИН РОҲИ БЕ ҶАЛБИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ТЕЗОНИДАНИ АФЗОИШИ ММД-РО НОМБАР КАРД

Агар бо ифодаи воқеӣ баён намоем, истифодаи тағйирдиҳии усулҳои буҷет маънии онро дорад, ки афзоиши хароҷоти соҳаҳои давлатӣ то 2024 60-70 фоизро . . .

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

МАҶАЛЛАИ ТАҲЛИЛИИ БОНКӢ
2 (81) АПРЕЛ-ИЮН, 2018

**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**

РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нурмаҳмадзода
АЪЗОИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:
Ҷ.Нуралиев, Ф.Ҳамрализода,
С.Икромӣ, Л. Салимова,
А.Миралиев, Н.Абибуллоев,
А.Қурбонов

ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 286 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.

# Имрӯз дар олам зиёда аз ду миллиард нафар аз норасоии об танқисӣ мекашанд



Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» (20.06.2018, шаҳри Душанбе)

**Муҳтарам сарони давлатҳо ва ҳукуматҳо,**
**Муҳтарам роҳбарон ва аъзои ҳайатҳо,**
**Хонумҳо ва ҷанобон!**

**Ҳамаи шуморо ба шаҳри Душанбе дар Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амалиёт «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» хайрамақдам мегӯям.**

Умед дорам, ки аз рӯйи натиҷаҳои чорабинии имрӯза, ки дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар шарикон доир мегардад, ҷиҳати татбиқи ҳадафу вазифаҳои дар сатҳи байналмилалӣ дар арсаи захираҳои об мувофиқашуда иқдомоти амалии муассир сурат хоҳад гирифт. Итминон дорам, ки конфронси имрӯза барои таҳияи тавсияҳои мушаххас роҷеъ ба мавзӯъҳои ҷаласаи дарпешистодаи Форуми сиёсии сатҳи баланд оид ба рушди устувор, ки дар он Ҳадафи шашум оид ба захираҳои об муҳокима мегардад, имконоти мусоид фароҳам меорад.

Бо ибтикори Раиси Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид 22-юми марти соли равон – дар Рӯзи умумиҷаҳонии захираҳои об – мо ҳама якҷо ба раванди татбиқи Даҳсолаи нави байналмилалӣ оид ба об ҳусни оғоз бахшидем. Мехостам ба Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамсафонаш барои таҳия ва оғози роҳандозии Нақшаи амалиёти Даҳсола, ки метавонад василаи муҳимми раванди татбиқи он гардад, арзи сипос намоям.

**Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!**

Мо ба пешбурди Даҳсолаи нав бо такя ба таҷрибаи бисёр муфиде, ки дар ҷараёни амалисозии ташаббусҳои қаблии глобалии марбут ба об андӯхта шудааст, шурӯъ менамоем. Дар ин ҷода тайи понздаҳ соли охир мо саъю талошҳои муштаракамонро дар чаҳорчӯби татбиқи чунин ташаббусҳои глобалӣ, ба монанди “Соли байналмилалии оби тоза, 2003”, Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт, солҳои 2005-2015» ва “Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013” ҳамаҷониба тақвият бахшидем.

Ҳамаи ин ибтикорот дар масъалаи дарки амиқи нақши нодири об дар ҳаёти сайёраи мо саҳми арзишманд гузоштанд. Ҳамзамон бо ин онҳо ба ҷалби фаъоли ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба идораи захираҳои об, татбиқи лоиҳаҳо ва истифодаи технологияву навовариҳои муосир дар ин соҳа мусоидат карданд. Мехостам нақши ин ташаббусҳоро дар татбиқи Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, махсус зикр намоям. Саъю талошҳои муштарак дар ин ҷода барои таҳияи рӯзномаи нави рушди устувор, ки дар он захираҳои об ҷойгоҳи марказӣ дошта, ба ҳайси унсури калидии ин амалия муайян гардидаанд, заминаи боэътимод фароҳам оварданд. Дар айни замон, далелҳои зайли ба шумо маълум гувоҳӣ медиҳанд, ки сафарбарсозии талошҳои умум ҳанӯз самараи дилхоҳ надодааст.

- дар дунё зиёда аз 800 миллион нафар ба оби нӯшокии бехатар ва зиёда аз дувуним миллиард нафар ба хизматрасонии оддитарини соҳаи беҳдошт (санитария) дастрасӣ надоранд;
- ҳар сол то сесад ҳазор нафар кӯдак дар синни то панҷсола ба иллати набудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ба ҳалокат мерасад.

Ҳамаи ин гувоҳи он аст, ки мо то ҳол дар иҷрои воқеии вазифаҳо ва

ҳадафҳо дар арсаи таъмин намудани дастрасӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт ҷиддан ақиб мондаем. Ғайр аз ин, таъсири номатлуби раванди тағйирёбии иқлим вазъи корҳоро ҷиҳати расидан ба идораи устувори захираҳои об мураккаб мегардонад. Маълум аст, ки тағйироти глобалии иқлим ба ҳаҷми захираҳои оби нӯшокии тоза ва сифати он таъсири манфӣ расонида, кишварҳо ва минтақаҳои мухталифи оламро ба вазъи ташвишовари экологӣ дучор месозад.

Имрӯз дар олам зиёда аз ду миллиард нафар аз норасоии об танқисӣ мекашанд. Тибқи пешгӯйии коршиносон, соли 2050 ин нишондиҳанда метавонад то панҷ миллиард нафар, яъне тақрибан ба нисфи аҳолии сайёра, баробар гардад. Зимнан, тамоюли афзоиши аҳолӣ ва ниёзмандӣ ба захираҳои об дар назди мо вазифаҳои нави маҷмӯиро мегузорад. Дар ҷаҳон талабот ба захираҳои об бо суръати баланд афзоиш мeёбад ва ин, дар навбати худ, боиси шиддат гирифтани муносибатҳо миёни соҳаҳои иқтисод мегардад.

Шиддати рақобат барои дастрасӣ ба захираҳои об дар шароити афзоиши камбуди об метавонад ҳатто дар дохили як кишвар пайомадҳои манфиро ба бор орад. Маҳз ҳамин ду омил – тағйироти глобалии иқлим ва афзоиши демографӣ – чаҳорчӯба ва имконотро барои иқдомоти мо муайян хоҳанд кард. Дар баробари ин омилҳо як силсила масъалаҳои дигаре вуҷуд доранд, ки муносибати маҷмӯӣ ва ҳамкории фаъолро дар соҳаи об тақозо доранд.

Дар маҷмӯъ баланд бардоштани самаранокии истифодаи об, кам кардани ифлосшавии захираҳои об, истифодаи такрории онҳо ва таҳияи технологияҳои нави тавлиди оби тоза дар миқёси саноатӣ аз ҷумлаи чунин масъалаҳо мебошанд. Таҷрибаи андӯхташуда нишон медиҳад, ки дар арсаи истифодаи захираҳои об якбора ба натиҷаҳои назаррас ноил шудан мушкил аст. Бо дарназардошти маҳз ҳамин таҷриба, Даҳсолаи оғозёфта, пеш аз ҳама, ба ташаккули майдони васеъ барои таҳкиму тавсеаи муколамаи мунтазами бисёрҷониба дар соҳаи об бо таваҷҷуҳ ба иқдомоти амалии мушаххас равона карда шудааст.

Дар ин зимн мо ният дорем ҳар ду сол Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба татбиқи ҳадафу вазифаҳои Даҳсолаи амалиётро доир намоем. Дар ин самт мо ҳамкориамонро бо кишвару созмонҳои манфиатдор дар чаҳорчӯбаи Кумитаи байналмилалии роҳбарикунанда идома хоҳем дод. Бо истифода аз фурсат, мехостам ба ҳамаи аъзои Кумитаи кунунии роҳбарикунандаи байналмилалӣ, ки дар омода намудани Конфронси имрӯза саҳми басо арзишманд гузоштаанд, изҳори сипос намоям.

Ҳамчунин, мо ният дорем корро дар ин ҷода тавассути дар шаҳри Душанбе таъсис додани Маркази байналмилалии мусоидат ба татбиқи Даҳсола тақвият бахшем. Раванди таҳияву пешбурди қатъномаи нави Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба шарҳи миёнамуҳлати чараёни татбиқи Даҳсола майдони иловагиро барои ҳамкории мо фароҳам хоҳад овард. Мо ба ҷонибдории фаъоли шариконамон дар пешбурди қатъномаи мазкур дар чаҳорчӯби иҷлосияи ҳафтоду сеюми Маҷмаи умум умед дорем. Аз нигоҳи мо, саъйю талошҳо ҷиҳати эҷоди механизмҳои мусоидат ба татбиқи Даҳсола бояд бо сафарбарсозии захираҳои зарурии башарӣ, молиявӣ ва фаннӣ тақвият дода шаванд. Дар робита ба ин мехостам масъалаи талаботи бузурги соҳаи обро ба маблағгузорӣ ҷиҳати амалӣ гардонидани лоиҳаву барномаҳои ин соҳа махсус таъкид созам.

Аз рӯйи ҳисобҳои Бонки Ҷаҳонӣ, талаботи ҳамасолаи молиявӣ барои иҷрои танҳо ду вазифаи Ҳадафи шашуми рушди устувор, яъне дастрасии умум ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдошт, то ба як саду чордаҳ миллиард доллари амрикоӣ мерасад. Зимнан, зарур аст, ки саъю кӯшиши мо ба боло бурдани самаранокии истифодаи захираҳои молиявии мавҷуда ва пайдо намудани манбаъҳои нави маблағгузории соҳаҳое, ки бо захираҳои об алоқамананданд, равона карда шаванд. Ба ин манзур, тавсеаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ барои ҷалб намудани сармояи иловагӣ ба соҳаи об ва инфрасохтори он имконоти нав фароҳам месозад.

**Муҳтарам хонумҳо ва ҷанобон!**

Ҷузъи фаромарзии ҳамкории арсаи об низ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим мебошад. Ҳамкориву ҳамгироии самаранок, одилона ва барои ҷонибҳо судманд дар соҳаи об метавонад таконбахши рушди муштараки кишварҳое гардад, ки онҳоро ҳавзаҳои умумии об ба ҳам мепайвандад. Минтақаи Осиёи Марказӣ мисоли возеҳи ҳамкории созанда дар соҳаи об мебошад, ки дар он нобаробарии ташаккулёбии захираҳои об ҷой дорад.

Чунин вазъ, дар баробари талаботи фарққунандаи кишварҳои минтақа ба истифодаи захираҳои об аз лиҳози соҳавӣ ва мавсимӣ, чанде пеш чун омили баҳсу мунозираҳо ва ихтилофоти эҳтимолӣ арзёбӣ мегардид. Вале тавре ки замон ва амалия нишон медиҳад, мо тавонистем дар ҳалли мушкилоти мавҷуда ба пешрафти назаррас ноил шавем. Айни ҳол дар минтақа имконоту инфрасохтори нав барои ҳамкории самарабахш ва таъмини рушди кишварҳои шомили он эҷод гардидаанд. Ҷиҳати ноил

шудан ба ин натиҷаҳо нақши чунин сохторҳои минтақавӣ, ба монанди Бунёди байналмилалии наҷоти Арал ва ниҳодҳои он, бешубҳа, назаррас аст.

Ҳамзамон бо ин, имрӯз мо дар рӯ ба рӯи мушкилоту таҳдидҳои нави замони муосир қарор дорем, ки аз ҳарвақта бештар муттаҳид сохтани талошҳои муштарак ва иқдомоти ҳамоҳангшударо тақозо менамояд. Мисоли равшани ин таҳдидҳо мавсими камобии соли равон мебошад. Бо сабаби боришоти ками мавсимӣ кишварҳои минтақа аллакай дучори камобӣ шуданд. Ҳаҷми оби дарёҳо аз меъёрҳои миёнаи солона паст буда, дар мавсими обёрӣ ҳамагӣ дар ҳаҷми 60-70 фоиз пешгӯйӣ мешавад. Чунин ҳолат ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии зичи талошҳои моро барои ҳалли ин қабил мушкилот тақозо менамояд.

Боиси хушнудист, ки солҳои охир тағйироту таҳаввулоти минтақавӣ дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, башарӣ ва дигар арсаҳо суръати мусбати пешравиро пайдо кардаанд. Чунин воқеият, бешубҳа, барои такмили минбаъдаи ҳамкории байнидавлатӣ ва ҳалли якҷояи мушкилоти мавҷудаи минтақавӣ заминаҳои заруриро фароҳам месозад.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Мушоҳидаҳои бисёрсола гувоҳӣ медиҳанд, ки таъсири тағйирёбии иқлим ба табиат ва вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ дар Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ тақвият меёбад. Тибқи ин мушоҳидаҳо, тайи шаст соли ахир ҳарорати ҳаво дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёнаи солона ба андозаи як градус аз рӯйи Селсия боло рафта, миқёсу миқдори ҳодисаҳои табиии вобаста ба обу ҳаво рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Зери таъсири ин омилҳо дар Тоҷикистон офатҳои табиӣ дар шакли обхезӣ, аз маҷрои дарёҳо баромадани об, сел, фаромадани тарма ва ярч ҳамасола ба аҳолӣ ва иқтисоди кишвар хисороти ҷиддӣ мерасонанд. Гузашта аз ин, тайи чанд даҳсолаи охир мо тақрибан як ҳазор пиряхи хурду миёнаро талаф додем.

Бо мақсади мониторинги ин равандҳо ва андешидану татбиқ намудани тадбирҳои мутобиқшавӣ ба омилҳои тағйирёбии иқлим имсол мо дар назди Академияи илмҳои Тоҷикистон Маркази омӯзиши пиряхҳоро таъсис додем ва дар таҳкими иқтидорҳои он ба дастгирии шарикони рушд умед дорем. Итминон дорам, ки дарояндаи наздик ин марказ дар раванди бонақшагирӣ ва идораи захираҳои об на танҳо дар сатҳи миллӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ низ саҳми арзанда хоҳад гирифт. Ҳоло дар Тоҷикистон тақрибан 98 фоизи неруи барқ дар неругоҳҳои барқи обӣ истеҳсол карда мешавад.

Ҳукумати мамлакат оид ба мутавозин сохтани истеҳсол ва истеъмоли неруи барқ аз тариқи навсозии неругоҳҳои барқи обии амалкунанда, бунёди иқтидорҳои нави тавлиди неруи барқ ва ҷорӣ намудани усулҳои муосири сарфаи он тадбирҳои ҳаматарафа меандешад. Дар навбати худ, обанборҳои неругоҳҳо ба таъмини намудани танзими боэътимоди бисёрсолаву мавсимии ҷараёни об, пешгирии обхезиҳо ва кам кардани оқибатҳои хушксолӣ мусоидат мекунанд. Истифодаи иқтидорҳои бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон барои таъмин намудани кишварҳои минтақа бо неруи барқи аз лиҳози экологӣ тоза – яке аз асосҳои рушди “иқтисоди сабз” – метавонад ба кам кардани партовҳои газҳои гулхонӣ (карбон) ба атмосфера мусоидати ҷиддӣ намояд.

Дар робита ба ин мехостам аҳаммияти татбиқи лоиҳаи минтақавии КАСА-1000, ҳамчунин барқарор намудани фаъолияти ҳамзамони шабакаи энергетикии Тоҷикистонро бо низоми муттаҳидаи энергетикии Осиёи Марказӣ, ки имконияти интиқоли энергияи “сабз”–и моро ба ҳамсоягони дуру наздик фароҳам меоранд, зикр намоям. Дар кишвари мо таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии босифат ва беҳдошт чун афзалияти дигари муҳим боқӣ мемонад.

Мо аллакай ба таҳияи Барномаи нав оид ба таъмин намудани аҳолӣ бо оби нӯшокии тоза барои давраи то соли 2030 шурӯъ намудем. Ин Барнома яке аз ҳадафҳои калидии рушди устувор – дастрасии умуми аҳолӣ ба оби нӯшокии бехатар ва беҳдоштро фаро мегирад. Сиёсати давлатии Тоҷикистон дар соҳаи истифодаи об, дар айни замон ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоиву иқтисодии минтақа низ нигаронида шудааст. Дар ин замн мо омодаем, ки захираҳои бузурги оби нӯшокиамонро ба манфиатҳои умум мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳем. Истифодаи оқилонаи танҳо захираҳои нодири кӯли баландкӯҳи Сарез, ки 17 километри кубиро дар бар мегирад, имкони таъмини дарозмуддату устувори аҳолии минтақаи моро бо оби босифати нӯшокӣ медиҳад.

Дар фарҷоми сухани худ изҳори умед менамоям, ки иштирокдорони Конфронс бо истифода аз имконоти имрӯза дар таҳияи тавсияҳои мушаххасу амалӣ ҷиҳати татбиқи босамари ҳадафҳои Даҳсолаи нав саҳми арзандаашонро хоҳанд гузошт.

Ба ҳамаи ҳозирин кори созандаву пурмаҳсул ва ба меҳмонони гиромии мо будубоши боҳаловатро дар сарзамини хуршедию меҳмоннавози Тоҷикистон орзу менамоям.

Барои таваҷҷуҳатон сипосгузорам!

**www.president.tj**





## МУЛОҚОТИ РАИСИ БМТ ҶАМШЕД НУРМАҲМАДЗОДА БО МУОВИНИ ДИРЕКТОРИ ХБА ТАО ЧЖАН

Дар доираи ҷаласаҳои баҳории Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор (IMF/WB Spring meetings 2018) ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон - раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаххорзода, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор Илҳом Раҷабов як қатор мулоқоту вохӯриҳоро бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ барпо намуданд.

Аз ҷумла, 19 апрели соли равон раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар якҷоягӣ бо ҳайати расмии ҷумҳурӣ бо муовини Директори Хазинаи байналмилалии асъор ҷаноби Тао Чжан мулоқоти корӣ доир намуд. Дар он ҷонибҳо масъалаҳои вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт, низоми молиявию бонкӣ ва мусоидат дар фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вобаста ба ин таҳияи Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ХБА мавриди баррасӣ қарор доданд. Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар ҷараёни вохӯрӣ пешниҳод намуд, ки барои дар заминаи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ дар ин самт омода намудани мутахассисони варзида аз ҷониби Хазинаи байналмилалии асъор дар минтақа Маркази такмили ихтисос таъсис дода шавад.

Вобаста ба ин, ҷаноби Тао Чжан изҳор дошт, ки барои вусъат бахшидани ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон монеа вуҷуд надорад ва ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои судманди дуҷониба ва бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҷалби шарикони ХБА чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар ҷамъбасти мулоқот Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода омодагии хешро бахри вусъат бахшидани ҳамкориҳои мутақобилаи судманд бо Хазинаи байналмилалии асъор, бахусус дар оянда наздик барои татбиқи барномаи нав изҳор намуд. Дар ин самт даъват гардид, ки ҷонибҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушд ва нигоҳдории суботи молиявию бонкӣ андешидани чораҳои зарурирo ба роҳ монанд.

## БМТ: ВОХӮРИИ ҶАМОЛИДДИН НУРАЛИЕВ БО ҲИДОЯТ БИШЧЕВИЧ

Мулоқоти муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо сафир, роҳбари намояндагии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Ҳидоят Бишчевич 10 майи соли ҷорӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар ҷараёни вохӯрӣ Ҷамолиддин Нуралиев сафирро бо вазъи феълии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва молиявии ҷумҳурӣ, бахусус бо фаъолияти низоми бонкӣ шинос кард ва аз сатҳи ҳамкорӣ ва дастгирии Иттиҳоди Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаи судманд дар низоми бонкии мамлакат, дар самти татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва суботи молиявӣ изҳори ҳавасмандӣ намуд. Номбурда дурнамои ҳамкории дуҷонибаро мавриди баррасӣ қарор дода, дар бораи тадбирҳои андешидашуда дар даврони бӯҳрони иқтисодӣ, аз ҷумла ислоҳот дар низоми бонкӣ, татбиқи сиёсати босамари пулию қарзӣ бо истифода аз фишангҳои муосир, гузаштан ба реҷаи ҳадафгирии таваррум, идоракунии захираҳои байналмилалӣ ибрози назар кард.

Зимни мулоқот ҷонибҳо инчунин оид ба муносибатҳои умумии ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар бахши иқтисодиёт ва молия мубодилаи афкор намуданд.

Сафири Иттиҳоди Аврупо дар Тоҷикистон ҷаноби Ҳидоят Бишчевич дар идомаи суҳбат изҳор намуд, ки Иттиҳоди Аврупо барои таҳким бахшидани муносибатҳои дуҷонибаи судманд ва тавсеа ёфтани он ҳавасманд мебошад. Бо назардошти муҳим будани рушди босубот барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Аврупо омода аст дар доираи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030" ҳамкориро дар сатҳи хубтару беҳтар ба роҳ монад. Ҷаноби Ҳидоят Бишчевич инчунин қайд намуд, ки дар доираи Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои солҳои 2014-2020 Созишномаи ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба тасвиб расидааст, ки мутобиқи он ба Тоҷикистон дар давоми солҳои 2014-2020 маблағҳои грантӣ равона шуда истодаанд.

Дар интиҳои вохӯрӣ, ҷонибҳо барои тақвият бахшидани ҳамкориҳои сифатан нав, дастгирӣ ва пешниҳоди кумакҳо, инчунин ҷалби сармоя ҷиҳати пешбурди низоми бонкӣ ва дар маҷмӯъ иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори омодагӣ намуданд. Ҷиҳати боз ҳам таҳким бахшидани муносибатҳои ҳамкорӣ дар низоми бонкӣ ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки самтҳои афзалиятнок ва бахшҳои ба рушд эҳтиёҷдоштаро муайян намуда, дар якҷоягӣ барои дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо чораҳои зарурӣ хоҳанд андешид. Ҳамчунин тарафҳо дар мавриди сафари



Комиссари Иттиҳоди Аврупо оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ ҷаноби Невин Мимитса ва иштироки он дар ҳамоиши байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2020”, ки рӯзҳои 20-22 июни соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор мегардад, табодули андеша намуданд.

### МУЛОҚОТИ СИРОҶИДДИН ИКРОМӢ БО ФАБРИТСИО ФРАБОНӢ



11 апрели соли равон муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо намоянда, мутахассиси пешбари бахши молия оид ба низоми табодули маълумоти қарзӣ ва идораи хавфҳои Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ҷаноби Фабритсио Фрабонӣ мулоқоти корӣ анҷом дод. Номбурда бо мақсади доир намудани машваратҳо оид ба беҳтар кардани инфрасохтори молиявии Тоҷикистон рӯзҳои 9-11 апрели соли 2018 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сафари корӣ қарор дошт.

Дар оғози мулоқот муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ изҳор дошт, ки бо назардошти мавҷуд будани сатҳи хавфи қарзӣ дар низоми бонкӣ ҷиҳати муҳайё намудани шароит барои ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва истифодаи таърихи қарз ба Қонуни ҶТ “Дар бораи таърихи қарз” тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Танзими бозори иттилоотии қарз ба паст шудани вобастагӣ ба гаравҳо, роҳ надодани қарздиҳии хавфнокиашон аз ҳад зиёд, пешгирӣ шудани қарзҳои такрорӣ, мониторинги бозори қарзӣ, беҳтар шудани танзиму назорати бонкӣ ва пешгирӣ намудани хавфҳои эҳтимолӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, барои таҳким бахшидани назорат ва пешгирӣ намудани қарзҳои хавфашон баланд, ки ба рушди низом таъсири манфӣ мерасонанд, модули муайян оид ба таърих ва коркарди маълумотҳои қарзӣ зарур мебошад.

Дар баробари ин, Сироҷиддин Икромӣ аз фаъолияти сусти Бюроҳои таърихи қарзии кишвар ва сатҳи пасти ҳамкории ташкилотҳои қарзӣ бо идораи мазкур изҳори нигаронӣ намуда, аз намояндагони Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, ки ташаббускори ин лоиҳа буданд, вобаста ба масъалаи мазкур пурсон шуд.

Мутахассиси пешбари бахши молия оид ба низоми табодули маълумоти қарзӣ ва идораи хавфҳои Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ ҷаноби Фабритсио Фрабонӣ дар навбати худ қайд намуд, ки инфрасохтори мубодилаи иттилооти қарз дар идоракунии хавфи қарзӣ ва таъмини устувории молиявӣ нақши муҳим дорад.

Вобаста ба ин, номбурда оид ба шаклу усулҳои ташкили низоми табодули маълумоти қарзӣ барои танзимгар ва мақсадҳои сиёсати монетарӣ дар кишварҳои дигар изҳори андеша намуда, барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифу пешниҳодҳои худро баён дошт.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳадаф аз баргузории мулоқоти мазкур омӯзиши инфрасохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати такмил ва рушди фаъолияти низоми табодули маълумоти қарзӣ буда, дар баробари ин масъалаҳои такмили низоми ҳисоботбаркунии ғайринақдӣ ва дастраси хизматрасониҳои молиявӣ ба соҳибкории хурду миёна ва аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

### БОНКИ ЭСХАТА ҒОЛИБИ “ҶОМИ БОНКҲО” ГАРДИД

Дар доираи барномаи ҳамкориҳои Бонки миллии Тоҷикистон бо Фонди олмонии хазинаҳои амонатӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ аз 16 то 20 апрели соли 2018 дар маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки панҷ дастаи бонкҳои тиҷоратии кишвар - ҶСК “Коммерсбонки Тоҷикистон”, ҶСК “Бонки Эсхата”, ҶСК “Ориёнбонк”, ҶСП “Спитаменбонк” ва ҶСК “Соҳибкорбонк” мусобиқаи соҳавии “Ҷоми бонкҳо” баргузор гардид.

Ҳадаф аз баргузории мусобиқаи мазкур, баланд бардоштани маҳорати идоракунии (менеҷмент)-и кормандони роҳбарикунандаи зинаҳои болоӣ ва миёнаи бонкҳо маҳсуб мeёбад.

Мусобиқа дар шакли бозӣ гузаронида шуда, дар рафти сабқат аз ҷониби дастаҳо масъалаҳои гуногун оид ба фаъолияти бонкӣ, аз қабили банақшагирии пардохтпазирӣ, тарифҳо оид ба амалиётҳои доироиҳо ва ухдадориҳо, идораи хавфҳо, стратегияи бонкӣ, банақшагирӣ ва бозомӯзии кормандон, таҳлили нишондиҳандаҳои бонкӣ ва маркетинг мавриди омӯзиш ва муҳокима қарор гирифтанд.

Дар доираи мусобиқа дастаҳо ҷиҳати ноил гардидан ба идораи дуруст ва самаранокии фаъолияти корӣ бо барномаҳои шартии тавозуни ҷудогонаи солона ва нишондиҳандаҳои ба он вобаста дар панҷ марҳила фаъолияти ташкилоти шартии худро муаррифӣ намуданд.

Дар ҷараёни мусобиқаи панҷрӯза дастаи ҶСК “Бонки Эсхата” бо муаррифии беҳтарин барнома ғолиби ин сабқати бонкӣ дониста шуда, соҳиби «Ҷоми бонкҳо» гардид.

Ҷомро ба ғолибони мусобиқа муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода дар ҳузури масъулини Фонди олмонии хазинаҳои амонатӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ Татяна Фелдган ва Инна Мазур тақдим



намуда, барои дар амал татбиқ кардани натиҷаҳои бадастомада, ба иштирокчиёни мусобиқа комёбиҳо орзу намуд.

Қобили қайд аст, ки баргузории мусобиқаҳои мазкур байни бонкҳо ба рушди низоми бонкӣ ва беҳтар шудани маҳорат ва малакаи касбии кормандони ташкилотҳои қарзии кишвар заминаи мусоид фароҳам меоранд.

### ПАРДОХТҲОИ АНДОЗӢ БО КОРТҲОИ ПАРДОХТИИ “КОРТИ МИЛЛӢ” БА ТАВРИ ОНЛАЙН АМАЛӢ МЕШАВАНД

Тахти сарпарастии Бонки миллии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ лоиҳаи муштарак ҷиҳати роҳандозӣ намудани қабули андозҳо ба таври ғайринақдӣ бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ тавассути шабакаи Интернет амалӣ гардид.

Татбиқи лоиҳаи мазкур ба дорандагони кортҳои пардохтӣ имконият медиҳад, ки минбаъд маблағҳои андозиро ба таври ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои муосири электронӣ пардохт намоянд. Инчунин, амалӣ гардидани Интернет-эквайринг имконият медиҳад, ки андозсупорандагон тавассути сомонаи Кумитаи андоз дар шабакаи Интернет андозҳоро ба таври ғайринақдӣ пардохт намоянд.

Баъди роҳандозӣ шудани иқдоми мазкур шахсони воқеӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имкон пайдо карданд, ки 24 соат дар як шабонарӯз ва 7 рӯз дар як ҳафта пардохти тамоми намуди андозҳоро бе ташриф овардан ба марказҳои хизматрасонии бонкӣ анҷом диҳанд. Дар айни замон шумораи андозсупорандагон аз ҳисоби шахсони воқеӣ 4 млн. нафар ва соҳибкорони инфиродӣ беш аз 270 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, дорандагони кортҳои пардохтии НП “Корти миллӣ” беш аз 1,4 млн. нафар буда, 83 фоиз аз шумораи умумии дорандагони кортҳои пардохтии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

Пардохти андозҳо ба тариқи онлайн дар сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати ҶТ бо нишони – www.andoz.tj дастрас мебошад. Муштариён аввал бояд ба қисмати дахлдори сомона ворид шуда, рақами мушаххаси андозсупорандаро (РМА)-ро ҳуруфчин намоянд, баъд намуди андоз ва маблағи пардохтшавандаро интихоб кунанд. Сипас, мушаххасоти корти пардохтиро ворид карда, пардохтро тасдиқ намоянд. Дар давоми рӯз тамоми пардохтҳо дар реҷаи онлайн коркард мешаванд ва пардохтҳое, ки дар вақти ғайрикорӣ анҷом дода шудаанд, дар рӯзи минбаъда коркард мешаванд.

Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андоз ва ташкилотҳои қарзӣ дар ҳамкорӣ кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдиро вусъат бахшида, дар баробари ин барои беҳтар кардани сифати хизматрасониҳои бонкӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир мусоидат намоянд.

### ВОХӮРИИ СИРОҶИДДИН ИКРОМӢ БО ФАБИО ТАРАНТИНИ

Мулоқоти корӣ муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо Мушовири Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ/ Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) Фабио Тарантини 7 майи соли 2018 баргузор гардид.



Дар ҷараёни вохӯрӣ тарафҳо вазъи кунунии низоми бонкии кишварро мавриди баррасӣ қарор дода, барои тақвияти ҳамкориҳои минбаъда ба якчанд масъалаи муҳим, аз ҷумла мусоидат ба кӯмакҳои техникӣ дар самти таъсис додани феҳристи қарзӣ дар назди Бонки миллии Тоҷикистон диққати махсус зоҳир намуданд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ зимни суханронии худ аз ҳамкории судманди ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) бо Бонки миллии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуда, қайд кард, ки бо истифода аз таҷрибаи пешқадами ин гуна созмонҳои молиявӣ амалӣ намудани дурнамои рушди низоми бонкӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Намояндаи Бонки ҷаҳонӣ/Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) Фабио Тарантини дар навбати худ нисбати масъалаҳои баррасишуда, бахусус барои ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобила бо Бонки миллии Тоҷикистон омодагии хешро изҳор намуд. Таъкид гардид, ки Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) барои беҳтар намудани инфрасохтори Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи кумаки техникӣ, аз ҷумла дар соҳаи низоми бонкӣ, такмили ҳисоботдиҳӣ ва ҷамъоварии маълумот аз ҷониби бюроҳои таърихи қарзӣ ҳамкорӣ хоҳад намуд.

### ФАЪОЛИЯТИ АГЕНТҲОИ БОНКИИ ПАРДОХТӢ ОҒОЗ МЕЁБАД

Бо мақсади зиёд намудани дастрасии табақаҳои васеи аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ, аз ҷумла дар манотиқи дурдасти кишвар, рушди хизматрасониҳои пардохтӣ ва вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, инчунин самаранок истифода бурдани инфрасохтори мавҷудаи ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон санади меъёрии “Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо”

таҳия ва тасдиқ карда шуд.

Акнун ташкилотҳои қарзӣ имконият пайдо карданд, ки тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" барои анҷом додани амалиёти алоҳидаи бонкӣ шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродиро ба ҳайси агентҳои бонкии пардохтӣ ҷалб намоянд.

Қобили қайд аст, ки Тартиби мазкур дар якҷоягӣ бо коршиносони байналмилалӣ ва бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта таҳия гардида, 3-юми майи соли 2018, таҳти №927 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шуд.

## МАЙДОНЧАИ ВАРЗИШӢ- БАРОИ ҲАВОДОРОНИ ҲАЁТИ СОЛИМ

Дар доираи таҷлили "Рӯзи байналмилалии ҳифзи кӯдакон", 2 июни соли равон дар шаҳраки 33-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон майдончаи варзишию фароғатӣ ба истифода дода шуд.

Дар маросими ифтитоҳи он муовини Раиси шаҳри Душанбе Фаррух Ҷумазода, Раиси ноҳияи Синои пойтахт Нусратулло Салимзода, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ва истиқоматкунандагони шаҳрак иштирок ва суханронӣ намуданд.

"Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони як қатор майдончаҳои варзишӣ ба нақша гирифта шудаанд, ки роҳандозии ин тадбир дар оммавӣ гардонидани варзиш ва таблиғи тарзи ҳаёти солим миёни сокинони шаҳр, махсусан наврасону ҷавонон саҳми беандоза дорад. Сохтмони майдончаи варзишии мазкур моҳи феврали соли ҷорӣ оғоз гардида, дар мӯҳлати муқаррargardida омода ва бо сифати баланд ба истифода дода шуд", - гуфт зимни



суханронии худ дар маросими кушодашавии иншооти зикршуда муовини Раиси шаҳри Душанбе Фаррух Ҷумазода.

Раиси ноҳияи Синои пойтахт Нусратулло Салимзода ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва ҶДММ "Бунёд-сифат" барои сохтмони майдончаи варзишӣ изҳори миннатдорӣ намуда, аз сокинони шаҳрак даъват кард, ки дар ободу зебо гардонидани маҳал ва шаҳрак саҳм гузоранд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова дар навбати худ иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон иқдомҳои созандаи Сарвари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ намуда, барои ободу зебо гардонидани гӯшаву канори ҷумҳурӣ, аз ҷумла пойтахти кишварамон саҳми арзандаи худро мегузорад ва сохтмони майдончаи варзишӣ давоми чунин тадбирҳост".

Дар замини ҳавлии майдончаи варзишию фароғатӣ ва гирду атрофи он беш аз 7,5 ҳазор адад гулҳои ороишиву дарахтҳои ҳамешасабз, 700 метри мураббаъ сабзазор шинонида шуда, барои нигоҳубин ва ҳамеша сабзу хуррам нигоҳ доштани ҳудуди он хатти об бо обмонакҳои махсус гузаронида шудааст.

Қобили қайд аст, ки майдончаи зикршуда дар масоҳати 0,22 га бо арзиши беш аз 840 ҳазор сомонӣ сохта шудааст. Иншооти варзишӣ аз майдончаи варзишӣ барои футбол, волейбол ва баскетбол, бозиҳои кӯдакона, айвончаҳо бо насби курсиҳои нишаст барои фароғати сокинон иборат буда, бо истифода аз таҷҳизоти муосири шаҳрсозӣ ва шаклу усулҳои нави сохтмонӣ бунёд гардидааст.

## БМТ: МЕЪЁРИ БОЗТАМВИЛ ДАР САТҲИ 14 ФОИЗИ СОЛОНА НИГОҲ ДОШТА ШУД

Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати бетағйир дар сатҳи 14,0 фоизи солона нигоҳ доштани меъёри бозтамвил қарор қабул кард. Қарори мазкур вобаста ба тағйирёбии вазъи имрӯзаи молиявию иқтисодии берунӣ ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар, раванди таваррум, дурнамои он бо дарназардошти омилҳои берунаи таъсиррасон, ҷиҳати таъмини самаранокии сиёсати пулию қарзӣ ва нигоҳдории таваррум дар давраи миёнамуҳлат дар сатҳи нишондиҳандаи мақсаднокӣ 7,0 фоиз (+/-2%) қабул гардид.

Аз аввали соли 2018 сатҳи таваррум раванди мӯътадил дорад,аз ҷумла дар моҳи апрел таваррумӣ солона 1,9 фоизро ташкил дод, ки асосан аз ҳисоби коҳишёбии нархи маҳсулотҳои хӯроквори ба вуқуъ пайваст.

Раванди мазкур дар маҷмуъ интизоршаванда буда, тамоили пасттари таваррум нисбат ба сатҳи дурнамо ва ҳадафи мақсаднок бештар аз ҳисоби арзоншавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ сурат гирифт. Омилҳои асосии таъсиррасон, ки боиси коҳишёбии назарраси таваррумӣ солона гардид, бо дарназардошти таъсири базавӣ бо якчанд омилҳо, пеш аз ҳама омили пешниҳодот, аз он ҷумла афзоиши истеҳсолу таклифоти маҳсулоти хӯроквори ва мӯътадилии сатҳи талаботу истеъмолоти дохилии он, инчунин тағйиру иловаҳои охирин ба қонунгузорӣ , ки тадриҷан ба мувозинатии бозори истеъмолии хӯроквори мусоидат кард, алоқаманд дорад. Илова бар ин, вазъи мӯътадили нархҳои ҷаҳонии маҳсулоти кишоварзӣ, аз он ҷумла истеҳсол ва пешниҳоди он дар минтақа фишорҳои иловагиро ба сатҳи нархҳои дохилӣ бартараф кард.

Дар навбати худ, вазъи мӯътадили бозори дохилии асъор ва қурби пули миллӣ дар семоҳаи аввал якҷоя бо татбиқи сиёсати пайгиронаи монетарӣ низ барои коҳишёбии интизориҳои таваррумии аҳолӣ мусоидат намуд.

Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, сатҳи таваррумӣ аслӣ, ки тамоюли дарозмуддати нархҳоро бе таъсири лаппишҳои кӯтоҳмуддат инъикос менамояд, мӯътадил боқӣ монда, бо арзёбии солона ба 1,8 фоиз расид. Ин нишондод аз маҳдуд будани таъсири омилҳои монетарӣ ба таваррум гувоҳӣ медиҳад.

Тибқи дурнамо пешбинӣ мегардад, ки тамоюли поёнравии таваррумӣ солона хусусияти кӯтоҳмуддат дошта, сатҳи он дар соли 2018 аз ҳадафи муқарраршуда (7,0% ±2 б.ф.) поёнтар ҷамъбаст хоҳад ёфт. Дар давраи миёнамуҳлат бошад, сар карда аз семоҳаи якуми соли 2019 таваррум ба сатҳи мӯътадили худ, яъне нишондиҳандаи мақсаднок бармегардад. Ба ин, пеш аз ҳама тадриҷан паст шудани таъсири омилҳои боло зикр мусоидат хоҳад кард.

Гарчанде таваррум дар сатҳи муътадил пешбинӣ шуда бошад ҳам, вобаста аз таъсири омилҳои хусусиятҳои берунӣ дошта ва фишорҳои қурбӣ, эҳтимолияти таъсири манфии фишорҳои мазкур ба устувории таваррум ва дигар нишондиҳанаҳои макроиқтисодӣ мавҷуданд. Бахусус,таҳримҳои татбиқшаванда нисбати шариконии калидии тиҷоратию иқтисодии Тоҷикистон ва шиддатнокии вазъи геосиёсӣ дар моҳи апрел номуайяниҳоро дар минтақа зиёд намуда, такон (шок)-ҳои мазкур ба вазъи молиявию иқтисодии кишвар (тавассути канали қурбӣ ва интиқоли пул) бетаъсир намонд.

Ҳамзамон, якчанд омилҳои иловагии таъсиррасон, аз ҷумла раванди болоравии меъёри фоизи сиёсати монетарии Низоми Захиравии Федералии ИМА, инчунин афзоиши талабот ба воридот дар ҷумҳурӣ (45% дар семоҳаи якуми соли 2018), бевосита ба мувозинатии талаботу таклифот дар бозори дохилӣ фишор оварда истодаанд.

Бинобар ин, ҷиҳати коҳиш додани таъсири хавфҳои потенсиалии тавaррумӣ, дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани интизориҳои таваррумӣ ва раванди муътадили сатҳи нархҳо дар давраи миёнамуҳлат, меъёри бозтамвил бетағйир дар сатҳи 14 фоизи солона нигоҳ дошта мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи миёнамуҳлат идома дода, дар мавриди маҳдуд гаштани хавфҳои таваррумӣ эҳтимолияти таҷдиди назар гардидани меъёри бозтамвилро бо дарназардошти баҳодиҳии хавфҳои таваррумӣ, раванди таваррум ва дурнамои он дар ҷаласаҳои навбатии Кумита баррасӣ хоҳад кард.



Ҷаласаи навбатии Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи нақша баргузор гардида, қарори навбатӣ тавассути сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон эълон хоҳад гашт.

### БУНЁДИ ХИЁБОНИ НАВ ДАР НАЗДИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти анҷом додани корҳои созандагӣ, ободониву бундёкорӣ, 11 майи соли 2018 дар назди бинои маъмурии Бонки миллии Тоҷикистон, воқеъ дар хиёбони Рӯдакии шаҳри Душанбе, барои сокинон ва меҳмонони пойтахти кишварамон боз як гулгашти нави зебо баҳри сайругашту истироҳати шаҳрвандон ба истифода дода шуд.

Қобили қайд аст, ки 13 апрели соли 2018 зимни боздид аз як қатор иншоотҳои пойтахт, аз ҷумла заминҳои наздиҳавлигии Бонки миллии Тоҷикистон, Кохи Ваҳдат ва дигар иншооти шафати кӯчаи марказии хиёбони Рӯдакӣ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ барои бунёди гулгашти замонавӣ, шинонидани гулу буттаҳои ороишӣ, ниҳолҳои ҳамешасабз, чароғонкунонӣ, сохтмони фавворaҳои зебо ва насби курсиҳо дар саҳни бинои Бонк баҳри фароғати шаҳрвандон ва ободонии пойтахти ватани азизамон – шаҳри Душанбе дастуру ҳидоятҳои муфид ироа намуданд.

Дар робита ба ин, саҳни ҳавлии Бонки миллии Тоҷикистон тибқи дастури Пешвои миллат бо навъҳои гуногуни гулу буттаҳои ҳамешасабз ва шукуфон оро ёфта, саҳни гулгашт баъди насби чароғҳо ва курсиҳо барои нишаст ба хиёбони зебои фароғативу истироҳатӣ табдил дода шуд.

Бунёди гулгашти нав, ки дар муддати камтарин анҷом ёфт, идомаи иқдомҳои созандагӣ дар соли Рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ буда, дар баробари фароҳам овардани шароити мусоид барои сайру гашт ва истироҳати сокинон ва меҳмонони пойтахт, ҳамзамон муаррифгари завқи баланди зебоиву озодакории сокинони пойтахт дар назди меҳмонони кишварамон хоҳад буд.

**Маводи ин бахшро хабарнигорони шуъбаи матбуоти БМТ ва маҷаллаи "БТҶ" таҳия карданд**

# SPRING MEETINGS

**2018** | WASHINGTON DC

16-22 апрели соли 2018, ИМА,  Вашингтон, SPING MEETINGS – 2018

# Самараи сафари ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ИМА

Иштироки роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷаласаҳои баҳории Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ (IMF/WB SPRING MEETINGS 2018)




Намояндагони расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, Намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор Илҳом Раҷабов ва роҳбарони воҳидҳои сохтории калидии БМТ дар доираи ҷаласаҳои баҳории Хазинаи байналмилалии асъор ва Бонки ҷаҳонӣ, ки дар шаҳри Вашингтони ИМА рӯзҳои 16-22 апрели соли 2018 баргузор гардиданд, якчанд мулоқоту машваратҳои судмандро анҷом доданд.

### ◙ СИРИЛ МУЛЛЕР: “БОНКИ ҶАҲОНӢ БАРОИ ТАВСЕАИ ҲАМКОРИҲО ОМОДА АСТ”

Дар вохӯрии ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Бонки ҷаҳонӣ, ки таҳти роҳбарии ноиби Президенти Бонки ҷаҳонӣ ҷаноби Сирил Муллер баргузор гардид, масоили ҳамкории дуҷонибаи судманд дар самтҳои гуногуни иқтисодиёт баррасӣ шуданд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев зимни суханрониҳо оид ба тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва дар ин замина эълон намудани мораторий барои санҷишҳо ҷиҳати рушди соҳибкорӣ, шароит ва имкониятҳои мусоид барои сармоягузорони хориҷӣ ва соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла гидроэнергетика, сайёҳӣ, низоми бонкӣ, дастрасӣ дар бозорҳои коғазҳои қиматноки ҷаҳонӣ ва баркарор намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ бо бонкҳои ИМА маълумоти муфассал манзур намуданд.

Зимни мулоқот ҷониби Тоҷикистон диққати махсусро ба иштироки Бонки ҷаҳонӣ дар татбиқ ва анҷоми саривақти сохтмони иншооти бузурги дорои аҳамияти минтақавӣ - лоиҳаи Нерӯгоҳи барқи обии (НБО) Роғун, ки бунёди он бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон




мухтарам Эмомалӣ Раҳмон босуръат идома дорад, инчунин барои ширкат дар лоиҳаҳои дигар, аз қабили CASA - 1000 равона сохт.

Ноиби Президенти Бонки ҷаҳонӣ ҷаноби Сирил Муллер дар рафти мулоқот барои тавсеа бахшидани ҳамкорӣ ва татбиқи лоиҳаҳои алоҳида дар соҳаи гидроэнергетика, кишоварзӣ, бахши хусусӣ дар минтақаҳои дурдаст, дастрасии аҳолии ноҳияҳои дурдаст ба хизматрасониҳои молиявӣ, рушди омилҳои инсонӣ изҳори омодагӣ намуд. Дар маҷмӯъ, барои татбиқи лоиҳаҳои Бонки ҷаҳонӣ дар асоси стратегияи миёнамуҳлат ҷиҳати дастгирии рушди устувори низоми молиявию бонкӣ дар доираи имкониятҳои мавҷуда аз ҷониби ноиби Президенти Бонки ҷаҳонӣ ҷаноби Сирил Муллер изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

Ҷаноби Тао Чжан изҳор дошт, ки барои вусъат бахшидани ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон монеа вуҷуд надорад ва ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои судманди дуҷониба ва бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҷалби шарикони ХБА чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар доираи ҷаласаҳои баҳории Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор (IMF/ WB Spring meetings 2018) роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо муовини Директори Хазинаи байналмилалии асъор ҷаноби Тао Чжан мулоқоти корӣ доир намуд. Дар он ҷонибҳо масъалаҳои вусъат бахшидани ҳамкориҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт, низоми молиявию бонкӣ ва мусоидат дар фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вобаста ба ин таҳияи барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар ҷараёни вохӯрӣ пешниҳод намуд, ки барои дар заминаи таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ дар ин самт омода намудани мутахассисони варзида аз ҷониби Хазинаи байналмила-



лии асъор дар минтақа Маркази такмили ихтисос таъсис дода шавад. Вобаста ба ин, ҷаноби Тао Чжан изҳор дошт, ки барои вусъат бахшидани ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ягон монеа вуҷуд надорад ва ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳои судманди дуҷониба ва бисёрҷониба бо Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ҷалби шарикони ХБА чораҳои зарурӣ андешида мешаванд.

Дар ҷамъбасти ин мулоқот Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода омодагии хешро барои таҳким бахшидани ҳамкориҳои судманд бо Хазинаи байналмилалии асъор, бахусус дар ояндаи наздик барои татбиқи барномаи нав изҳор намуд. Дар ин самт даъват гардид, ки ҷонибҳо ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои рушд ва нигоҳдории суботи молиявию бонкӣ андешидани чораҳои заруриро ба роҳ монанд.

## ОҒОЗИ БАРНОМАИ НАВИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ МАВЗӮИ АСОСИИ МАШВАРАТ БУД

Дар идомаи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо сардори ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор оид ба Тоҷикистон хонум Падамжа Ханделвал баҳри вусъат бахшидани ҳамкориҳои судманд вохӯрӣ гузарониданд. Ҷонибҳо дар атрофи мавзӯи асосии мулоқоти корӣ - оғози Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Хазинаи байналмилалии асъор табодули назар намуданд. Аз ҷумла, дар рафти суҳбат Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз дошт, ки ҷиҳати иҷрои тавсияҳои Хазинаи байналмилалии асъор як қатор корҳо ба анҷом дода шуда, барои қабули Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст.

Дар робита ба ин, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев дар бораи оғоз намудани Барномаи нави Хазинаи байналмилалии асъор, ки барои таъмини суботи



> Масъалаи ҳамкорӣ барои оғози Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) инчунин дар мулоқоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо Директори Департаменти ХБА оид ба кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ Ҷиҳад Азур муҳокима гардид.

молиявӣ, татбиқи сиёсати босамари монетарӣ ва таҳкими низоми бонкӣ мусоидат менамояд, изҳори назар намуд. Ҷамолиддин Нуралиев, аз ҷумла, бо назардошти корҳои анҷомдодашуда дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт ва нишондиҳандаҳои муътадили иқтисодии кишвар дар чанд соли охир, ба вусъат бахшидани раванди оғози барнома бо назардошти ислоҳоти имконпазир даъват ба амал овард.



Роҳбари ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор оид ба Тоҷикистон хонум Падамжа Ханделвал дар робита ба пешниҳодҳои манзуршуда изҳор дошт, ки муҳокимаи минбаъда оид бо ҳамкории ҷонибҳо дар самтҳои баррасишуда дар рӯзҳои наздик, яъне дар доираи сафари ҳайати ХБА ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор хоҳад гирифт.

Масъалаи ҳамкорӣ барои оғози Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА) инчунин дар мулоқоти роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо Директори Департаменти ХБА оид ба кишварҳои Шарқи Наздик ва Осиёи Марказӣ Ҷиҳад Азур муҳокима гардид. Зимни мулоқот ҷонибҳо масъалаи тавсеа додани ҳамкорӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои нав дар самти расонидани кумакҳои техникӣ ба низоми бонкии мамлакат, мусоидат дар барқарор намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ дар минтақа, зарурати барномаи нав ва саҳми он дар таҳкими суботи иқтисодӣ ва мусоидат ба ислоҳоти сохтории васеъ, бахусус дар бахши молия ва низоми бонкӣ ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои бухрони молиявиро баррасӣ намуданд.

Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон инчунин дар вохӯрӣ бо ҳайати Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР) таҳти роҳбарии ноиби Президенти ин бонк ҷаноби Юрген Ригторинг масоили рушди ҳамкориҳо дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла ҷалби сармоягузорӣ, иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои соҳаи гидроэнергетика ҳамчун соҳаи афзалиятнок муҳокима намуданд. Аз ҷумла, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз БАТР даъват ба амал овард, ки дар татбиқи лоиҳаи НБО “Роғун” ширкат варзида, дар таҳким бахшидани ҳамкорӣ дар ин самт саҳм гузорад. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ҳамзамон аз фароҳам омадани фазои мусоид барои сармоягузорӣ сухан карда, аз сатҳи ҳамкории БАТР бо Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори қаноатмандӣ намуд.

## ◙ МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ ДЕПАРТАМЕНТИ ХАЗИНАДОРИИ ИМА

Ҳамчунин дар ҷараёни ҷаласаҳои солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо ҳайати Департаменти хазинадории ИМА вохӯрӣ барпо намуданд.

Дар он Департаменти хазинадории ИМА бо иқдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муҳайё намудани шароити мусоиди сармоягузорӣ, кафолат ва имтиёзҳо ба сармоягузорони хориҷӣ шинос карда шуд. Аз ҷумла, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода вобаста ба як қатор навовариҳо ва ислоҳот дар низоми бонкии ҷумҳурӣ, корҳо дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм (МҚД/МТ) ва стратегияи солимгардонии низоми бонкии кишвар маълумоти муфассал





пешниҳод намуда, ҳавасмандии худро барои барқарор намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ дар минтақа, ки ба рушди на танҳо низоми бонкӣ, балки иқтисодиёти кишвар низ мусоидат мекунанд, изҳор намуд.

Дар идомаи ҷаласа намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар таҳти роҳбарии муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев бо мақсади барқарор намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ ва тавсеаи ҳамкориҳо дар бахши низоми бонкӣ бо намояндагони Департаменти хазинадории ИМА машварат доир карданд. Роҳбарони бонкҳои кишвар ҳавасмандӣ ва омодагии худро барои ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотии бонкӣ бо бонкҳои ИМА изҳор намуданд. Ҳайати Департаменти хазинадории ИМА барои оғози ҳамкорӣ дар ин самт омодагии хешро баён намуда, иброз доштанд, ки пешниҳодҳои зикршуда, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода хоҳанд шуд.

Дар доираи ҷаласаҳои зикргардида роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ва Вазорати молия бо ҳайати Агентии кафолати сармоягузории бисёрҷониба (MIGA) оид ба иштирок дар татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла соҳаи энергетика муҳокимаронӣ намуданд. Ҷониби Агентии кафолати сармоягузории бисёрҷониба (MIGA) изҳор дошт, ки бо назардошти пешниҳод шудани маълумотҳои зарурӣ тибқи талаботҳои MIGA дар мувофиқаи тарафайн, масъалаи мазкур мавриди омӯзиш қарор хоҳад гирифт. Қобили қайд аст, ки MIGA ташкилоти зертобеи Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ буда, мақсади асосии фаъолияти он зиёд намудани сармоягузориҳои мустақим тавассути пешниҳоди кафолат аз хавфҳои сиёсӣ ва пурзӯр намудани иқтидори қарзгирии давлатҳои аъзои Бонки ҷаҳонӣ ба шумор меравад.

Дар мулоқоти навбатии роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо ноиби Президенти Бонки сармоягузории Аврупо Вазил Ҳудак, ки дар доираи силсилаҷаласаҳои баҳорӣ баргузор гардид, ҷонибҳо дар масъалаи мавҷуд будани захираҳои зарурии гидроэнергетикӣ, ҷалби сармоягузорӣ ба ин соҳаи судовар, иштироки Бонки

мазкур дар татбиқи лоиҳаҳои гуногуни барои иқтисодиёти Тоҷикистон муҳим ибрози назар намуданд.

Роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон зимни вохӯрӣ Вазил Худакро бо иқтидори гидроэнергетикии кишвар, татбиқи лоиҳаи НБО "Роғун" ва махсусан бо аҳамияти минтақавии он шинос намуда, ҷиҳати татбиқ намудани ин лоиҳа ва лоиҳаҳои дигари сармоягузорӣ Бонки сармоягузории Аврупоро ба ҳамкорӣ даъват намуданд. Ҷонибҳо инчунин масоили ҳамкорӣ дар самти низоми бонкӣ-молиявӣ ва бахши хусусиро барраси карданд.

## ВОХӮРӢ БО РАИСИ БОНКИ МИЛЛИИ ШВЕЙТСАРИЯ ТОМАС ҶОРДАН

Дар вохӯрие, ки роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо раиси Бонки миллии Швейтсария Томас Ҷордан ва вазири молияи Швейтсария Ули Мауер баргузор гардид, аз сатҳи ҳамкориҳои судманд дар доираи Гурӯҳи давлатҳои минтақа дар ХБА/БҶ, ки сарпарастии онро Швейтсария ба уҳда дорад, ибрози қаноатмандӣ карда шуд. Ҷониби Тоҷикистон барои бартараф намудани таъсири буҳрони молиявӣ ва дар амал татбиқ намудани ислоҳоти пешбинишуда зарурати оғози Барномаи нави ХБА барои Тоҷикистонро (бо назардошти он ки барномаи охир барои кишвари мо соли 2009 тарҳрезӣ шуда буд) муҳим арзёбӣ намуд.









Дар рафти мулоқоти намояндагони расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода ва намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор Илҳом Раҷабов дар доираи ҷаласаҳои баҳории зикршуда бо ҳайати Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) мавзӯи ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт, аз ҷумла татбиқи лоиҳаҳои CASA-1000, НБО "Роғун" ва ҳамкорӣ ҷиҳати рушди бахши хусусӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо қарор гирифт.

Ҳамзамон, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода оид ба таҷдид ва таҳкими қонунгузории соҳаи бонкӣ ва мутобиқ намудани онҳо ба меъёрҳои байналмилалӣ сухан кард. Зикр гардид, ки ислоҳоти мазкур дар соҳаи қонунгузории бонкӣ ба таъмини шаффофият ва рушди соҳа мусоидат хоҳад кард.

Дар мулоқотҳои мазкур Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода низ ширкат варзида, дар хусуси ислоҳот дар бахшҳои иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаи буҷету андоз маълумот дода, оид ба иқдом ва лоиҳаҳои дар дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт амалишаванда, мавҷуд будани захираҳои гидроэнергетикӣ барои рушди соҳа маълумот дод.

Бояд қайд кард, ки раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва роҳбарони воҳидҳои сохтории калидии БМТ дар доираи ҳафтаи ҷаласаҳои солонаи Хазинаи байналмилалии асъор ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ - Spring meetings 2018, ки 16 - 22 апрели



соли 2018 дар шаҳри Вашингтони ИМА доир гашт, масъалаҳои тавсеа бахшидани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро дар самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт, аз ҷумла бахши воқеии иқтисодиёт, низоми молиявӣ ва бонкӣ, соҳаи энергетика ва дигар бахшҳои муҳимми иқтисодиёт арзёбӣ намуданд.

## ◙ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ МУНОСИБАТҲОИ МУРОСИЛОТИИ БОНКИИ КИШВАРҲО БАРРАСӢ ГАРДИД

Иштироки ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои ватанӣ дар семинари Хазинаи байналмилалии асъор:"Қатъ гардидани муносибатҳои муросилотии бонкӣ дар мамлакатҳои минтақаи Қафқоз ва Осиёи Марказӣ"

Ҳайати Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарии муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев ва ташкилотҳои қарзии ватанӣ 18 апрели соли 2018 дар ҷаласаи сатҳи баланд дар мавзӯи “Қатъ гардидани муносибатҳои муросилотии бонкӣ дар мамлакатҳои минтақаи Қафқоз ва Осиёи Марказӣ“, ки бо иқдоми Хазинаи байналмилалии асъор, Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар шаҳри Вашингтони ИМА баргузор гардид, ширкат варзиданд.
Дар чорабинии мазкур дар қатори намояндагони низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин, ҳайати ҷумҳуриҳои Арманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва намояндагони бонкҳои муросилотии ҷаҳонӣ,





институтҳои байналмилалии молиявӣ ва мақомоти танзимкунанда иштирок доштанд.

Дар ҷаласа муовини Директори Хазинаи байналмилалии асъор Тао Чжан, муовини Дабири кулли Шӯрои суботи молиявӣ Рупер Торн, сардори хадамоти Департаменти низоми пулию қарзӣ ва бозорҳои сармояи ХБА Анантакришнан Прасад, мутахассиси бахши молияи Бонки ҷаҳонӣ Эмилӣ ван дер Дус де Виллбуа баромад намуда, оид ба нақши ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти муносибатҳои муросилотии бонкии кишварҳо ва саҳми онҳо дар мусоидат ба муколамаи байналмилалӣ ва

дастгирии мақомоти расмии давлатҳо дар таҳкимбахшии сиёсати давлат дар самти коҳиш додани хавфҳои қатъ шудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ ва бартараф намудани оқибатҳои манфӣ баҳодиҳӣ карда шуд. Дар рафти чорабинӣ инчунин масъалаи риояи қонунгузории МКД/МТ, малакаи нозирони комплайнси бонкҳо, фаъолият тибқи стандартҳои байналмилалӣ ва тавсияҳои ФАТФ, инчунин таҳким бахшидани робитаи бонкҳо бо бонкҳои муросилотии хориҷӣ бо мақсади ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ, вусъат бахшидани назорат аз ҷониби мақоми танзимгар, таъмини шаффофияти бонкҳо ва ҳифзи амнияти иттилоотӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Дар қисмати муҳокима намояндагони низоми бонкии як қатор кишварҳо суханронӣ намуданд. Аз ҷумла, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев вобаста ба имконияти ХБА дар таҳким бахшидани муколамаи мусоид ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти муносибатҳои муросилотии бонкӣ барои кишварҳои минтақа, инчунин саҳми ширкатҳои консалтингӣ дар таҳкими муносибатҳои муросилотӣ ва имконияти роҳбаладии ХБА барои муколамаи мусоид дар минтақа ҷиҳати рушди иқтисодиёт ва суботи молиявӣ андешаҳои худро баён намуд.

> Дар ҷаласа муовини Директори Хазинаи байналмилалии асъор Тао Чжан, муовини Дабири кулли Шӯрои суботи молиявӣ Рупер Торн, сардори хадамоти Департаменти низоми пулию қарзӣ ва бозорҳои сармояи ХБА Анантакришнан Прасад, мутахассиси бахши молияи Бонки ҷаҳонӣ Эмилӣ ван дер Дус де Виллбуа баромад намуданд.

Доир ба саҳми институтҳои байналмилалии молиявӣ ва нақши онҳо дар ҳалли мушкилоти муносибатҳои муросилотии бонкӣ, инчунин, муовини якуми Раиси ҶСК "Ориёнбонк" Шухрат Исматуллоев, раиси ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд" Энтем Гиямшо Лама ба суолҳои худ посух гирифтанд. Дар муҳокимаи мазкур инчунин намояндагони низоми бонкии Ҷумҳурии Озарбойҷон иштироки фаъол дошта, як қатор пешниҳодҳо карданд. Оид ба пурзӯр намудани муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм, (МКД/МТ СҚО) директори Департаменти мониторинги молиявӣ Файзулло Файзуллозода низ ибрози андеша намуд.

Дар идомаи кори семинар иштирокдорон тағйиротҳои минтақавӣ дар соҳаи муносибатҳои муросилотии бонкӣ ва табодули таҷриба ҷиҳати ба амал омадани як намуди ҷунбиш дар кишварҳои худро муҳокима намуданд.

Дар бахши дигари ҷаласа қарорҳо дар заминаи бахши хусусӣ, муколамаи байни бонки муросил бо бонки респондент дар бораи қарорҳои мушаххаси соҳа бахри беҳбудии раванди мушаххас (идентификатсия) кардани муштариён, санҷиш ва табодули маълумот дар бораи муштариён ва бенефитсиарҳои онҳо мавриди муҳокима қарор гирифт. Дар рафти муҳокима пайомадҳои эҳтимолӣ, мӯҳлати амалӣ шудани қарорҳо ва монеаҳо дар қабули қарорҳои соҳа баррасӣ гардиданд.

Директори Департаменти ХБА оид ба Шарқи наздик ва Осиёи марказӣ ҷаноби Ҷиҳад Азур кори ҷаласаро ҷамъбаст намуда, чунин гуфт: “кор дар самти муносибатҳои муросилотии бонкӣ идома меёбад ва ҳар як муҳокимароние, ки барпо гардид, бояд дар амал татбиқ карда шавад. Ҳамин тариқ, муколамаи байни бонкҳои муросил ва бонкҳои респондент ба хотири ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотии бонкӣ идома ёфта, ҳар як иштирокдор дар ин самт бояд саҳмгузорӣ намояд ва барои ба ҳадаф расидан тамоми талаботҳои заруриро иҷро намояд. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани маълумоти боз ҳам мукаммал тадқиқоти иловагӣ дар ин самт гузаронида мешавад ва дар дурнамо самтҳои асосӣ барои татбиқи муносибатҳои муросилотии бонкӣ муайян карда хоҳанд шуд”.



## МУЗОКИРА БО ҲАЙАТИ ШИРКАТИ КОНСАЛТИНГИИ "NAVIGANT"

Дар доираи сафари корӣ ба ш. Вашингтони ИМА, ки 16-22 апрели соли 2018 дар чорчӯбаи ҷаласаҳои баҳории ХБА ва Бонки ҷаҳонӣ доир гашт, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев як қатор мулоқоту вохӯриҳои судманд доир намуд.

Аз ҷумла, дар машварати корӣ таҳти роҳбарии муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва иштироки ташкилотҳои қарзӣ бо ҳайати Ширкати консалтингии "NAVIGANT" масъалаҳои нақши муносибатҳои муросилотӣ ва имконияти барқарор намудани онҳо мавзӯи асосии баррасии ҷонибҳо қарор гирифт.

Ҷамолиддин Нуралиев баъди муаррифии ташкилотҳои қарзии ватанӣ ба намояндагони Ширкати консалтингии "NAVIGANT", доир ба вазъи феълии низоми бонкии Тоҷикистон маълумоти муфассал манзур намуд. Номбурда махсус таъкид кард, ки барқарор намудани муносибатҳои муросилотии бонкӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва Қафқоз ба рушди воқеии на танҳо низоми бонкӣ, балки иқтисодиёти кишварҳои минтақа, вазъи молии онҳо мусоидат хоҳад кард, ки низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин раванд ҳавасманд мебошад.

Директори Ширкати консалтингии ""NAVIGANT" Еллен Зимилес дар бораи хизматрасониҳое, ки барои ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ ба бонкҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд, аз ҷумла, бо истифода аз таҷрибаи мавҷуда бо бонкҳои давлатҳои гуногун ба ҳозирин муаррифии муфассал пешниҳод намуд.

Дар қисмати муколама, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, ки ҳайати бонкҳои ватаниро роҳбаладӣ мекард, дар хусуси то кадом андоза мусоидат намудани хулосаи ширкати мазкур барои барқарор намудани муносибатҳои муросилотии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар минтақа ва самтҳои дигари хизматрасонии ширкат суол кард. Дар ҷавоб оид ба талаботи ИМА ҷиҳати ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ бо бонкҳои давлатҳои дигар, таъмини амният ва мутобиқат ба стандартҳои байналмилалӣ, таъмини мониторинги доимии фаъолияти бонкҳои барои ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ ҳавасманд, бахусус назорати доимӣ ва мониторинги амалиётҳо муҳим арзёбӣ шуд. Зимни машварати корӣ намояндагони бонкҳои кишвар низ вобаста ба хизматрасониҳои ширкати номбурда, имкониятҳои ҳамкорӣ ва талаботҳои ширкат муколамаи пурмуҳтаво доир намуданд.

Дар ҷамъбасти мулоқот муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ба намояндагони Ширкати консалтингии "NAVIGANT" барои тавсияҳои муфид дар бахши муносибатҳои муросилотӣ изҳори миннатдорӣ кард, бонкҳои ватанӣ бошанд, барои идома додани ҳамкорӣ бо ташкилоти мазкур таваҷҷуҳ зоҳир намуданд.

Бояд гуфт, ки дар мулоқоту чорабиниҳои мазкур намоян-

дагони ташкилотҳои қарзии ватанӣ, аз ҷумла БДА ҶТ "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк", ҶСК "Спитаменбонк", ҶСК "Эсхата", ҶСП "Аввалин бонки молиявии хурд", ҶСК "Соҳибкорбанк", ҶСК "Тоҷиксодиротбонк" ва ҶДММ ТАҚХ "Арванд" ширкат варзиданд.

### МАШВАРАТИ КОРӢ БО НАМОЯНДАГОНИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

Дар доираи ҷаласаҳои баҳорӣ (шаҳри Вашингтони ҳавзаи Колумбия (ИМА) бо иштироки муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва намояндагони Бонки ҷаҳонӣ машварати корӣ баргузор гардид.

Зимни машварат ҷонибҳо оид ба раванди татбиқи лоиҳаи “Баланд бардоштани рақобатнокии бахши хусусӣ” дар самти таҷдиди инфрасохтори низоми молиявӣ андешаҳои худро баён намуда, барои таҳким бахшидани ҳамкорӣ ҷиҳати идома ёфтани лоиҳаи мазкур ибрози назар намуданд. Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев оид ба компоненти 4-и лоиҳа дар бораи “Беҳтар намудани инфрасохтори молиявӣ”, раванди

> Директори Ширкати консалтингии ""NAVIGANT" Еллен Зимилес дар бораи хизматрасониҳое, ки барои ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ ба бонкҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд, аз ҷумла, бо истифода аз таҷрибаи мавҷуда бо бонкҳои давлатҳои гуногун ба ҳозирин муаррифии муфассал пешниҳод намуд.

татбиқи он, тадбирҳои андешидашуда дар бахши мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зарурати идома додани ин лоиҳа баҳри рушди инфрасохтори низоми пардохт мавқеи худро иброз намуд.

Ҷониби Бонки ҷаҳонӣ оид ба итмом расонидани нақшаҳои пешбинишудаи лоиҳаи мазкур ва дар хусуси таҳким бахшидани раванди иҷроиши баъзе аз қисмҳои дахлдори он таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуд.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев дар доираи сафари корӣ инчунин бо муовини Директори Департаменти бозорҳои пулӣ ва сармояи Хазинаи байналмилалии асъор ҷаноби Ҷиҳад Алвазир вохӯрӣ гузаронида, масъалаи татбиқи барномаи нави ислоҳоти иқтисодии ХБА барои Тоҷикистон, инчунин мусоидат ба кумакҳои техникӣ дар самти татбиқи ислоҳот дар сиёсати монетарӣ, аз ҷумла бо истифода аз фишангҳои муосир бо роҳи гузаштан ба ҳадафгирии таваррумӣ мавриди баррасӣ қарор дод.

Ҷонибҳо дар мулоқоте, ки дар фазои ҳамдигарфаҳмӣ ва хеле мусоид баргузор гардид, барои дар оянда тавсеа бахшидани ҳамкориҳо дар бахшҳои гуногуни низоми бонкӣ изҳори омодагӣ намуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар мулоқот намояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Бонки ҷаҳонӣ ва Хазинаи байналмилалии асъор Илҳом Раҷабов, роҳбарони воҳидҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон, роҳбари ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор оид ба Тоҷикистон хонум Падамжа Ханделвал ва як қатор намояндагони сохторҳои ХБА ширкат варзиданд.

**Мавҷуда Ҳасанова,**
**сардори Шуъбаи матбуоти БМТ.**



**Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон меҳмонони гиромӣ аз Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиёро (Шӯрои машваратӣ) бо омодагии ҳамаҷониба истиқбол гирифт.**

# Гулистон: “ҲАМОИШИ АУДИТОРОНИ БОНКҲОИ МАРКАЗИИ АВРОСИЁ САМАРАБАХШ ҶАМЪБАСТ ГАРДИД”

Ҷаласаи навбатии Шӯрои машваратӣ рӯзҳои 24-26 апрели соли равон дар Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон, ки дар яке аз гӯшаҳои зеботарини кишвари сарсабзу офтобрӯяи мо – соҳили баҳри Тоҷик ҷойгир аст, баргузор шуд.

Қобили қайд аст, ки соли 2017 дар ҷаласаи Шӯрои машваратӣ, ки дар шаҳри Остона (Қазоқистон) барпо гашта буд, қарор қабул карда шуд, ки ҷаласаи 5-уми Шӯрои машваратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шавад.

Дар ҷаласаи мазкур шаш нафар аъзои Шӯрои машваратӣ - Сараудитори Бонки Маркази Федератсияи Русия Горегляд Валерий Павлович, сардори Сарраёсати аудити дохилии Бонки миллии Ҷумҳурии Беларус Батуритская Татяна Сигизмундовна, роҳбари Хадамоти аудити дохилии Бонки марказии Ҷумҳурии Арманистон Чалабян Ара Мкртичевич, роҳбари Хадамоти аудити дохилии Бонки миллии Ҷумҳурии Қирғизистон Шаршенова Бюбюмариям Валибековна, муовини директори Депар-

таменти аудити дохилии Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон Ахметова Раушан Кенжебековна ва директори Департаменти аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон Абибуллоев Назулло, дигар намояндагони хадамоти аудити дохилии бонкҳои марказии (миллии) мазкур ва инчунин мутахассисони Идо-машваратӣ иштирок намоянд ва бо дастгирию ризояти аъзои Шӯро дар кори ҷаласа Сараудитори Бонки Рушди Осиё Хок Чай Онг ва аудитори Бонки мазкур Мочинова Надежда Александровна ширкат намуданд, ки ин ибтикор боиси боз ҳам тавсеа ёфтани доираи иштирокчиён ва ҷолибтар гаштани ин чорабидавлатҳои иштирокдори Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё таъсис дода шудааст. Он мақоми машваратию маслиҳатӣ буда, дар фаъолияти худ қарорҳои Шӯрои роҳбарони бонкҳои марказӣ (миллӣ) ва Низомномаи Шӯрои машваратиро раҳнамои амал қарор медиҳад.

Шӯрои машваратӣ бо мақсади




раи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон ва Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ширкат варзиданд.

Зимнан, имсол намояндагони Бонки Рушди Осиё низ дархост пешниҳод карданд, то дар ҷаласаи навбатии Шӯрои нии муҳим гардид.

Дар ибтидо қайд менамоем, ки Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои иштирокдори Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё мутобиқи қарори Шӯрои роҳбарони бонкҳои марказии (миллии) ҳамоҳангсозии фаъолияти бонкҳои марказӣ (миллӣ) бахри амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба табодули таҷриба дар соҳаи аудити дохилӣ ва татбиқи натиҷаҳои ҳамкориҳои судманд дар самтҳои марбута таъсис ёфтааст.

Дар раванди фаъолияти

худ Шӯрои машваратӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои асосии зерин тадбирҳо андешида, тибқи нақша корҳои зарурӣро анҷом медиҳад:

- таҳияи лоиҳаҳои санадҳои муштарак оид ба масъалаҳои таъминоти методӣ ва иттилоотию таҳлилии воҳидҳои аудити дохилӣ барои баррасӣ дар ҷаласаи Шӯрои АврОсиёгии бонкҳои марказӣ (миллӣ);
- пешниҳоди тавсияҳо ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии кори воҳидҳои аудити дохилии бонкҳои марказӣ (миллӣ);
- таъмини ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар самти омодасозӣ ва анҷом додани тадқиқоти муштараки самаранокии назорати дохилӣ ва идорасозии хавфҳо ҳангоми амалӣ намудани аудити дохилии бонкҳои марказӣ (миллӣ);
- ташкил ва гузаронидани семинарҳои минтақавӣ ва вохӯриҳо бахри табодули таҷриба миёни кормандони хадамоти аудити дохилии бонкҳои марказӣ (миллӣ);
- баррасӣ ва таҳлили иттилооти бонкҳои марказӣ (миллӣ) дар хусуси иҷрои қарорҳои Шӯрои АврОсиёгии бонкҳои марказӣ (миллӣ) оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои машваратӣ дохил мешаванд;
- дар ҳолатҳои зарурӣ таъсис додани гурӯҳҳои корӣ барои таҳияи лоиҳаҳои санадҳо ва даъват намудани ҷаласаҳои машваратӣ доир ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти Шӯрои машваратӣ дохил мешаванд;
- амалӣ намудани корҳои дигар, тибқи мақсаду вазифаҳои Шӯрои машваратӣ.

> **Шӯрои машваратӣ бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти бонкҳои марказӣ (миллӣ) бахри амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба табодули таҷриба дар соҳаи аудити дохилӣ ва татбиқи натиҷаҳои ҳамкориҳои судманд дар самтҳои марбута таъсис ёфтааст.**

Раиси Шӯрои машваратӣ - директори Департаменти аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон Назулло Абибуллоев ба кори ҷаласа ҳусни ифтитоҳ бахшида, меҳмонони дуру наздикро дар ин фасли нотакрори табиат ба яке аз гӯшаҳои зебою дилрабои кишвари офтобии мо – соҳили бахри Тоҷик хайрамақдам гуфт ва қайд намуд, ки бо Қарори Шӯрои машваратӣ имсол ҷаласаи 5-уми Шӯро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуда истодааст. Номбурда изҳор дошт, ки шояд бархе аз меҳмонони арҷманд бори нахуст ба кишвари азизи мо ташриф овардаанд, бинобар ин кӯшиш ба харҷ медиҳем, то дар замирашон таассуроти неку хотирмон боқӣ бимонад. Ҳарчанд ҳамоиши серӯза барои ин муҳлати хеле кӯтоҳ аст, вале мо бо кумаки шумо онро самаранок истифода намуда, масъалаҳои пешбинишударо мавриди баррасию муҳокима қарор медиҳем ва ин ҷаласаро дар фазои мақбули дӯстона баргузор хоҳем кард, - зикр намуд Н. Абибуллоев.

Сипас, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова расман аз номи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон ба аъзои Шӯрои машваратӣ барои ташриф ва иштирокашон дар ҷаласа изҳори сипос намуда, дар кори ҷаласа барору комёбӣ орзу намуд. Ҳамзамон ибрози умедворӣ намуд, ки фаъолияти Шӯрои машваратӣ дар рушду тавсеаи ҳамкориҳои мутақобила, таҳияву такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани малакаю тахассуси аудиторони бонкҳои марказии кишварҳои иштирокдор саҳми босазо хоҳад гузошт. Итминони комил дорам, - гуфт Лола Салимова, - ки ин ҷаласа дар самти мубодилаи таҷриба миёни иштирокчиён нақши муҳиму муассир мегузорад ва бахри такмилу пешрафти фаъолияти аудиторони дохилии бонкҳои марказии (миллии) кишварҳои аъзои Иттиҳоди Иқтисодии АврОсиё таҳрику такони нав мебахшад.

Тибқи барномаи Шӯрои машваратӣ, дар ҷараёни кори ҷаласа масъалаҳои зерин мавриди баррасию муҳокима қарор дода шуданд:

- табодули таҷрибаи бонкҳои

маркази (миллӣ) оид ба масъалаҳои аудити идоракунии фаъолияти низоми пардохт ва назорат аз рӯи он;

- табодули таҷрибаи бонкҳои марказӣ (миллӣ) оид ба аудити идоракунии раванди таъмини муомилоти пули нақд ва ҳамлу нақли пули нақд;

- табодули таҷрибаи бонкҳои марказӣ (миллӣ) оид ба гузаронидани баҳодиҳии дохилӣ ва берунии сифати фаъолияти аудити дохилӣ;

- табодули таҷриба оид ба хизматрасонии машваратӣ аз ҷониби хадамоти аудити дохилии бонкҳои марказӣ (миллӣ);

- табодули таҷрибаи бонкҳои марказӣ (миллӣ) оид ба истифодаи таъминоти барномавӣ бо мақсади автоматисозии фаъолияти аудити дохилӣ.

Дар робита ба мавзӯъҳои номбаршуда намояндагони хадамоти аудити дохилии бонкҳои марказӣ (миллӣ), аз ҷумла муовини якуми директори Департаменти аудити дохилии Бонки Марказии Федератсияи Русия Лауфер М.А., муовини директори Департаменти аудити дохилии Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон Ахметова Р.К., директори Хадамоти аудити дохилии Бонки Марказии Арманистон Чалабян А.М., сардори Сарраёсати аудити дохилии Бонки миллии Ҷумҳурии Беларус Батуритская Т.С., директори Департаменти аудити дохилии Бонки миллии Тоҷикистон Абибуллоев Н., муовини директори Департамент – сардори шуъбаи ташкил ва ҷамъбасти фаъолияти аудиторӣ Холиқов Б., сардори шуъбаи аудити молиявии Департаменти аудити дохилӣ Шамсова Ё. ва сардори бахши аудити технологияҳои иттилоотии Департаменти аудити дохилӣ Умаров А. маърӯзаҳо (презентатсияҳо) манзур намуда, таҷрибаи худро дар самтҳои мазкур шарҳу тавзеҳ доданд ва ба саволҳои иштирокчиён посух гуфтанд.

Ҳамчунин, дар ҷараёни кори ҷаласа намояндаи Бонки Рушди Осиё Мочинова Н.А. роҷеъ ба мавзӯи “Ташаббусҳои Бонки Рушди Осиё оид ба рушди иқтидори бахши давлатӣ дар соҳаи аудит” маърӯза намуда, таваҷҷуҳи иштирокдоронро ба масъалаи имкониятҳо ва иқдомоти Бонки Рушди Осиё дар самти ҳамкориҳои мутақобила ҷалб намуд.

Қайд кардан зарур аст, ки маводи муфассали ҷаласаи мазкур ба иштирокчиён пешниҳод карда шуд ва яқин метавон гуфт, ки дар фаъолияти минбаъдаи кории онҳо ҳамчун дастури амал мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Дар ҷамъбасти ҷаласа оид ба масъалаҳои рӯзнома қарорҳои дахлдор қабул гардиданд.

Дар маҷмӯъ, ташкилу баргузорӣ ва натиҷаҳои ҷаласаи 5-уми Шӯрои машваратиро иштирокдорони он дар сатҳи баланд арзёбӣ намуданд. Аз ҷумла, зимни сӯҳбат бархе аз онҳо қаноатмандии худро аз натиҷаҳои ҷаласа изҳор дошта, таассуроти худро аз ташрифашон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ифода намуданд:



Батуритская Татяна Сигизмундовна – сардори Сарраёсати аудити дохилии Бонки миллии Ҷумҳурии Беларус:

*“Иҷозат фармоед, сипосмандии худро барои дар сатҳи олӣ ташкилу баргузор намудани ҷаласаи Шӯрои машваратӣ ва барои илтифоту меҳмоннавозии самимӣ изҳор намоям. Ман ба Тоҷикистон ва мардуми меҳрубони он дил бастам. Ин сарзамин аз ҷумлаи ангуштшумор кишварҳоест, ки мехоҳам бори дигар ба он баргардам.”*



Лауфер Михаил Анатолевич - муовини якуми директори Департаменти аудити дохилии Бонки Марказии Федератсияи Русия:

*“Ташаккури зиёд барои ташкили ин вохӯрӣ – ҷаласаи Шӯрои машваратӣ. Вохӯрӣ дар сатҳи хеле баланд гузаронида шуд,*

*ташкили кор ва чорабиниҳои фарҳангию фароғатӣ низ хеле хубу ҷолиб буданд. Умедворем дар оянда имкон пайдо мешавад, ки бори дигар аз кишвари шумо боздид ба амал орем.”*



Ахметова Раушан Кенжебековна - муовини директори Департаменти аудити дохилии Бонки миллии Ҷумҳурии Қазоқистон:

*“Ман низ мехоҳам ба созмондиҳандагони ҷаласаи Шӯрои машваратӣ барои дар сатҳи олӣ гузаронидани ин чорабинӣ арзи сипосу миннатдорӣ намоям. Қайд кардан зарур аст, ки ин маҳфили мубоҳисавӣ, ки ба масъалаҳои аудити дохилӣ бахшида шуда буд, барои мо хеле пураҳамияту арзишманд мебошад. Маъмулан, дар бисёр мавридҳо аудиторон он қадар хоҳиш надоранд оид ба масъалаҳою ҷанбаҳои аудити дохилӣ ба дигарон маълумот диҳанд. Аммо маҳз дар ин ҷо намояндагони кишварҳои ба ҷаласа ҳозиршуда бо майлу рағбати том таҷрибаи беҳтарини худро манзур намуда, он проблемаҳоеро, ки мо дар фаъолияти ҳамарӯзаи худ бо онҳо дучор мешавем, муҳокима намуданд.*

*Бори дигар сипоси фаровон барои пазироии самимӣ, барои фазои гарму меҳрафзое, ки ба мо эҳдо кардед, мо шуморо дӯст медорем.”*



Хок-Чай Онг – Сараудитори Бонки Рушди Осиё:

*“Ман бори нахуст аст, ки дар ҷаласаи Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории хадамоти аудити дохилии бонкҳои марказӣ иштирок менамоям. Ин вохӯрӣ дар сатҳи баланд баргузор шуда, ба ман хеле писанд омад. Барои пазироиву меҳмоннавозии самимӣ ба ташкилкунандагони ин чорабинии муфиду муҳим миннатдорӣ баён менамоям. Ҳамааш хеле хубу олӣ буд, танҳо агар муҳлати ин вохӯрии корӣ боз ҳам зиёдтар мешуд ва иштирокдорон ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, презентатсияҳо ва мубоҳисаҳо мекарданд ва байни якдигар табодули таҷриба менамуданд, манфиату аҳамияти ин чорабинӣ боз ҳам бештар мегардид.”*

Дар баробари натиҷаҳои самарабахшу пурмаҳсул, ин нукта мусаллам аст, ки ҷаласаи 5-уми Шӯрои машваратӣ оид ба фаъолияти аудитории хадамоти аудити дохилии бонкҳои марказӣ (миллӣ) дар рушду тавсеаи муносибатҳову ҳамкориҳо, дар муаррифии муваффақияту дастовардҳои даврони соҳибистиқлолии Ватани маҳбуби мо ва муҳимтар аз ҳама дар густаришу таҳкими дӯстию ҳамбастагии халқҳо нақши муассир гузошт.

Қобили тазаккур аст, ки барои дар сатҳи зарурӣ ташкил ва гузаронидани ҷаласаи Шӯрои машваратӣ роҳбарият ва кормандони Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон ва Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон кӯшишу заҳмати зиёд ба харҷ дода, саҳми сазовор гузоштанд, ки барои ин сидқан изҳори сипос менамоем.

**Департаменти аудити дохилии БМТ**

# Ташрифи ҳайати ХБА ба Тоҷикистон

Ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор оид ба Тоҷикистон таҳти роҳбарии хонум Падамжа Ханделвал ҷиҳати омӯзиши вазъи иқтисодӣ ва эҳтимолияти тарҳрезии Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ рӯзҳои 12-23 майи соли 2018 бо сафари корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дошт.
Дар доираи ташрифи худ ба Тоҷикистон ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор бо роҳбаладии муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ҷиҳати шиносоӣ бо корҳои сохтмонии иншооти бузурги стратегӣ ба ЧСК “НБО Роғун” сафар намуданд.



Дар ибтидо муовини директори ЧСК “НБО Роғун” Маҳмадсаид Шамсуллозода ба меҳмонон дар бораи таҳияи лоиҳаи ин иншоот, хусусиятҳои техникӣ, гидроэнергетикӣ ва аз ҷиҳати техникӣ, сейсмикӣ устувор будани он маълумоти муфассал манзур намуд. Роҳбари ҳайати ХБА оид ба Тоҷикистон хонум Падамжа Ханделвал баъди шиносоӣ бо корҳои сохтмонӣ ва дидани иншооти сохтмонии "НБО Роғун" лоиҳаи мазкурро иншооти хеле бузург ва стратегӣ арзёбӣ намуда, изҳор дошт, ки Тоҷикистон кори хеле бузургро азм кардааст.

14 майи соли равон мулоқоти кории Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо роҳбари ҳайати ХБА оид ба Тоҷикистон хонум Падамжа Ханделвал баргузор гашт, ки дар он инчунин муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ва роҳбарони воҳидҳои калидии БМТ ширкат варзиданд.

Зимни мулоқот, ки дар фазои мусоид ва ҳамдигарфаҳмӣ сурат гирифт, ҷонибҳо дар атрофи масъалаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, нигоҳ доштани устувории макроиқтисодӣ, зарурати таҳким бахшидани асосҳои сиёсати пулию қарзӣ ва фискалӣ мубодилаи афкор намуданд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода барои дар сатҳи сифатан нав ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи судманд бо Хазинаи байналмилалии асъор изҳори умед карда, ҷиҳати мусоидат дар самтҳои дахлдори низоми бонкӣ омодагии роҳбарият ва воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистонро баён намуд.

Дар ҷамъбасти мулоқот ҷониби ҳайати ХБА таъкид намуд, ки ҷиҳати ҳамкорӣ дар бахши низоми бонкӣ, ки барои суботи молиявии кишвар ва рушди иқтисодиёт нақши калидӣ дорад, инчунин мусоидат ба татбиқи ислоҳот дар сиёсати монетарӣ ва ҳамчунин роҳандозии Барномаи нави ислоҳоти иқтисодии Хазинаи байналмилалии асъор барои Ҷумҳурии Тоҷикистон талош хоҳад варзид.

Нимаи дуюми ҳамин рӯз ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор таҳти





роҳбарии хонум Падамжа Хандeлвал бо Гурӯҳи иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ашӯрбой Солеҳзода, Вазири молия Файзиддин Қаҳҳорзода, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода, муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев, Вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода, сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Юсуф Маҷидӣ, муовини сардори Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҶТ Амирҷон Убайдуллоев ва намояндагони вазорату идораҳои бахши иқтисод машварати корӣ доир намуданд.

Дар ҷараёни машварат Ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ашӯрбой Солеҳзода ҳайати ХБА-ро ба кишвар хайрамақдам гуфта, зикр намуд, ки дар ҳамкории зич бо вазорату идораҳои дахлдор ҳайати ХБА ва ҷониби Тоҷикистон барои қабули Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ ба мувофиқа хоҳанд омад.

Роҳбари ҳайати ХБА оид ба Тоҷикистон хонум Падамжа Хандeлвал дар мавзӯи “Мушкилиҳои иқтисодӣ ва ислоҳоти афзалиятнок барои Ҷумҳурии Тоҷикистон” маъруза намуда, оид ба вазъи иқтисодӣ, устувории молияи давлатӣ ва вазъи қарзи кишвар, суботи молиявӣ, сиёсати пулию қарзӣ ва қурбӣ, ислоҳоти сохторӣ шарҳи муфассалро манзури ҳозирин кард. Аз ҷумла, қайд гардид, ки барои ноил шудан



ба мақсадҳои сиёсати пулию қарзӣ ва навсозии он ҳамоҳангии фаъолияти Вазорати молия ва Бонки миллии Тоҷикистон ба манфиат хоҳад буд. Дар мавриди сохтори ислоҳот бошад, рушди бахши хусусӣ, савдо, сармоягузорӣ ва идоракунии иқтисодӣ муҳим арзёбӣ гардид.

Дар машварати ҷамъбастии Гурӯҳи иқтисодии Ҳукумати ҶТ бо ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор хонум Падамжа Ханделвал бо шарҳи мухтасари вазъи иқтисодӣ суханронӣ намуда, оид ба дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи таваррум, суръати рушди воқеии иқтисодиёт, вазъи низоми бонкӣ маълумоти мушаххас пешниҳод кард. Мавсуф таҳлили мушаххасро оид ба сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, сиёсати андозию буҷетӣ, вазъи қарзи берунаи кишвар, таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёт, тадбирҳо ҷиҳати рушди босубот ба аҳли нишаст баён намуд.

**Ҷамшед Нурмаҳмадзода барои дар сатҳи сифатан нав ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи судманд бо Хазинаи байналмилалии асъор изҳори умед карда, ҷиҳати мусоидат дар самтҳои дахлдори низоми бонкӣ омодагии роҳбарият ва воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистонро баён намуд.**

Ҳамзамон Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода барои фаъолияти пурмаҳсули ХБА дар Тоҷикистон ва таваҷҷуҳи ин ташкилот ҷиҳати мусоидат ба рушди иқтисодиёти кишвар изҳори миннатдорӣ намуд. Аз ҷумла, зикр карда шуд, ки ҳайати ХБА имкони хеле мусоид барои ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои калидии бахши иқтисод ва молия доштанд.

Зимни машварати корӣ инчунин, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, Раиси Агентии омори назди Президенти ҶТ Гулнора Ҳасанзода оид ба





таҳлили ХБА ибрози назар намуда, пешниҳодоти худро ба таври мушаххас изҳор карданд.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ашӯрбой Солеҳзода аз фаъолияти ҳайати ХБА дар Тоҷикистон натиҷагирӣ карда, иброз намуд, ки ташрифи ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор ба Тоҷикистон дар таҳкими муносибатҳо миёни кишвари мо ва ХБА, дастгирии татбиқи ислоҳот дар бахши молия ва низоми бонкӣ, дар маҷмӯъ дигаргуниҳои иқтисодӣ дар Тоҷикистон иқдоми муҳим ба шумор меравад. Аз ҷумла, қайд гардид, ки сафари ҳайати ХБА ба Тоҷикистон ба сатҳи робитаҳои ҷонибҳо такони ҷиддӣ бахшида, бахри расидан ба ҳадафҳои рушд дар доираи "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли то 2030" дарояндаи наздик ва аз ҷониби ХБА қабул шудани Барномаи нави ислоҳоти иқтисодӣ изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

Дар фуроварди машварат роҳбари ҳайати ХБА оид ба Тоҷикистон хонум Падамжа Ханделвал сиёсати Ҳукумати Тоҷикистонро дар роҳи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ мавриди дастгирӣ қарор дода, барои идома додани ҳамкорӣ бо мақсади ноил гаштан ба ҳадафҳои рушд изҳори омодагӣ намуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳайати Хазинаи байналмилалии асъор дар муддати ҳузури худ дар Тоҷикистон бо намояндагони парлумони кишвар, вазорату мақомоти бахши иқтисодӣ, инчунин роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон машварату мулоқотҳои судманд гузарониданд. Дар сафари корӣ ҳайати Хазинаи байналмилалии асъорро иқтисодчиёни ХБА Бенисио Далмасио, Мирзаев Санан ва коршиноси ХБА Йохан Молин ҳамроҳӣ карданд.

**Шуъбаи матбуоти БМТ.**

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2018 ДОРОИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 743 585 727 | 2 982 710 301 | 760 875 426 | 25,5% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 677 825 102 | 2 662 076 110 | 15 748 992 | 0,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 940 895 793 | 1 812 102 142 | 128 793 651 | 7,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 1 007 008 798 | 1 145 473 972 | -138 465 174 | -12,1% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 608 447 368 | 547 164 674 | 61 282 694 | 11,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 602 549 521 | 511 367 153 | 91 182 368 | 17,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 342 855 451 | 313 807 803 | 29 047 648 | 9,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 276 241 721 | 196 141 353 | 80 100 368 | 40,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 204 212 805 | 254 063 400 | -49 850 595 | -19,6% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 162 303 170 | 166 777 569 | -4 474 399 | -2,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 103 413 490 | 104 996 798 | -1 583 308 | -1,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 99 135 114 | 112 719 107 | -13 583 993 | -12,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 90 557 286 | 103 161 978 | -12 604 692 | -12,2% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 32 396 036 | 116 783 811 | -84 387 775 | -72,3% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2018 ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 976 735 289 | 2 193 624 585 | -216 889 296 | -9,9% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 225 473 103 | 1 091 349 369 | 134 123 734 | 12,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 819 215 669 | 1 041 390 989 | -222 175 320 | -21,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 268 277 796 | 257 413 040 | 10 864 756 | 4,2% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 208 157 175 | 186 423 867 | 21 733 308 | 11,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 82 968 333 | 64 695 863 | 18 272 470 | 28,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 37 244 549 | 47 334 587 | -10 090 038 | -21,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 37 185 045 | 42 707 911 | -5 522 866 | -12,9% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 28 219 189 | 63 533 795 | -35 314 606 | -55,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 25 044 775 | 30 374 331 | -5 329 556 | -17,5% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 24 074 686 | 33 236 885 | -9 162 199 | -27,6% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 23 801 362 | 35 930 195 | -12 128 833 | -33,8% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 11 602 192 | 13 095 116 | -1 492 924 | -11,4% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 6 360 270 | 4 724 138 | 1 636 132 | 34,6% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ **2018** **УҲДАДОРИҲО** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2018** | **Соли 2017** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 375 102 532 | 2 656 224 208 | 718 878 324 | 27,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 016 714 115 | 2 115 300 693 | -98 586 578 | -4,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 623 446 722 | 1 528 077 276 | 95 369 446 | 6,2% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 931 058 246 | 1 066 019 480 | -134 961 234 | -12,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 517 241 549 | 445 941 742 | 71 299 807 | 16,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 506 847 647 | 467 540 113 | 39 307 534 | 8,4% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 291 003 971 | 249 361 051 | 41 642 920 | 16,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 178 240 762 | 107 262 072 | 70 978 690 | 66,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 140 058 777 | 191 264 677 | -51 205 900 | -26,8% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 80 085 042 | 89 143 675 | -9 058 633 | -10,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 53 579 680 | 59 172 223 | -5 592 543 | -9,5% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 38 574 391 | 53 601 479 | -15 027 088 | -28,0% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 21 513 435 | 100 637 381 | -79 123 946 | -78,6% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 713 928 | 2 049 386 | -1 335 458 | -65,2% |

| Номгӯи бонкҳо | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
|---|---|---|---|---|
| | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2018 ◘ ПАСАНДОЗҲО | | | |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 2 939 231 645 | 2 205 650 969 | 733 580 676 | 33,3% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 083 398 080 | 1 297 692 122 | -214 294 042 | -16,5% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 922 800 045 | 872 277 371 | 50 522 674 | 5,8% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 662 103 003 | 800 836 769 | -138 733 766 | -17,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 453 446 271 | 372 133 108 | 81 313 163 | 21,9% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 334 774 826 | 372 550 168 | -37 775 342 | -10,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 173 333 364 | 86 553 334 | 86 780 030 | 100,3% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 54 268 481 | 46 698 517 | 7 569 964 | 16,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 40 530 860 | 45 093 422 | -4 562 562 | -10,1% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 31 510 897 | 16 348 411 | 15 162 486 | 92,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 23 891 953 | 30 065 466 | -6 173 513 | -20,5% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 6 606 006 | 22 675 650 | -16 069 644 | -70,9% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 2 407 019 | 3 068 237 | -661 218 | -21,6% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 531 799 | 275 859 | 255 940 | 92,8% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ **2018** **САРМОЯ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2018** | **Соли 2017** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 661 110 987 | 546 775 417 | 114 335 570 | 20,9% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 368 483 195 | 326 486 093 | 41 997 102 | 12,9% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 317 449 071 | 284 024 866 | 33 424 205 | 11,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 102 699 562 | 102 947 412 | -247 850 | -0,2% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 101 599 721 | 79 624 561 | 21 975 160 | 27,6% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 98 000 959 | 88 879 281 | 9 121 678 | 10,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 85 307 972 | 65 425 411 | 19 882 561 | 30,4% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 82 218 128 | 77 633 894 | 4 584 234 | 5,9% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 75 950 552 | 79 454 492 | -3 503 940 | -4,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 64 154 028 | 62 798 723 | 1 355 305 | 2,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 51 982 895 | 49 560 499 | 2 422 396 | 4,9% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 51 851 480 | 64 446 752 | -12 595 272 | -19,5% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 45 555 434 | 53 546 884 | -7 991 450 | -14,9% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 10 882 601 | 16 146 430 | -5 263 829 | -32,6% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ЯНВАР-МАРТИ СОЛИ 2018 ◘ ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 23 502 668 | 37 969 557 | -14 466 889 | -38,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 10 025 208 | 7 439 932 | 2 585 276 | 34,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 7 859 885 | 7 079 164 | 780 721 | 11,0% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 7 832 635 | 7 154 130 | 678 505 | 9,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 1 530 208 | 1 500 148 | 30 060 | 2,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 1 206 176 | 1 331 167 | -124 991 | -9,4% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 737 529 | 2 734 327 | -1 996 798 | -73,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 719 737 | -315 623 | 1 035 360 | 328,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 683 589 | 307 201 | 376 388 | 122,5% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 194 895 | 2 317 177 | -2 122 282 | -91,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 146 508 | 1 311 723 | -1 165 215 | -88,8% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | -256 162 | -222 | -255 940 | -115288,3% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | -968 383 | -5 064 043 | 4 095 660 | 80,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -1 924 816 | -1 610 901 | -313 915 | -19,5% |

# БМТ: МАСЪАЛАҲОИ РУШДИ БОЗОРИ СУҒУРТАИ ИДМ БАРРАСӢ ГАРДИД

Ҷаласаи 13-уми Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ин дафъа 5-6 апрели соли 2018 дар шаҳри Гулистони вилояти Суғд баргузор гардид. Дар он намояндагони мақомоти назорати суғуртавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил, аз қабили Арманистон, Русия, Белорус, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Кумитаи иҷроияи ИДМ иштирок намуда, масоили марбут ба ҳамкориҳои давлатҳои аъзои ин созмон дар соҳаи суғуртаро баррасӣ намуданд.

Зимни ифтитоҳи кори ҷаласаи Шӯрои зикргардида муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҳамидулло Машрабзода меҳмононро ба ҷумҳурӣ хайрамақдам гуфт. Номбурда дар рафти суханронии хеш аз саҳми соҳаи муҳими суғурта дар рушди бахши молиявӣ ва мавқеи он дар давлатҳои узви ИДМ ёдовар шуда, заруру судманд будани тавсиаи ҳамкориҳоро ҷиҳати рушди бахши суғурта таъкид намуд. Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз он изҳори умедворӣ намуд, ки ҷаласаи 13-уми Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил боз ҳам ба рушди соҳаи суғурта дар минтақаи фаъолияти ин созмон мусоидат хоҳад кард.



**Светлана Никитина, муовини директори Департаменти бозори суғуртаи Бонки марказии Русия,** ки роҳбарии пешбурди ҷаласаро ба зимма гирифта буд, дар бораи вазъи бозори суғурта дар Федератсияи Русия ба ҳозирин маълумоти мушаххас пешниҳод намуд. Вай бахши суғуртаро ҷузъи муҳими низоми молиявии кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил унвон карда, таъкид дошт, ки ҷаласаи 13-уми Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ба ҳалли бисёре аз масъалаҳои ҳамкории ин давлатҳо дар бахши суғурта кумак хоҳад кард.

Ба андешаи вай, баргузор шудани ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҳамчун майдончаи баррасии мушкилоти соҳаи суғурта, табодули таҷрибаҳои пешқадами тарафҳо ва омӯзиши роҳҳои ҳалли проблемаҳои мавҷудаи бозори суғурта хизмат мекунад.

Дар ҷараёни кори ҷаласа оид ба вазъи бозори суғурта дар кишварҳои аъзои Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил табодули иттилоот сурат гирифта, иштирокдорони он роҷеъ ба вазъи корҳои шӯрои мазкур мубодилаи афкор намуданд. Иштирокчиёни ҷаласа масоили зерини соҳаи назорати суғуртаи давлатҳои аъзои ИДМ-ро баррасӣ намуданд:



**1.** Тайёр намудани Шарҳи иттилоотӣ-таҳлилии рушди бозори хизматрасонии суғурта дар кишварҳои узви ИДМ дар соли 2017;

**2.** Таҳияи лоиҳаи Созишнома дар бораи тартиби татбиқи идоракунии электронии ҳуҷҷатҳо ҳангоми суғуртаи масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт дар кишварҳои аъзои ИДМ;

**3.** Самтҳои эҳтимолии муқовимат бо ҳаннотию қаллобиҳои фаромарзӣ бо роҳи ташкили парвандаи иттилоотӣ дар муносибат бо суғуртакунандагон;

**4.** Гурӯҳи корӣ оид ба масъалаи азнавсуғуртакунӣ;

**5.** Тартиб додани "Фарҳанги истилоҳоти суғуртавӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ";

**6.** Муайян кардани ташкилоти заминавии таълимӣ дар соҳаи суғурта дар ИДМ;

**7.** Масъалаи эътирофи ҳуҷҷатҳои суғуртавӣ ҳангоми интиқоли мол, инчунин ворид-шавии муваққатии воситаҳои нақлиёт дар ҳудуди кишварҳои узви ИДМ.

Дар ҷараёни кори ҷаласа иштирокдорони он масъалаҳои рӯзномаи маҷлисро баррасӣ намуда, ҷиҳати ҳали онҳо қарорҳои дахлдор қабул карданд. Аз ҷумла, қарор қабул шуд, ки фаъолияти гурӯҳи корӣ барои тартиб додани "Фарҳанги истилоҳоти суғуртавӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ" суръат бахшида шавад. Ҳамчунин барои омода намудани шарҳи иттилоотӣ-таҳлилии рушди бозори хизматрасонии суғурта дар кишварҳои узви ИДМ дар соли 2017 тасмими ҷиддӣ гирифта шуд. Ҳамчунин, дар бораи гузориш дар бораи нақши ширкатҳои миллии азнавсуғуртакунӣ дар рушди бозори суғурта дар соли 2017 дар Ҷумҳурии Белорус ва Федератсияи Русия қарор қабул шуд.

Иштирокдорони ҷаласа инчунин масъалаи интихоби раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои

мустақилро баррасӣ намуданд ва барои давраи оянда намояндаи Русия, директори Департаменти бозори суғуртаи Бонки марказии Русия Филип Габуния раиси шӯрои мазкур интихоб гардид.

Ба ҳамин тартиб, тибқи регламенти ҷаласа қарорҳои марбута роҷеъ ба ҳамаи масъалаҳои баррасигардидаи рӯзномаи маҷлис якдилона қабул карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки меҳмонон аз кишварҳои дуру наздик баргузории ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил барои фаъолияти минбаъдаи соҳаи суғурта дар кишварҳои аъзо босамару пурбор баҳогузорӣ карданд.



**Адиля Семерханова, Машваратчии Департаменти ҳамкории иқтисодии Кумитаи иҷроияи ИДМ** изҳор намуд, ки дар ҷаласа масъалаҳои хеле муҳим баррасӣ шуданд. Ба гуфтаи ӯ, масъалаҳои марбут ба суғуртаи ҳатмии масъулияти шаҳрвандии соҳибони воситаҳои нақлиёт ва мавзӯи пешгирии ҳаннотӣ дар бозори суғуртаи Иттиҳоди давлатҳои мустақил аз масъалаҳои муҳиме буданд, ки мавриди муҳокимаи ҳаматарафа қарор гирифтанд ва иштирокдорон вобаста ба ин масоил фикру мулоҳизаи худро баён намуданд. Ӯ таъкид кард, ки натиҷаҳои бадастомадаи ин ҷаласа дар ташаккули мақомоти назорати суғуртаи давлатҳои аъзои ИДМ нақши муҳим хоҳанд дошт.



**Ашот Симонян, намояндаи Арманистон** зимни ибрози андешаҳои худ қайд кард, ки ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил барои ҳамкориҳои минбаъдаи мақомоти назорати суғуртавӣ нақши муҳим дорад:

“Дар ин ҷо масъалаҳои марбут ба мушкилоти бозори суғуртаи мамлакатҳои ИДМ баррасӣ мешаванд. Бозорҳои суғуртаи кишварҳои ИДМ қариб ҳама дар як сатҳи рушд қарор доранд ва аз ин рӯ ҷаласаҳои шӯрои мазкур ҷойгоҳе мебошанд, ки мо метавонем ҳамаи масъалаҳоро муҳокима карда, ба ҳалли онҳо даст ёбем. Ҷаласаи 13-уми Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил низ ба ҳамкориҳои самарабахш ва судманд равона шуда буд. Ҳамкорони мо аз давлатҳои ИДМ афкор ва таҷрибаи худро дар ҷорӣ намудани технологияи пешқадами ҷаҳонӣ бо ҳам табодул намуданд. Ман бовар дорам, ки ин ҷаласаҳо ба таври ҷиддӣ ба рушди ҳамкории касбӣ байни роҳбарони мақомоти суғурта ва таҳкими муносибатҳои дӯстонаи корӣ байни иштирокчиёни конфронс мусоидат менамояд".



**Роҳбари Анҷумани суғуртакунандагони Белорус Ирина Мерзлякова** аз кори ҳамоиш ситоиш намуда гуфт, ки чорабинӣ дар сатҳи баланд баргузор шуда, ба иштирокдорон имкон дод, ки табодули таҷриба намуда, барои ҳамкорӣ бо ҳам тамос барқарор кунанд:

— Ман махсусан ба тими Бонки миллии Тоҷикистон, ки дар раф-

ти ҷаласа ба ҳар як иштирокчӣ ба таври алоҳида муносибати хуб мекарданду дар масъалаҳои пайдошуда зуд расидагӣ менамуданд ва бо кушодарӯию меҳмондорию мизбонии хуби худ моро дар ҳайрат мегузоштанд, миннатдорӣ менамоям. Орзумандам, ки муносибати дӯстонаю кории бавуҷудомада, ҳамкориҳоро дар соҳаи суғурта рушду таҳким мебахшад.

Бояд гуфт, ки дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, №408 “Дар бораи масъалаҳои Хадамоти давлатии назорати суғуртавӣ” ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 марти соли 2017, №851 “Дар бораи ба БМТ вогузор кардани ваколати назорати суғуртавӣ”, назорат, танзим ва рушди самараноки хизматрасонии суғуртавӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва давлатро Бонки миллии Тоҷикистон таъмин менамояд. Бо ин мақсад Идораи назорати суғуртавӣ ҳамчун воҳиди таркибии Бонки миллии Тоҷикистон таъсис ёфт ва ҳоло барои амалигардонии мақсад ва вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар бахши назорати суғуртавӣ фаъолият мекунад. Идораи мазкур танзиму назорати бозори суғурта, иҷозатномадиҳӣ, пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии ташкилотҳои суғуртавӣ, баҳисобгирию ҳисоботдиҳӣ, усулҳои суғуртакунӣ, ҳамоҳангсозии суғуртакунӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои хориҷиро дар соҳаи суғурта амалӣ менамояд. Бинобар ин Идораи назорати суғуртавии Бонки миллии Тоҷикистон масъулияти ташкили ҷаласаи 13-уми Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақилро ба ӯҳда дошт.

Ҷаласаҳои Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии кишварҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил ҳар сол дар яке аз кишварҳои Иттиҳоди давлатҳои мустақил баргузор мегарданд.

Иштирокдорони маҷлиси боло ба мувофиқа омаданд, ки ҳамоиши навбатӣ – ҷаласаи 14-уми Шӯрои ҳамоҳангсозии байнидавлатии роҳбарони мақомоти назорати суғуртавии давлатҳои аъзои Иттиҳоди давлатҳои мустақил дар семоҳаи 4-уми соли 2018 дар Ҷумҳурии Белорус баргузор гардад.

**М. Аслам,**
**хабарнигори «БТҶ»**



# ТАШРИФИ САРМОЯГУЗОРОНИ ХОРИҶӢ БА БМТ

Як гурӯҳ сармоягузорони институтсионалӣ, аз қабили ҳайати Бонки амрикоии “Меррил Линч” ва фондҳои сармоягузории Fidelity, Metlife, BNP Paribas, T.Rowe Price, Barings, Eaton Vance ва Danske, ки бо мақсади шиносой бо вазъи макроиқтисодии ҷумҳурӣ, аз ҷумла низоми бонкии кишвар ва ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар ЧСК “НБО Роғун” ба кишвари мо ташриф оварда буданд, 9 апрели соли 2018 аз ҷониби муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ба ҳузур пазируфта шуданд.





Нахуст Ҷамолиддин Нуралиев ба ҳайати расмӣ оид ба вазъи макроиқтисодӣ ва низоми бонкии мамлакат, самтҳои асосии барои сармоягузорӣ ҷолиб, мавҷудияти захира ва имкониятҳои зиёд дар соҳаи гидроэнергетика, сайёҳӣ ва кишоварзӣ маълумоти муфассал пешниҳод намуд. Номбурда оид ба масъалаҳои муҳим - мусоидат барои ҷалби сармояи хориҷӣ ба бахшҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла ба низоми бонкӣ ҷиҳати рушди иқтисоди миллӣ, таъмини дастрасии соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна бо мақсади рушди истеҳсолот ва эҷоди ҷойҳои нави корӣ изҳори назар кард.

Дар идомаи вохӯрӣ директори Департаменти назорати бонкӣ Нурмуҳаммад Шарипов ва сардори шуъбаи таҳлили хавфҳои Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор Файзалии Сафаралӣ дар мавзӯи “Шарҳи умумии низоми бонкии кишвар ва дурнамои он” бо муаррифинома муфассал дар назди ҳозирин баромад карданд.

Зимни муаррифӣ оид ба Дурнамои макроиқтисодии кишвар ва нақшаҳои минбаъда дар самти кушодани бозор маълумот дода шуд. Шарҳи мукаммал оид ба татбиқи босамари сиёсати монетарӣ бо истифода аз



барои ҷумҳурии мо дар самти ҷалби иловагии сармояи хориҷӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мусоидат хоҳад кард.

## БОЗДИДИ САРМОЯГУЗОРОНИ БОНУФУЗИ ХОРИҶӢ АЗ СОХТМОНИ ИНШООТИ БУЗУРГИ ҶСК "НБО РОҒУН"

Худи ҳамон рӯз баъди анҷоми мулоқот ҳайати Бонки Америкоии "Меррил Линч"ва сармоягузорон ва фондҳои бонуфузи сармоягузории ҷаҳонӣ, аз қабили Fidelity, Metlife, BNP Paribas, T.Rowe Price, Barings, Eaton Vance ва Danske дар доираи воситаҳои муосир, гузариш ба низоми ҳадафгирии таваррум, татбиқи ислоҳот ва имкониятҳои саҳмгузорӣ ба бонкҳо аз ҷониби муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев манзур гардид.

Ҳайати Бонки Америкоии "Меррил Линч" ва намояндагони фондҳои сармоягузории Fidelity, Metlife, BNP Paribas, T.Rowe Price, Barings, Eaton Vance ва Danske аз пазироии хуб ва мулоқоти судманд изҳори миннатдорӣ карда, зимни муҳокимаи масъалаҳои мулоқот ба суолҳои худ посухҳои мушаххас гирифтанд. Ҳайати Бонки Америкоии "Меррил Линч" барои тавсеа бахшидани ҳамкориҳо дар самти саҳмгузорӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон андешаҳои худро баён карданд.

Дар фуроварди вохӯрӣ муовини якуми Раиси БМТ



Ҷамолиддин Нуралиев таъкид кард, ки дар ҳайати мазкур харидорони фаъоли вомбаргҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Евробондҳо) шомил мебошанд ва онҳо фондҳои бузургтарини сармоягузории ҷаҳониро дар таҳти идораи худ қарор доранд. Бинобар ин, мулоқоти мазкур

ташрифи худ ба Бонки миллии Тоҷикистон ба шаҳри Роғун ҷиҳати аз наздик шинос шудан бо корҳои сохтмонӣ ба иншооти ҶСК "НБО Роғун"раҳсипор гаштанд.

Ҳайати бонуфузи сармоягузорони институтсионалиро дар сафар ба ҶСК "НБО Роғун"



муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев ҳамроҳӣ кард.

Директори генералии ҶСК “НБО Роғун” Хайрулло Сафарзода Гурӯҳи бонуфузи Бонки Амрикоии “Меррил Линч” ва фондҳои сармоягузории Fidelity, Metlife, BNP Paribas, T.Rowe Price, Barings, Eaton Vance ва Danske-ро дар шаҳри Роғун пешвоз гирифта, дар бораи сохтмони иншооти бузурги аср дар Тоҷикистон ва корҳои дар ин самт анҷомшуда маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Номбурда ба меҳмонон дар бораи таърихи оғози бунёди лоиҳаи мазкур, рафти татбиқи лоиҳа ва нақшаҳои минбаъда нақл кард. Дар ҷараёни мулоқот муколамаи пурмуҳтаво доир гардид ва меҳмонон ба суолҳои худ оид ба бехатарии лоиҳа, бартарияти он ва баҳрабардории молиявӣ ва иқтисодӣ дар минтақа посух гирифтанд.

Баъд аз ин меҳмонон аз якчанд иншоотҳои алоҳидаи НБО Роғун, аз қабили майдончаи назоратии №1, пешдарғот ва садди навбати аввали нақби сохтмонии қабати сеюм, маҷмааи тақсимкунии пӯшидаи элегавӣ, толори мошинҳо ва нақбҳои нақлиётӣ дидан карданд.

Дар бораи рафти корҳои сохтмонӣ дар ин иншоотҳо директори истеҳсолии ҶСК НБО “Роғун” Анвар Раҳмонов ахбор дод. Тавре аъзои ҳайати мазкур иброз доштанд, аз тамошои иншооти НБО Роғун таассуроти баланд бардошта, барои маротибаи дигар ташриф овардан ба ин иншооти бузурги аср изҳори омодагӣ намуданд.

Ҳайати Бонки Амрикоии “Меррил Линч” тибқи нақшаи пешакӣ ва дар чорчӯбаи сафари худ ба ҷумҳурии мо як зумра вохӯрию мулоқотҳои судмандро бо масъулини Вазорати молияи кишвар, Гурӯҳи татбиқи лоиҳаҳои иншооти энергетикӣ, ҶСК “НБО Роғун” намояндагиҳои Бонки ҷаҳонӣ, Хазинаи байналмилалии асъор ва сафорати ИМА дар ш. Душанбе анҷом доданд.

Тавре дар боло қайд намудем, ҳайати Бонки амрикоии “Меррил Линч” ва фондҳои сармоягузории Fidelity, Metlife, BNP Paribas, T.Rowe Price, Barings, Eaton Vance ва Danske аз ҷумлаи харидорони фаъоли вомбаргҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Евробондҳо) ба шумор мераванд ва фондҳои бузургтарини сармоягузории ҷаҳониеро идора мекунанд, ки дар тамоми олам маълуму машҳур буда, ба дастовардҳои намоён ноил гардидаанд.

**Таҳияи А. Ардамехр, “БТҶ” бо истифода аз маводҳои www. nbt.tj**

# Тағйирёбии меъёри фоизи хизматрасониҳои хазинавӣ ба пӯёи қурби асъор ва таваррум чӣ таъсире дорад?

Муқаррар кардани сатҳи таъсиррасонии тағйирёбии меъёри хизматрасониҳои хазинавӣ ба пӯёи қурби асъор ва таваррум татбиқи усул ва тарзҳои мухталифи тадқиқоти илмиро тақозо менамояд. Истифодаи онҳо дар тадқиқоти мавзӯи мазкур имконият медиҳад, ки ба саволи "То кадом андоза байни нишондиҳандаҳои меъёри хизматрасониҳои хазинавӣ, қурби асъор ва таваррум алоқаи мустақим ё ғайри мустақим ҷой дорад?", ҷавоб дода шавад. Баъди истифода аз усули гурӯҳбандии аналитикӣ (таҳлилӣ) ба чунин хулоса омадем.

Барои расидан ба ҳадафи мазкур, дар заминаи маълумотҳои пешниҳодшудаи Департаменти муомилоти пулӣ ва амалиёти хазинадорӣ, Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор ва Департаменти сиёсати монетарӣ, тадқиқот ва рушди Бонки миллии Тоҷикистон барои солҳои 2000-2016 низоми нишондиҳандаҳои муомилоти пулӣ, қурби расмӣ ва бозори мубодилавии асъор ва таваррум таҳия карда шуд (Ҷадвалҳои 1 ва 2).

Дар асоси истифодаи усули гурӯҳбандии аналитикӣ (таҳлилӣ) ҳамчун омили таъсиррасон меъёри ҳаққи хизматрасонии хазинавӣ қабул карда шуд. Тибқи қоидаи усули зикршуда бузургии фосилавӣ ба тавri зерин муайян карда шуд: 0,0%-0,2% (солҳои 2000 -2006), 0,2%-0,3% (солҳои 2013-2015), 0,3%-0,4% (солҳои 2007-2012) ва 0,4% - 0,5% (соли 2016). Ба гурӯҳи 0,4% - 0,5% меъёри ҳаққи хизмати хазинавӣ, ки бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 14 марти соли 2016, №39 ба андозаи 0,5% муқаррар шудааст, ворид карда шуд.

Ҳамчун омилҳои низомсоз, барои муайян кардани сатҳи таъсиррасонии раванди зиёдшавии сатҳи меъёри ҳаққи хизмати хазинавӣ ба пӯёи қурби мубодилавии асъор (1$=сомонӣ; 1евро=сомонӣ; 10 рубли русӣ= сомонӣ) ва таваррум (намояи нархҳои истеъмолӣ), нишондиҳандаҳои ҳаҷми пули ба муомилот баровардашуда, ҳаҷми пули аз муомилот гирифташуда, ҳаҷми фарқи байни пулҳои ба муомилот баровардашуда ва аз муомилот гирифташуда, инчунин ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда интихоб карда шуданд. (Ҷадвали 1.).

Дар гурӯҳи якум, ки маълумотҳои солҳои 2000-2006 (7-сол)-ро дар бар мегирад, меъёри ҳаққи хизматрасонии хазинавӣ доир ба барориши пули нақд ба муомилот аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муайян нашуда буд ва истифода намегардид. Вобаста ба ин дар ин давра мутобиқи методологияи гурӯҳбандӣ дар ҷадвали 1 мо фосилаи меъёри ҳаққи хизматрасонии хазинавиро аз 0,0% - 0,2% барои муайян кардани бузургии фосилавӣ истифода кардем. Дар зарфи 7 сол ҳаҷми пули ба муомилот баровардашуда дар маҷмӯъ маблағи 2 390,5 млн. сомонӣ ва ҳаҷми пули аз муомилот гирифташуда бошад, маблағи 1 361,9 млн. сомониро ташкил дод. Ҳамин тавр ҳаҷми фарқи байни пулҳои ба муомилот баровардашуда ва ҳаҷми пулҳои аз муомилот гирифташуда 1 028,6 млн. сомониро ташкил кард. Ба ибораи дигар гӯем, фарқияти мазкур бечунучаро ба ҳамин андоза ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбударо зиёд гардонид. Дар навбати худ, ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда бо назардошти ҳаҷми фарқи байни пулҳои ба муомилот баровардашуда ва аз муомилот бозпас гирифташуда 2 610,5 млн. сомониро ташкил намуд. Ба ҳисоби миёна дар давраи солҳои 2000-2006-ум сатҳи таваррум (намояи нархҳои истеъмолӣ) андозаи 118,07 фоиз, қурби расмии мубодилавии 1 долл. ИМА ба 2,9305 сомонӣ, 1 евро ба 2,9646 сомонӣ ва 10 рубли русӣ ба 0,9560 сомонӣ баробар буд. Қурби мубодилавии бозории 1 долл. ИМА дар гурӯҳи мазкур 3,0325 сомониро ташкил дода буд.

**Ҷадвали 1. Ҳисобкунии ҳаҷми пули накд, ҳаҷми гардиши савдои чакана, қурби расмии мубодилавии сомонӣ ва таваррум вобаста аз меъёрҳои ҳаққи хизмати хазинавӣ дар солҳои 2000-2016**

| № гурӯҳ | Гурӯҳи меъёри ҳаққи хизмати хазинавӣ, (%) | Сол | Ҳаҷми пули ба муомилот баровардашуда, (млн. сомонӣ) | Ҳаҷми пули аз муомилот гирифташуда, (млн. сомонӣ) | Фарқи байни пулҳои нақди баровардашуда ва аз муомилот гирифташуда, (млн. сомонӣ) | Ҳаҷми бақияи пули нақди дар муомилотбуда, (млн. сомонӣ) | Ҳаҷми гардиши савдои чакана, (млн. сомонӣ) | Таваррум,* Намояи нархҳои истеъмолӣ, (%) | Қурби расмии мубодилавӣ* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | 1$= сомонӣ | 1 евро= сомонӣ | 10 руб.русӣ= сомонӣ |
| А | Б | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 |
| 1 | 0 - 0,2 | 2000 | 93,2 | 0,0 | 93,2 | 96,2 | 1 986,5 | 160,6 | 1 830,7 | 0,0000 | 0,6516 |
| | | 2001 | 194,7 | 149,1 | 45,6 | 110,8 | 2 018,3 | 112,4 | 2,3722 | 0,0000 | 0,8132 |
| | | 2002 | 258,8 | 83,7 | 175,1 | 141,8 | 2 371,5 | 114,5 | 2,7638 | 2,6164 | 0,8821 |
| | | 2003 | 469,3 | 209,2 | 260,1 | 243,3 | 2 954,9 | 113,7 | 3,0614 | 3,4538 | 0,9970 |
| | | 2004 | 408,4 | 165,6 | 242,8 | 426,8 | 3 640,4 | 105,7 | 2,9705 | 3,6896 | 1,0304 |
| | | 2005 | 485,0 | 512,6 | -27,6 | 711,5 | 4 019,1 | 107,1 | 3,1166 | 3,8864 | 1,1027 |
| | | 2006 | 481,1 | 241,7 | 239,4 | 880,1 | 4 453,1 | 112,5 | 3,2984 | 4,1417 | 1,2145 |
| *Ҷамъи гурӯҳ:* | | | ***2 390,5*** | ***1 361,9*** | ***1 028,6*** | ***2 610,5*** | ***21 443,8*** | ***0,0*** | ***0,0*** | ***0,0*** | ***0,0*** |
| 2 | 0,2 - 0,3 | 2013 | 2 028,8 | 1 202,1 | 826,7 | 4 485,4 | 11 311,7 | 103,7 | 4,7642 | 6,2537 | 0,1517 |
| | | 2014 | 2 428,0 | 351,4 | 2 076,6 | 4 759,7 | 13 122,1 | 107,4 | 4,9348 | 6,5572 | 0,1312 |
| | | 2015 | 2 086,8 | 850,4 | 1 236,2 | 5 305,5 | 14 696,7 | 105,1 | 6,1630 | 6,8386 | 0,1056 |
| *Ҷамъи гурӯҳ:* | | | ***6 543,4*** | ***2 403,9*** | ***4 139,5*** | ***14 550,6*** | ***39 130,5*** | ***0,0*** | ***0,0*** | ***0,0*** | ***0,0*** |
| 3 | 0,3 - 0,4 | 2007 | 637,0 | 403,2 | 233,8 | 115,5 | 4 689,1 | 119,7 | 3,4425 | 4,7150 | 1,3466 |
| | | 2008 | 714,9 | 365,0 | 349,9 | 1 565,9 | 5 270,6 | 111,8 | 3,4298 | 5,0502 | 1,3854 |
| | | 2009 | 825,6 | 385,4 | 440,2 | 2 041,3 | 5 929,4 | 105,0 | 4,1427 | 5,7877 | 1,3228 |
| | | 2010 | 832,4 | 439,1 | 393,3 | 2 421,4 | 6 374,1 | 109,8 | 4,3790 | 5,8395 | 1,4545 |
| | | 2011 | 1 213,0 | 611,4 | 601,6 | 2 988,3 | 7 425,5 | 109,3 | 4,6102 | 6,4347 | 0,8661 |
| | | 2012 | 1 406,0 | 758,3 | 647,7 | 3 667,2 | 9 013,9 | 106,4 | 4,7627 | 6,1318 | 0,1543 |
| *Ҷамъи гурӯҳ:* | | | ***5 628,9*** | ***2 962,4*** | ***2 666,5*** | ***12 799,6*** | ***38 702,7*** | ***0,0*** | ***0,0*** | ***0,0*** | ***0,0*** |
| 4 | 0,4 - 0,5 (в) | 2016 | 4 368,1 | 1 603,5 | 2 764,6 | 8 191,4** | 15 023,1* | 105,0 | 7,8355 | 8,7017 | 0,1150 |
| *Ҷамъи гурӯҳ:* | | | ***4 368,1*** | ***1 603,5*** | ***2 764,6*** | ***8 191,4**** | ***15 023,1*** | ***0,0*** | ***0,0*** | ***0,0*** | ***0,0*** |
| | **Ҳамагӣ:** | | **18 930,9** | **8 331,7** | **10 599,2** | **38 152,1** | **114 300,1** | **0,0** | **0,0** | **0,0** | **0,0** |

***** янв-окт. 2016с., ** янв-ноя. 2016с.***

***** дар ҷадвали 1 дар сутунҳои 7,8,9 ва 10 сатҳи миёнаи таваррум (ННИ), қурби миёнаи расмии мубодилавӣ (1$=сомонӣ, 1евро=сомонӣ ва 1 руб. русӣ=сомонӣ) ҳисоб карда нашудааст. Бинобар ин, ҷамъи нишондиҳандаҳои мазкур дар гурӯҳҳои фосилавӣ нишон дода намешавад.***

Гурӯҳи дуюм маълумотҳои солҳои 2013-2015 (3-сол)-ро дар бар мегирад ва меъёри ҳаққи хизмати хазинавӣ, ки 0,2 - 0,3 фоиз муқаррар карда шудааст, ҳаҷми пули ба муомилот баровардашуда 6 543,4 млн. сомониро ташкил намуд ва нисбат ба гурӯҳи якум ба андозаи 4 152,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Ҳаҷми пулҳои аз муомилот гирифташуда бошад, дар ҳамин гурӯҳ 2 403,9 млн. сомонро ташкил дода, нисбат ба гурӯҳи якум 1 042,0 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Фарқияти ҳаҷми пулҳои баровардашуда ва гирифташуда дар ин гурӯҳ 4 139,5 млн. сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба гурӯҳи якум ба маблағи 3 110,9 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Дар гурӯҳи мазкур сатҳи намояи нархҳои истеъмолӣ ба 105,4 фоиз баробар буда, нисбат ба гурӯҳи якум ба андозаи 12,7 фоиз паст шудааст. Дар ин гурӯҳ қурби расмии мубодилавии 1 долл. ИМА ба 5,2873 сомонӣ ва 1 евро ба 6,5498 сомонӣ баробар буда, нисбат ба нишондиҳандаҳои гурӯҳи якум баланд гардидаанд, вале қурби 10 рубли русӣ бошад, 0,1295 сомониро ташкил намуда, нисбати нишондиҳандаи гурӯҳи якум пасттар мебошад. Дар гурӯҳи дуюми тадқиқшаванда қурби мубодилавии бозории 1 долл. ИМА ба 5,5083 сомонӣ, 1 евро ба 6,7820 сомонӣ ва 10 рубли русӣ ба 0,1314 сомонӣ баробар буд. (Ҷадвали 2.).

Дар гурӯҳи сеюм, ки солҳои 2007-2012 (6-сол)-ро дар бар мегирад, фосилаи меъёри ҳаққи хизматрасонӣ дар ҳудудҳои 0,3 - 0,4 фоиз қабул шудааст, ҳаҷми пули ба муомилот баровардашуда

**Ҷадвали 2. Вобастагии ҳаҷми пули нақд, ҳаҷми гардиши савдои чакана, қурби расмии мубодилавии сомонӣ ва таваррум аз меъёрҳои ҳаққи хизмати хазинавӣ дар солҳои 2000-2016**

| № | Ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда, (млн. сомонӣ) $(x_1)$ | Қурби мубодилавии бозорӣ | | | Рангаи омили Rij | | | | Сумма рангаҳо $\sum_{i}^{m} Rij$ | Квадрати суммаи рангаҳо $\left[\sum_{i}^{m} Rij\right]^2$ | Квадрати тамоми суммаи рангаҳо аз бузургии миёнаи онҳо $\left[\sum_{i}^{m} Rij - \text{T}\right]^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1$= сомонӣ $(x_2)$ | 1 евро= сомонӣ $(x_3)$ | 10 руб.русӣ= сомонӣ $(x_4)$ | R1j | R2j | R3j | R4j | | | |
| А | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 1 | 2 610,50 | 3,0325 | 2,9646* | 0,9560* | 1 | 1 | 1 | 1 | 4 | 16 | 36 |
| 2 | 14 550,60 | 5,5083 | 6,7820 | 6,7820 | 4 | 3 | 3 | 3 | 13 | 169 | 9 |
| 3 | 12 799,60 | 4,1789 | 5,6583 | 5,6583 | 3 | 2 | 2 | 2 | 9 | 81 | 1 |
| 4 | 8 191,40 | 7,9488 | 8,7103 | 8,7103 | 2 | 4 | 4 | 4 | 14 | 196 | 16 |
| **∑** | **38 152,10** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **40** | **462** | **62** |

* янв-окт. 2016с., ** янв-ноя. 2016с.

* қурби мубодилавии бозорӣ дар солҳои 2000-2006

5 628,9 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба гурӯҳи дуюм 914,5 млн. сомонӣ кам гардид. Вале ҳаҷми пули аз муомилот гирифташуда 2 962,4 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба гурӯҳи дуюм 558,5 млн. сомонӣ зиёд гардид. Камшавии ҳаҷми пули ба муомилот баровардашуда ва зиёдшавии ҳаҷми пули аз муомилот гирифташуда, дар навбати худ ба камшавии ҳаҷми фарқи байни пулҳои ба муомилот баровардашуда ва аз муомилот гирифташуда оварда расонид, ки дар натиҷа ба камшавии ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда сабаб гардид.

Дар гурӯҳи мазкур ҳаҷми фарқи байни пулҳои ба муомилот баровардашуда ва аз муомилот гирифташуда 2 666,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба гурӯҳи дуюм 1 473,0 млн. сомонӣ кам гардид. Ҳамзамон ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда 12 799,6 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба гурӯҳи дуюм 1 751,0 млн. сомонӣ кам шуд. Дар гурӯҳи сеюм сатҳи таваррум (намояи нархҳои истеъмолӣ) ба 110,3 фоиз баробар буда, нисбати нишондиҳандаи гурӯҳи дуюм ба андозаи 4,93 фоиз афзудааст. Дар гурӯҳи сеюм қурби расмии мубодилавии 1 долл. ИМА ба 4,1278 сомонӣ баробар буда, нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи гурӯҳи дуюм ба андозаи 1,1595 сомонӣ поён рафтааст. Дар ин давра поёнравии қурби 1 евро низ мушоҳида шудааст. Агар қурби 1 евро расман 5,6598 сомонӣ муқаррар шуда бошад, он гоҳ нисбат ба гурӯҳи дуюм ба андозаи 0,89 сомонӣ паст шуд. Баръакс, қурби 10 рубли русӣ, ки дар гурӯҳи сеюми таҳлилшаванда ба 1,0881 сомонӣ баробар шудааст, нисбат ба ҳамин нишондиҳандаи гурӯҳи 2-юм ба андозаи 0,9586 сомонӣ афзуд. Дар он давра қурби мубодилавии бозории 1 долл. ИМА ба 4,1789 сомонӣ, 1 евро ба 5,6583 сомонӣ ва 10 рубли русӣ ба 0,1470 сомонӣ баробар буд.

Гурӯҳи 4-ум, ки соли 2016 ба он рост меояд, меъёри хизматрасониҳои хазинавӣ дар фосилаи аз 0,4 - 0,5 фоиз муқаррар карда шудааст. Дар он фосилаи муқарраршуда ҳаҷми пулҳои ба муомилот баровардашуда маблағи 4 368,1 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба гурӯҳи 3-юм ба маблағи 1 260,8 сомонӣ кам гардид. Дар ин давра ҳаҷми пули аз муомилот гирифташуда маблағи 1 603,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба гурӯҳи 3-юм ба маблағи 1 358,9 млн. сомонӣ кам гардид. Ҳаҷми фарқи байни пулҳои ба муомилот баовардашуда ва аз муомилот гирифташуда ба 2 764,6 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба гурӯҳи 2-юм ба андозаи 98,1 млн. сомонӣ зиёд гардид. Ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда бошад дар ин давра ба 8 191,4 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба гурӯҳи 3-юм 4 608,2 млн. сомонӣ кам гардид.

Дар гурӯҳи чорум қурби расмии мубодилавии 1 долл. ИМА ба 7,8355 сомонӣ ва 1 евро ба 8,7017 сомонӣ баробар шуда, нисбати гурӯҳи сеюм мутаносибан ба андозаи 3,7022 сомонӣ ва 3,0419 сомонӣ баланд гардид. Қурби расмии мубодилавии 10 рубли русӣ бошад, 0,1150 сомониро ташкил дода, дар муқоиса бо гурӯҳи сеюм ба андозаи

**Ҷадвали 3. Баҳои алоқаи ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда ва қурби мубодилавии бозорӣ бо истифодаи коэффитсиенти конкордатсия**

| № | Ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда, (млн. сомонӣ) $(x_1)$ | Қурби мубодилавии бозорӣ | | | Рангаи омили Rij | | | | Сумма рангаҳо $\sum_i^m Rij$ | Квадрати суммаи рангаҳо $\left[\sum_i^m Rij\right]^2$ | Квадрати тамоми суммаи рангаҳо аз бузургии миёнаи онҳо $\left[\sum_i^m Rij - T\right]^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1$= сомонӣ $(x_2)$ | 1 евро= сомонӣ $(x_3)$ | 10 руб.русӣ= сомонӣ $(x_4)$ | R1j | R2j | R3j | R4j | | | |
| A | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 |
| 1 | 2 610,50 | 3,0325 | 2,9646* | 0,9560* | 1 | 1 | 1 | 1 | 4 | 16 | 36 |
| 2 | 14 550,60 | 5,5083 | 6,7820 | 6,7820 | 4 | 3 | 3 | 3 | 13 | 169 | 9 |
| 3 | 12 799,60 | 4,1789 | 5,6583 | 5,6583 | 3 | 2 | 2 | 2 | 9 | 81 | 1 |
| 4 | 8 191,40 | 7,9488 | 8,7103 | 8,7103 | 2 | 4 | 4 | 4 | 14 | 196 | 16 |
| ∑ | **38 152,10** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **40** | **462** | **62** |

** қурби расмии мубодилавии бозорӣ*

*Коэффитсиенти конкордатсия (W)*

$$W = \frac{12*62}{4^2(4^3-4)} = 0,78$$

0,9731 сомонӣ кам гардид.

Дар гурӯҳи чорум қурби мубодилавии бозории 1 долл. ИМА ба 7,9488 сомонӣ ва 1 евро ба 8,7103 сомонӣ баробар шуда, нисбати гурӯҳи сеюм мутаносибан ба 3,7699 сомонӣ ва 3,7699 сомонӣ афзуд. Қурби 10 рубли русӣ бошад, ба 0,1170 сомонӣ баробар гардида, дар қиёс ба ҳамин маълумот дар гурӯҳи сеюм ба андозаи 0,0247 сомонӣ кам гардид. Сатҳи намояи нархҳои истеъмолӣ дар гурӯҳи чорум, ки бузургии 105,0 фоизро ташкил медиҳад, нисбат ба ҳамин нишондиҳанда дар гурӯҳи сеюм ба андозаи 5,33% паст мебошад.

Ба ҳамин тартиб, истифодаи усули гурӯҳбандии аналитикӣ (таҳлилӣ) ба мо имконият дод, ки хулосаҳои зеринро ба даст биёрем:

1. Дар ҳолати баланд кардани меъёри ҳаққи хизматрасонии хазинавӣ ва бо тартиби афзояндагии гурӯҳҳои фосилавии онҳо ҳаҷми пули ба муомилот баровардашуда, ҳаҷми пули аз муомилот гирифташуда (бо истисноии гурӯҳи 3), ҳаҷми фарқи байни пулҳои ба муомилот баровардашуда ва аз муомилот гирифташуда (бо истисноии гурӯҳи 4), инчунин ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда кам мешавад;

2. Пешгузарии маҷмӯи ҳаҷми пули ба муомилот баровардашуда нисбат ба маҷмӯи ҳаҷми пули аз муомилот гирифташуда ба андозаи 44,0% (18930,9:8331,7) дар ҳамаи мавридҳо ба афзоиши ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда оварда мерасонад.

3. Афзоиши ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда бо нишондиҳандаҳои қурби мубодилавии бозорӣ: 1 долл. ИМА =сомонӣ; 1 евро=сомонӣ, 10 рубли русӣ=сомонӣ ва таваррум (намояи нархҳои истеъмолӣ) алоқаи зич дошта, тибқи ҳисобкунии нишондиҳандаи махсус, ки коэффитсиенти конкордатсия ном дорад, ба 0,78 баробар аст.

Параметри муодилаи регресияи маҷмӯӣ-коэффитсиенти детерминатсия ба 0,973 баробар аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки байни нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда алоқамандии зич мавҷуд аст. Яъне ҳаҷми бақияи пулҳои нақди дар муомилотбуда дар ҳолати бефосила зиёдшавӣ ба беқурбшавии сомонӣ (девалватсия) ва болоравии таваррум оварда мерасонад (ниг. ҷадвали 3. ва натиҷаи регресияи маҷмӯӣ).

Ҳамзамон ҳисоби параметрҳои муодилаи регресияи маҷмӯӣ дар замима оварда мешавад.

4. Алоқаи байни гурӯҳи меъёри ҳаққи хизматрасонии хазинавӣ ва нишондиҳандаҳои қурбҳои мубодилавии бозории 1 долл. ИМА =сомонӣ, 1 евро =сомонӣ, 10 рубли русӣ = сомонӣ ва намояи нархҳои истеъмолӣ (сатҳи таваррум), ки бо истифодаи методи конкордатсия ҳисоб карда шудааст, суст буда, бо баҳои эконометрӣ ҳамагӣ 0,3-ро ташкил медиҳад.

Параметри муодилаи регресияи маҷмӯӣ-коэффитсиенти детерминатсия ба 0,344 баробар аст. Ин аз он гувоҳи медиҳад, ки байни нишондиҳандаҳои дар боло овардашуда, на он қадар вобастагии назаррас мавҷуд аст. Ин маънои

**Ҷадвали 4. Баҳои алоқаи байни гурӯҳҳои меъёри ҳаққи хизмати хазинавӣ, қурбҳои мубодилавии бозорӣ ва таваррум (намояи нархҳои истеъмолӣ) бо истифодаи коэффитсиенти конкордатсия**

| № | Гурӯҳи меъёри ҳаққи хизмати хазинавӣ, (%) $(x_1)$ | Қурби мубодилавии бозорӣ | | | Индекси нархҳои истеъмолӣ, (%) $(x_5)$ | Рангаи омили Rij | | | | | Сумма рангҳо $\sum_i^m Rij$ | Квадрати суммаи рангҳо $\left[\sum_i^m Rij\right]^2$ | Квадрати тамоили суммаи рангҳо аз бузургии миёнаи онҳо $\left[\sum_i^m Rij - T\right]^2$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 1$= сомонӣ $(x_2)$ | 1 евро= сомонӣ $(x_3)$ | 10 руб.русӣ= сомонӣ $(x_4)$ | | R1j | R2j | R3j | R4j | R5j | | | |
| А | Б | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 |
| 1 | 0 - 0,2 | 3,0325 | 2,9646* | 0,9560* | 118,07 | 1 | 1 | 1 | 1 | 4 | 8 | 64 | 20 |
| 2 | 0,2 - 0,3 | 5,5083 | 6,7820 | 6,7820 | 105,40 | 2 | 3 | 3 | 3 | 2 | 13 | 169 | 0 |
| 3 | 0,3 - 0,4 | 4,1789 | 5,6583 | 5,6583 | 110,33 | 3 | 2 | 2 | 2 | 3 | 12 | 144 | 0 |
| 4 | 0,4 - 0,5 (в) | 7,9488 | 8,7103 | 8,7103 | 105,00 | 4 | 4 | 4 | 4 | 1 | 17 | 289 | 20 |
| ∑ | | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **0** | **50** | 666 | 41 |

** қурби расмии мубодилавии бозорӣ*

*Коэффитсиенти конкордатсия (W)*

$$W = \frac{12*41}{5^2\,(4^3-4)} = 0,3$$

онро дорад, ки тағйир додани сатҳи меъёрӣ ҳаққи хизматрасонии хазинавӣ бо тамоили камшавӣ ё афзуншавӣ ба сатҳи қурби пули миллӣ ва таваррум дар давраи кутоҳмуддат на он қадар таъсирбахш ба ҳисоб меравад, вале дар давраҳои дарозмуҳлат таъсири худро ба қурби асъор ва болоравии таваррум мерасонад. (Ҷадвали 4. ва натиҷаи регресияи маҷмӯӣ).

2. Регресияи маҷмӯӣ-коэффитсиенти детерминатсия:

R2 = 0.344

Ҳамзамон ҳисоби параметрҳои муодилаи регресияи маҷмӯӣ дар замима оварда мешавад.

Барои муайян кардани таъсири меъёри хизматрасониҳои хазинавӣ ба таваррум ва қурби асъор мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда аз рӯи ҳисоби коэффитсиенти конкордатсия ва параметрҳои (бузургиҳои) муодилаи регресия чунин хулоса карда шуд:

Тибқи маълумотҳои дастрасгардида доир ба меъёри фоизии хизматрасониҳои хазинавӣ дар ҳолати аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон баланд намудани меъёри мазкур ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ низ фоизи хизматрасонии хазинавии худро барои нақдинакунонии маблағҳои мизоҷон баланд менамоянд, ки дар натиҷа ҳаҷми талабот ба пули нақд аз ҷониби мизоҷон кам мешавад ва ба оптимизатсияи ҳаҷми пули нақди дар муомилотбуда мусоидат менамояд.

Мувофиқи маълумоти аз Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори БМТ дастрасшуда дар ҳолати бо мақсади солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои ба мушкилот гирифторшуда барориши ҳаҷми зиёди пули миллӣ (зиёда аз 3,0 млрд. сомонӣ) рӯзҳои наздик ба нақша гирифта шудааст. Амалӣ кардани мақсади мазкур бевосита таъсири худро ба тағйирёбии қурби асъор ва сатҳи таваррум мерасонад. Аз ин лиҳоз, пешниҳод менамоем, ки дар ҳолатҳои зикргардида паст кардани меъёри фоизии хизматрасониҳои хазинавӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ намебошад. Зеро дар сурати аз як тараф зиёд кардани барориши пули миллӣ ба муомилот ва аз ҷониби дигар паст кардани меъёри фоизии хизматрасониҳои хазинавӣ ба зиёдшавии талабот ба пули нақд аз тарафи мизоҷони ташкилотҳои қарзӣ оварда мерасонад ва дар натиҷа ҳаҷми пули дар муомилотбуда меафзояд ва сабабгори расонидани таъсири манфӣ ба қурби асъор ва таваррум мегардад. Ҳамзамон зикр менамоем, ки мувофиқи маълумотҳои истифодашуда тағйир додани меъёри фоизии хизматрасониҳои хазинавӣ ба қурби асъор ва сатҳи таваррум таъсири бевосита надорад, вале дар давраҳои дарозмуҳлат тағйирдиҳии меъёри мазкур бо воситаи шароит ва омилҳои гуногун ба тағйирёбии қурби асъор ва сатҳи таваррум таъсири худро мерасонад.

**Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии БМТ.**

# ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР НИЗОМИ БОНКӢ




Низоми бонкӣ яке аз ҷузъҳои маркази иқтисодиётро ташкил намуда, он ҳамчун воситаи пешбарандаи рушди иқтисодиёт арзёбӣ карда мешавад. Дар шароити имрӯза рушди босуботи иқтисодиётро бе низоми бонкии қавию пешрафта тасаввур намудан ғайриимкон мебошад. Қобили қайд аст, ки маҳз низоми бонкӣ ва ё бонкҳою дигар ташкилотҳои қарзӣ, пеш аз ҳама иқтисодиётро бо маблағҳои пулӣ ва маблағгузориҳо таъмин намуда, ҳамзамон гардиши пулро дар иқтисодиёт ва самаранокии фаъолияти низоми пардохтро низ танъмин менамоянд. Илова бар ин, низоми бонкӣ дар раванди пешниҳоди хизматрасониҳои гуногуни бонкӣ, аз ҷумла ҷалби пасандозу амонатҳои аҳолӣ ва додани қарзҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт яке аз нақшҳои калидиро иҷро намуда, ҳамзамон тавассути муносибатҳои муросилотӣ бо бонкҳои давлатҳои хориҷӣ ва иштирок дар муносибатҳои гуногуни иқтисодӣ вобаста ба гардиши сармоя дар чараёни ҷалби сармояи хориҷӣ мусоидат менамоянд. Дар баробари ин, фаъолияти самараноки низоми бонкӣ, аз ҷумла бо фоизҳои дастрас пешниҳод намудани қарзҳо ба бахшҳои хусусӣ ва субъектҳои хоҷагидорӣ, ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум, васеъ намудани истеҳсолоти молу хизматрасониҳо, беҳсозии вазъи андозсупорандагон, беҳтар шудани тавозуни савдо ва тавозуни пардохти кишвар, ғанӣ гардидани буҷети давлат ва дар маҷмӯъ ба рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд.

Бо назардошти муҳим ва зарур будани нақши бонкҳо дар иқтисодиёт ҳамчун миёнарави молиявӣ ва ҳассосноку осебпазир будани фаъолияти бонкӣ ба хавфҳои ҷойдошта, ки дар натиҷаи идоракунии ғайрисамаранок ба вуҷуд меояд, қайд кардан зарур аст, ки низоми идоракунии корпоративӣ яке аз усулҳои муҳими идоракунии бонкҳо дар алоҳидагӣ ва низоми бонкӣ дар маҷмӯъ ба ҳисоб меравад.

Идоракунии корпоративӣ маҷмӯи талаботҳо ва

равандҳое мебошад, ки муносибати тарафҳои ҳавасманди ширкатҳо ва ё ҷамъиятҳои саҳомиро бо назардошти ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо ҷиҳати ба роҳ мондани идоракунии самаранок муайян намуда, онро танзим менамояд. Инчунин, раванди идоракунии корпоративӣ ҳавасмадгардонии фаъолияти самараноки ҷамъиятро барои саҳмони он ё ба манфиати онҳо ба роҳ мемонад.

Махсус бояд қайд кард, ки вазифаи асосии идоракунии корпоративӣ тақсимоти дуруст ва самараноки ӯҳдадориҳои вазифавӣ байни ҳама иштирокчиёни ҷамъият - саҳомон, аъзои шӯрои нозирон, аудит, назорати дохилӣ ва дигар иштирокчиён (кормандон, муштариён, қарздеҳон, давлат ва ҷамъият) ба шумор рафта, барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҷамъият, таъмини рақобатпазирии он ва қонеъ гардонидани манфиати тарафҳои вобаста истифода бурда мешавад.

Нақши муҳими идоракунии корпоративиро дар фаъолияти ҷамъиятҳои саҳомӣ, аз ҷумла ташкилотҳои қарзӣ дар раванди зерин қайд кардан мумкин аст:

- ҳангоми қабули қарор вобаста ба масъалаҳои идоракунӣ байни иштирокчиёни манфиатдор мувозинатиро таъмин менамояд;
- барои идора ва назорати фаъолияти ташкилоти қарзӣ меъёр ва ё стандартҳои дахлдорро муқаррар менамояд;
- фаъолияти ҷамъиятро бо назардошти самаранок намудани истифодабарии сармоя беҳтар мекунад;
- шаффофияти фаъолият ва дурустии нишондиҳандаҳои молиявии ташкилоти қарзиро таъмин месозад;
- боварии сармоягузоронро ба ташкилоти қарзӣ баланд бардошта, барои беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо мусоидат мекунад.



**Фирдавс Толибов,** Сардори Идораи таҳлили бонкҳои Департаменти назорати бонкии БМТ

Фаромӯш набояд кард, ки дар раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва озод гардидани гардиши сармоя, сатҳи рушди идоракунии корпоративӣ дар доираи давлат ба сармоягузорони хориҷӣ як намуд нишондиҳанда вобаста ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои сармоягузорони ҳам хориҷӣ ва ҳам дохилӣ ба шумор рафта, имконияти ҷамъиятҳои ватаниро барои ҷалби бештари сармоя баланд менамояд ва истифодабарии онро самаранок мегардонад.

Қабл аз ҳама, бояд гӯем, ки принсипҳои идоракунии корпоративӣ аз тарафи Гурӯҳи 20 (G20) ва Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ ва тараққиёт (OECD) барои сохторҳои иҷроия ҷиҳати баҳодиҳӣ ва такмилу тақвият додани доираи қонунгузорӣ, танзиму назорат ва чаҳорчӯбаи институтсионалии идоракунии корпоративӣ муқаррар карда шудаанд, ки барои таъмини фаъолияти самараноки иқтисодиёт, рушди устувор ва фаъолияти босуботи молиявӣ мусоидат хоҳанд кард.

Принсипҳои мазкур, ки аввалин маротиба соли 1999 қабул карда шудаанд, барои сохторҳои қонунгузор, сармоягузорон, ширкатҳои бузург ва дигар шахсони ба фаъолияти ширкатҳо алоқаманд ҳамчун як нишона (ориентир) дар ҷодаи ба роҳ мондани идоракунии ширкат ва ё ҷамъият нақши худро бозида истодаанд. Инчунин, ин принсипҳо ба ҳайси яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории низоми молиявӣ дар доираи Шӯрои масъалаҳои суботи молиявӣ ва ҳамчун заминаи ҳисоботҳои Бонки ҷаҳонӣ вобаста ба идоракунии корпоративӣ қабул ва истифода шуда истодаанд.

Қобили қайд аст, ки принсипҳои идоракунии корпоративӣ якчанд маротиба мавриди таҳрир қарор дода

шуда, дар ҷараёни баррасии принсипҳои мазкур иштироки дигар давлатҳои ғайриаъзои ТҲИТ низ дар як сатҳ таъмин карда шуд. Инчунин, намояндагони ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, махсусан Кумитаи базелӣ оид ба назорати бонкӣ, Шӯрои масъалаҳои суботи молиявӣ ва Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар ҷараёни баррасии масъалаи мазкур иштирок доштанд. Вобаста ба ин, вақте ба 29 принсипҳои асосии Кумитаи Базелӣ оид ба назорати самараноки бонкӣ назар меандозем, масъалаҳои идоракунии корпоративӣ, идоракунии хавфҳо, назорати дохилӣ ва аудити дохилӣ мебинем, ки муҳимияти равандҳои мазкурро нишон медиҳанд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар назария ё амалия як раванд ё мафҳуми муайяни идоракунии корпоративӣ вуҷуд надорад. Аммо дар асос ва ё заминаи раванди идоракунии корпоративӣ ҷузъҳои умумӣ мавҷуд мебошанд. Принсинҳои идоракунии корпоративӣ бошад, дар заминаи ҳамин ҷузъҳои умумӣ омода карда шудаанд.

Принсипҳо асосан ба шаш қисм тақсим мешаванд:

1) таъмини замина барои сохтори самараноки идоракунии корпоративӣ;

2) ҳуқуқи саҳомон, рафтори баробар бо тамоми саҳомон ва вазифаҳои асосии моликон;

3) сохторҳои институтсионалии сармоягузорон, бозорҳои коғазҳои қиматнок ва дигар миёнаравҳои молиявӣ;

4) нақши тарафҳои алоқаманд;

5) пешниҳоди маълумот ва таъмини шаффофият;

6) уҳдадориҳои шӯрои нозирон.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки идоракунии корпоративӣ дар раванди идоракунии фаъолияти бонкӣ нақши муҳим мебозад. Нақши бонкҳо дар иқтисодиёт ҳамчун миёнарави молиявӣ, тавассути ҷалби маблағгузориҳо ва равона кардани онҳо ҷиҳати маблағгузориҳои корхонаҳо барои инкишофи истеҳсолот, пешниҳоди хизматрасонӣ ва ғайра ба рушди минбаъдаи иқтисодиёт мусоидат менамояд. Устувории низоми бонкӣ асоси муътамади таъмини суботи молиявӣ мебошад. Бинобар ин, сифати фаъолияти бонкҳо барои рушди минбаъдаи иқтисодиёт омили асосӣ ба ҳисоб меравапд. Ногуфта намонад, ки камбудиҳо дар раванди идоракунии бонкҳо метавонанд ба тамоми низоми бонкӣ ва дар маҷмуъ ба тамоми иқтисодиёт таъсири манфии худро расонанд.

Новобаста аз он, ки дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон масъалаҳои идоракунии корпоративӣ, аз ҷумла низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дарҷ гардида бошад ҳам, татбиқи онҳо аз тарафи ташкилотҳои қарзӣ пурра ба роҳ монда нашудааст. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дуруст ба роҳ мондани кор дар ин самт, аз як тараф дар якҷоягӣ бо шарикони рушд ҷиҳати мутобиқ намудани талаботи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии марбут ба идоракунии корпоративӣ ба таҷрибаи байналмиллалӣ чораҳои зарурӣ андешида истода бошад, аз тарафи дигар барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ андешидани чораҳои қатъиро идома дода истодааст.

Бояд қайд намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон аз нимаи дуюми соли 2015 татбиқи сиёсати гузариш аз миқдор ба сифатро оғоз намуда буд. Сиёсати пешгирифтаи Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкили низоми бонкии устувор равона карда шудааст.

Дар баробари ин, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки санаи 22 декабри соли 2017 ироа гардида буд, вобаста ба вазъи низоми пуливу қарзии кишвар эродҳо гирифта, андешидани тадбирҳои таъхирнопазирро талаб намуданд.

Аз он ҷумла, қайд карда шуд, ки вазъи кунунии низоми бонкӣ дар натиҷаи фаъолияти суст ва саҳлангории роҳбарону масъулони як қатор бонкҳои тиҷоратӣ ба амал омадааст. Вобаста ба ин, барои гузаронидани ислоҳоти зарурии пуливу қарзӣ, муътадил нигоҳ дошта-

ни қурби пули миллӣ, сатҳи нархҳо, фаъолияти бонкҳо, назорати риояи қонунгузории бонкӣ ва такмили он, паст кардани дараҷаи хавфҳо ва ҷорӣ намудани усулҳои идораи корпоративӣ андешидани чораҳои мушаххасро талаб намуданд.

Дар ҳамин замина, сараввал сохтори худи Бонки миллии Тоҷикистон дигар карда шуда, дар низоми бонкӣ низ як қатор ислиҳотҳо ба роҳ монда шуда истодаанд, ки дуруст амалӣ намудани идоракунии корпоративӣ дар ин раванд яке аз ҷойҳои калидии мушкилотҳо дар низоми бонкӣ мебошад.

Дар ин миён муайян карда шуд, ки дар низом ҳолатҳои нодуруст ба роҳ мондан ва ё ба инобат нагирифтани принсипҳои идоракунии корпоративӣ дида мешавад. Ҳамчунин муайян карда шуд, ки дар баъзе ҳолатҳо мақомоти иҷроия бевосита ва ё бавосита ба раванди қабули саривақтии қарорҳо таъсир расонида, ба фаъолияти якдигар дохил шуданд, ки сади роҳи пешгирӣ ва ё паст намудани хавфҳои ҷойдошта оварда расонид.

Дар натиҷа, баъди дар доираи андешидаи чораҳои фаврӣ ислоҳии Бонки миллии Тоҷикистон дар баъзе ташкилотҳои қарзӣ гузаронидани баъзе амалиётҳо манъ карда шуда, дар якчанд ташкилоти дигар бошад, талаби аз кор хориҷ кардани кормандони роҳбарикунанда ба миён гузошта шуд, ки яке аз сабабҳои андешидани чораҳои мазкур суст ба роҳ мондани идоракунии корпоративӣ низ мебошад. Инчунин, дар ин раванд Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаҳои баъзе ташкилотҳои қарзиро низ бозхонд намуд, ки сабаби ғайриқобили пардохт шудани аксари онҳо ташкили идоракунии нодуруст дар фаъолияти онҳо ба шумор меравад.

Илова бар ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо кумаки мутахассисони Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд таҳлили ҳолати ҷории низоми идоракунии корпоративиро ба роҳ монда, дар доираи тавсияҳои таҳлили мазкур чораҳои дахлдор дар ин самт андешида истодааст, ки мустаҳкам намудани низоми идоракунии корпоративӣ, тақвият додани талаботҳои санадҳои меъёрӣ ва ба таҷрибаи байналмилалӣ мутобиқ намудани онҳо идома дорад. Дар санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ вобаста ба васеъ намудани ваколату уҳдадориҳо ва масъулияти мақомоти идоракунӣ, низоми назорат ва аудити дохилӣ, аз ҷумла дар самти идоракунии хавфҳо ба инобат гирифта шуда истодааст.

Боварӣ дорем, ки татбиқи дуруст ва саривақтии принсипҳои идоракунии корпоративӣ қисми бештари мушкилиҳои ҷойдоштаи низоми бонкии кишварро ҳал хоҳад кард.

# Низоми бонкӣ: вазъи воқеӣ ва дурнамо



Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев 30 апрели соли ҷорӣ дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо рӯнамойи таҳлилӣ таҳти унвони “Низоми бонкӣ: вазъи воқеӣ ва дурнамо” баромад намуд. Мулоқоти мазкур дар доираи семинари илмӣ-амалӣ барои устодон ва донишҷӯён бо иштироки Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Фақеров Ҳамидуллохон баргузор гардид.

Дар қисмати аввали рӯнамоӣ Ҷамолиддин Нуралиев дар бораи мақсади асосии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон татбиқ шудани сиёсати пулию қарзӣ, нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, сатҳи таваррум ва меъёри бозтамвил, намояи қурби номиналӣ ва воқеии асъор, фаъолнокии фишангҳои нави амалиётии монетарӣ ва раванди татбиқи сиёсати монетарӣ ба аҳли нишаст маълумоти муфассал пешниҳод намуд.

Дар қисмати дуюм ва сеюми рӯнамоӣ вобаста ба вазъи воқеии низоми бонкӣ, сохтори он, сатҳи дороию уҳдадориҳо, ҳаҷми сандуқи қарзӣ ва пастшавии сатҳи қарзҳои ғайрифаъол, нигоҳдорӣ ва идоракунии захираҳои байналмилалӣ, низоми пардохт ва инфрасохтори пардохт, ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва саҳми он дар иқтисодиёт дар чанд соли охир ба ҳозирин рақаму далелҳои мушаххас оварда шуд.

Қобили қайд аст, ки дар чараёни мулоқот оид ба паҳлуҳои мухталифи рӯнамоӣ аз ҷониби устодон ва донишҷӯён саволҳои гуногун ба миён омаданд, ки муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев бо камоли майл ба ҳамаи онҳо посухҳои мушаххасу қонеъкунанда пешниҳод намуд. Илова бар ин, дар қисмати баҳс ва муҳокимаронӣ инчунин роҳбарони сохторҳои калидии Бонки миллии Тоҷикистон ширкат варзида, ба суолҳои донишҷӯён ва устодони ҷавони донишгоҳи номбурда ҷавоб доданд.

Дар идомаи рӯнамоӣ, муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев таваҷҷуҳи толибилмон ва олимонро ба Стратегияи сиёсати монетарӣ ва асъорӣ барои солҳои 2016-2020 дар реҷаи гузариш ба низоми ҳадафгирии таваррум, фаъолияти Кумитаи сиёсати монетарӣ ва салоҳияти қабули қарорҳо аз ҷониби он, таъмини шаффофият дар амалиётҳои монетарӣ, авто-



матикунонии низоми ҳисоботи оморӣ ва дигар масъалаҳо, ки ба рушди низоми бонкии мамлакат алоқаманд мебошанд, ҷалб намуд.

Дар қисмати ҷамъбастии муаррифӣ Ҷамолиддин Нуралиев оид ба нуктаҳои калидӣ дар татбиқи ислоҳотҳои низоми бонкӣ, аз ҷумла дурнамои низоми бонкӣ бо назардошти рушди низоми ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ, баланд бардоштани маърифати молиявии аҳолӣ ва дастрасии он ба хизматрасониҳои молиявӣ, ба куллӣ такмил додани идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ, таҳким бахшидани сиёсати пешгирии хавфҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, ба роҳ мондани фарҳанги дурусти қарздиҳӣ ва риояи касбият, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ таъмин кардани шаффофият ҳангоми пешниҳоди маълумот ва ҳисоботдиҳӣ суҳбати ҷолиб анҷом дод.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев дар фаровари суханронии худ аз донишҷӯён даъват ба амал овард, ки бо истифода аз манбаъҳои захиравии донишгоҳ, устодони ботаҷриба, шароити муосири мавҷуда ва фазои ҳукмфармои сулҳу субот дар мамлакат, донишу малакаи худро тибқи таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ такмил дода, оянда дар рушди иқтисодиёти мамлакат саҳмгузор бошанд.

Кори семинари илмӣ- амалиро ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Ҳамидуллохон Фақеров ҷамъбаст намуда, ба муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев барои суҳбати пурмуҳтаво ва судманд изҳори миннатдорӣ намуд. “Бо назардошти бардоштаҳои суханронии ҷолиб барои ҷавонони имрӯза, аз ҷумла барои толибилмони донишгоҳ ба роҳ мондани ташаккули тафаккури нави иқтисодӣ мутобиқ ба иқтисодиёти пешрави рақамӣ зарурат дорад. Таҳлили ҳаматарафаи соҳаи низоми бонкӣ аз ҷониби муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз иқдоми саҳмгузорӣ дар татбиқи дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешбурди рушди иқтисодиёти кишвар далолат медиҳад”,- ҷамъбаст намуд Ҳамидуллохон Фақеров.

**Шуъбаи матбуоти БМТ.**

# Тангаҳои филизии 1, 3 ва 5 сомонӣ - дар муомилот

Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 18 июни соли равон мутобиқи моддаҳои 67 ва 77 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" бо мақсади таъмин намудани иқтисодиёти мамлакат бо пули нақд, аз ҷумла бо тангаҳои филизӣ ва беҳтар намудани сифати муомилоти пулӣ аз тарихи 20 июни соли 2018 тангаҳои филизӣ бо арзиши номиналии 1, 3, 5 сомонӣ ва тангаҳои филизӣ бо арзиши номиналии 10, 20, 50 дирам ба муомилот бароварда шуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тангаҳои "сомонӣ" бо арзиши номиналии 1, 3, 5 сомонӣ ва "дирам" бо арзиши номиналии 10, 20, 50 дирам, барориши соли 2018 дар корхонаи сикказании Бонки миллии Қазоқистон истеҳсол шудаанд.

Тибқи қарори номбурда муқаррар карда шудааст, ки тангаҳои "сомонӣ" бо арзиши номиналии 1, 3, 5 сомонӣ ва "дирам" бо арзиши номиналии 10, 20, 50 дирам, барориши соли 2018 дар қатори тангаҳои филизии барориши солҳои 2001, 2006, 2011, 2015 ва 2017, ки дар муомилот қарор доранд, баробар гардиш менамоянд.

Ташкилотҳои қарзӣ барои саривақт ва ба қадри зарурӣ қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба тангаҳои филизӣ метавонанд бо пешниҳоди дархост аз Бонки миллии Тоҷикистон тангаҳои арзишашон номиналиро бе маҳдудият дастрас намоянд.

## МУШАХХАСОТИ ТАНГАҲОИ ФИЛИЗИИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН, БАРОРИШИ СОЛИ 2018

### Арзиши 1 сомонӣ

Тангаи муомилотии Бонки миллии Тоҷикистон бо арзиши номиналии 1 сомонӣ аз диски мудаввари дорои қутри 24,5 мм ва ғафсии 1,8 мм буда, аз филизи ранга – нейзилбер сохта шудааст.

Да рӯйи танга дар марказ номинали он (1 сомонӣ), гирдогирдаш бо нақши дорои ҳашт шуоъ зинат ёфтааст ва дар зери нақш соли барориши танга дарҷ шудааст. Болотар аз номинали танга тасвири тоҷи шоҳӣ ва ҳафт ситорача – расм аз нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир шудааст.

Дар паси танга расми арбоби маъруфи давлатии тоҷик М. Турсунзода, дар поён сарҳарфи ном ва насаби ӯ зикр шудааст. Дар қисмати нимдоира дар поён навиштаҷоти "ЯК СОМОНӢ" омадааст, ки арзиши номиналиро ифода мекунад, дар боло навиштаҷоти "ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН" омадааст, ки баТоҷикистон тааллуқ доштани тангаро мефаҳмонад.

Ҳамаи тасвирҳо ва навиштаҷот дар танга барҷаста ҳастанд. Канораҳои танга бо барҷастагиҳо ҳошиякорӣ шудаанд. Дар сатҳи паҳлуии танга 24 барҷастагӣ ҳаккокӣ шудааст. Вазни танга 5,8 грамм аст.

### Арзиши 3 сомонӣ

Тангаи муомилотии Бонки миллии Тоҷикистон бо арзиши номиналии 3 сомонӣ дар шакли диски мудаввари дорои қутри 25,5 мм ва ғафсии 1,8 мм, аз филизи ранга – нейзилбер сохта шудааст.

Да рӯйи танга дар марказ номинали танга (3 сомонӣ), ки гирдогирдаш бо нақши дорои ҳашт шуоъ зинат ёфтааст ва дар зери нақш соли барориши танга дарҷ ёфтааст. Болотар аз номинали танга тасвири тоҷи шоҳӣ ва ҳафт ситорача – расм аз нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир шудааст.



| Арзиши танга | Диаметр (мм) | Ғафсӣ (мм) | Вазн (г.) | Филиз | Ранг |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 сомонӣ | 24,50 | 1,80 | 5,80 | Филизи ранга –нейзилбер | Сафед |
| 3 сомонӣ | 25,50 | 1,80 | 6,30 | Филизи ранга –нейзилбер | Сафед |
| 5 сомонӣ | 26,50 | 1,85 | 7,00 | Филизи ранга –нейзилбер | Сафед |

Дар паси танга расми арбоби давлатии тоҷик Ш. Шоҳтемур, дар поён сарҳарфи ном ва насаби ӯ зикр шудааст. Дар қисмати нимдоира дар поён навиштаҷоти “СЕ СОМОНӢ” омадааст, ки арзиши номиналиро ифода мекунад, дар боло навиштаҷоти “ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН” омадааст, ки ба Тоҷикистон таалluқ доштани тангаро мефаҳмонад.

Ҳамаи тасвирҳо ва навиштаҷот дар танга барҷаста ҳастанд. Канораҳои танга бо барҷастагиҳо ҳошиякорӣ шудаанд. Дар сатҳи паҳлуии танга ду навиштаҷоти қирраҳо – “СЕ СОМОНӢ”, ки бо нуқтаҳо ҷудо шудаанд, тасвир шудааст. Вазни танга 6,3 грамм аст.

## Арзиши 5 сомонӣ

Тангаи муомилотии Бонки миллии Тоҷикистон бо арзиши номиналии 5 сомонӣ дар шакли диски мудаввари қутраш 26,5 мм ва ғафсиаш 1,85 мм, аз филизи ранга – нейзилбер сохта шудааст.

Да рӯйи танга дар марказ номинали он (5 сомонӣ), ки гирдогирдаш бо нақши дорои ҳашт шуоъ зинат ёфтааст, дар зери нақш соли барориши танга дарҷ шудааст. Дар қисмати рости адади “5” тасвири ноаён, ки ҳангоми ба як тараф каҷ нигоҳ доштани он адади “5” намоён мешавад, ҳангоми ба тарафи дигар моил кардани танга ҳарфҳои “БМТ” дида мешаванд. Болотари номинали танга тасвири тоҷи шоҳӣ ва ҳафт ситорача – расм аз нишони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дода шудааст.

Дар паси танга расми асосгузори адабиёти муосири тоҷик С. Айнӣ ба андозаи ¾, дар поёни он сарҳарфи ном ва насаби ӯ зикр шудааст. Дар қисмати нимдоира дар поён навиштаҷоти “ПАНҶ СОМОНӢ” омадааст, ки арзиши номиналиро ифода мекунад, дар боло навиштаҷоти “ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН” омадааст, ки ба Тоҷикистон тааллуқ доштани тангаро мефаҳмонад.

Ҳамаи тасвирҳо ва навиштаҷот дар танга барҷаста ҳастанд. Канораҳои танга бо барҷастагиҳо ҳошиякорӣ шудаанд. Дар сатҳи паҳлуии танга дандонаҳо – 7 бахши дорои 12 қирра, ки бо ситорачаҳо ҷудо шудаанд, ҳак шудаанд. Вазни танга 7 грамм аст.

**Маҷаллаи "БТҶ"**

# Бонки миллӣ барои ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ таҷдиди назар намудани сиёсати андоз ва муқаррар кардани имтиёзро пешниҳод менамояд




Дувоздаҳуми июни соли 2018 таҳти раёсати муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Азизӣ дар мавзӯи «Назорати татбиқи Стратегияи рушди низоми пардохт, насби терминалҳои пардохтӣ ва истифодаи васеи кортҳо» бо иштироки муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова, муовини раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Исмоилзода, муовини раиси Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» Бахтиёр Маҳмудзода, сардори Идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон Шуҳрат Салоҳиддинов ва сардори бахши ҳифзи иттилооти Бонки миллии Тоҷикистон Шамсиддин Абдуллоев хониши вакилӣ баргузор шуд.

Абдуҷаббор Азизӣ гуфт, ки низоми пардохти Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷузъҳои асосии инфрасохтори молиявӣ мебошад, ки фаъолияти устувору мунтазами низоми молиявии кишвар, татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва буҷетиро таъмин намуда, ба рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

Таъмини фаъолияти устувору бехатари низоми пардохти кишвар ва зиёд намудани ҳиссаи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ яке аз вазифаҳои Бонки миллии Тоҷикистон буда, омили муҳими таъмини суботи низоми молиявии кишвар ба ҳисоб меравад.

Муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова иттилоъ дод, ки то якуми июни соли 2018 кортҳои пардохтии аз ҷониби ташкилотҳои қарзии ватанӣ ба муомилот баровардашуда 1,72 миллион ададро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,9 дарсад зиёд мебошад. Теъдоди дорандагони кортҳои пардохтӣ 1,69 миллион нафарро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5 дарсад зиёд гардидааст.

- То якуми июни соли 2018 шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ дар ҷумҳурӣ мувофиқан 670 ва 3850 ададро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта банкоматҳо 73 адад кам гардида, терминалҳои электронӣ 1052 адад афзоиш ёфтаанд. Дар муассисаҳои савдою хизматрасонӣ дар маҷмӯъ 2481 терминали электронӣ насб гардидааст. Дар давраи январ-майи соли 2018 бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ дар кишвар 8,4 миллион амалиёт ба маблағи умумии 3,9 миллиард сомонӣ гузаронида шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 26,5 дарсад зиёд мебошад, — гуфт Лола Салимова. — Аз ҳаҷми умумии амалиёти бо истифодаи кортҳои

пардохтӣ гузаронидашуда 180 миллион сомониро амалиёти ғайринақдии пардохти молу хизматрасониҳо ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 30,9 дарсад афзоиш ёфтааст. Таносуби амалиёти гирифтани пули нақд ва амалиёти ғайринақдии пардохти молу хизматрасониҳо мутаносибан 94,8 ва 5,2 -дарсадро ташкил медиҳад.

Бино ба гуфти муовини раиси Бонки миллӣ, шумораи умумии суратҳисобҳои бонкии барои мизоҷон дар ташкилотҳои қарзӣ кушодашуда, то якуми июни соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3,5 дарсад коҳиш ёфта, 3,2 миллион ададро ташкил намуд. Сабаби коҳишёбии нишондиҳандаи мазкур ин тадриҷан баста шудани суратҳисобҳои бонкии муштариён дар ташкилотҳои қарзии мушкилдор мебошад. Дар баробари ин, теъдоди суратҳисобҳое, ки ба онҳо дастрасии фосилавӣ имконпазир аст, ба 1,96 миллион адад расида, ин нишондиҳанда низ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,9 дарсад афзоиш ёфтааст.

Лола Салимова, ҳамчунин изҳор дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати ҳавасмандгардонии соҳибкорон барои анҷом додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ таҷдиди назар намудани сиёсати андоз ва муқаррар намудани имтиёзро пешниҳод намуда, ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда таклифҳои мушаххас пешниҳод кардааст. Таклифҳои Бонки миллӣ аз ҷониби Гурӯҳи кории доимоамалкунандаи байниидоравӣ дар назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омӯзиш, таҳлил ва такмили Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор доранд.

Зикр шуд, ки таҳти сарпарастии Бонки миллӣ якҷо бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзӣ лоиҳаи қабули андозҳо аз аҳолӣ ба таври ғайринақдӣ татбиқ гардид. Дар доираи лоиҳаи мазкур ҶДММ ТАҚХ «Алиф-сармоя» ва маркази просессингии МПМ «Корти миллӣ»-и БДА ҶТ «Амонатбонк» қабули андозҳоро ғайринақдӣ, кортҳои пардохтии МПМ «Корти миллӣ»-ро тавассути шабакаи интернет роҳандозӣ намуданд.

- Татбиқи лоиҳаи мазкур ба дорандагони кортҳои пардохтӣ имконият медиҳад, ки маблағи андозро тавассути сомонаи Кумитаи андоз ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои муосири электронӣ пардохт намоянд, — изҳор дошт Лола Салимова.

Аз баромад маълум гардид, ки бо мақсади дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии молиявӣ, аз ҷумла дар манотиқи дурдасти кишвар ва зиёд намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ Бонки миллӣ санади меъёрии «Тартиб оид ба ҷалби агентҳои бонкии пардохтӣ ва амалисозии назорати риояи шартҳои ҷалби онҳо»-ро таҳия намуд. Ташкилотҳои қарзӣ имконият пайдо кардаанд, ки барои анҷом додани амалиёти алоҳидаи бонкӣ шахсони ҳуқуқӣ ё соҳибкорони инфиродиро ба ҳайси агентҳои бонкии пардохтӣ ҷалб намоянд. Санади меъёрии мазкур сеюми майи соли 2018, таҳти №927 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. Абдуалимов, Ҳ. Одинаев, Ҷ. Саидов, А. Ғаффоров, М. Ахмедов, Р. Қудратов, С. Усмонзода, О. Сафаров ба масъулини Бонки миллии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» савол дода, посухҳои қаноатбахш гирифтанд.

Хониши вакилиро муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҷаббор Азизӣ ҷамъбаст намуд.

**Садои мардум, №74 (3868)**
**14.06.2018**

# ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУН ХАВФИ ҚАРЗИРО ПАСТ МЕКУНАД



**Акнун дар ҷумҳурӣ фаъолияти бюроҳои таърихи қарзӣ хеле беҳтар гардида, қарзгирандагони бовиҷдону масъулиятнок муайян ва қарзгирандагони бемасъулияти ташкилотҳои қарзӣ ошкор карда мешаванд.**

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани идоракунии қарзҳо ва такмили пешбурди сиёсати қарзӣ пешниҳоди маълумотҳо дар бораи таърихи қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба бюроҳои таърихи қарзӣ ҳатмӣ гардид. Дар робита ба ин ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таърихи қарз" тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Бар асоси ин тағйиру иловаҳо ташкилотҳои қарзӣ муваззаф шуданд, ки минбаъд ба таври ҳатмӣ тамоми маълумотҳоро оид ба қарзгирандагон бе розигии онҳо ба бюроҳои таърихи қарз пешниҳод намоянд. Моҳияти ин тағйирот дар он аст, ки чунин талабот хавфи қарзиро барои ташкилотҳои қарзӣ паст намуда, тартибу интизоми қарзадокунии шаҳрвандонро беҳтар мекунад. Навгониҳои мазкур низоми босамари таърихи қарзро ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани фаъолияти қарздиҳӣ ташаккул медиҳад ва аз афзоиши шумора ва ҳаҷми қарзҳои мушкилситон дар низоми бонкии кишвар ҷилавгирӣ хоҳад кард.

Ҳамчунин дар назар аст, ки қабул шудани тағйиру иловаҳои зикршуда барои беҳтар гардидани фаъолияти бюроҳои таърихи қарзӣ мусоидат намуда, қарзгирандагони бовиҷдону масъулиятнокро, ки дорои таърихи мусбати қарзӣ мебошанд ва дар адо намудани қарз мушкил надоранд, мушаххас менамояд. Ин дар навбати худ ба бонкҳои ҷумҳурӣ имконият медиҳад, ки дар оянда барои ин гурӯҳи қарзгирандагон, ки боварии бонкҳоро ба даст овардаанд, шартҳои гирифтани қарзро осон намуда, бо баҳраи камтар ба онҳо қарз диҳанд.

Аз ҷониби дигар дар натиҷаи фаъолияти босамари бюроҳои қарзӣ қарзгирандагони бемасъулият низ ошкор карда мешаванд ва ин дар навбати худ боиси он мегардад, ки бонкҳо аз додани қарз ба онҳо худдорӣ намоянд ва ба ин васила хавфи барнагардонидани қарзҳо кам мешавад.

Аз ин ҷост, ки Сироҷиддин Икромӣ, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷараёни мизи мудав-

варе, ки дар он қабули тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз” бо намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар мавриди баррасӣ қарор гирифт, ворид намудани тағйироту иловаҳоро ба қонуни мазкур барои рушди соҳаи бонкдорӣ бисёр муҳим арзёбӣ кард:

— Бинобар зиёд будани сатҳи хавфи қарзӣ дар низоми бонкӣ, рушди инфрасохтори мубодилаи иттилооти қарзӣ дар идоракунии хавфи қарзӣ ва таъмини устувории молиявӣ нақши муҳимро мебозад. Маҳз барои ҳамин соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таърихи қарз” қабул шуда, соли равон бо назардошти муҳайё намудани шароит барои ҷамъоварӣ, нигаҳдорӣ ва истифодаи таърихи қарз, ки дар навбати худ имконияти қарздиҳии ташкилотҳои қарзиро ба иқтисодиёт васеъ намуда, ба рушди қарзҳои истеъмолӣ ва ипотекӣ, инчунин қарздиҳӣ ба соҳибкории хурду миёна такон мебахшад, ба қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз» соли 2009 бо мақсади ташкил кардани низоми ягонаи иттилоотӣ дар бораи таърихи қарз, ба роҳ мондани низоми самараноки баҳисобгирии таърихи қарз, кам намудани арзиши қарз ва хавфи он, рушди қарзҳои истеъмолӣ ва ипотекӣ, инчунин қарздиҳӣ ба соҳибкорони хурд ва дар маҷмӯъ барои васеъ намудани имконияти қарздиҳии ташкилотҳои қарзӣ ба қишрҳои эҳтиёҷманди аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расида буд.

Соли 2014 дар асоси қонуни мазкур ва муҳайё шудани замина ва шароити мусоид дар кишвар аввалин бюрои таърихи қарзӣ таъсис ёфт ва ба кор шурӯъ кард. Дар айни замон ду бюрои таърихи қарзӣ - ЧДММ "Бюрои қарзию иттилоотии Тоҷикистон” ва ЧДММ "Бюрои таърихи қарзии Сомониён” дар кишвар фаъолият мекунанд. Ҳадаф аз таъсис намудани ин бюроҳо осон намудани фаъолияти бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ ҳангоми додани қарз, таъмини шаффофият, коҳиши сатҳи хавфҳо ва беҳтар намудани дастрасии корхонаҳои хурду миёна, соҳибкорон ва шаҳрвандони оддӣ ба воситаҳои қарзӣ арзёбӣ мешавад.

Ин бюроҳои таърихи қарзӣ дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун ташкилоти мустақил фаъолият мекунанд. Онҳо дар асоси шартнома бо бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурди Тоҷикистон ҳамкорӣ намуда, низоми ягонаи иттилоотӣ дар бораи гирифтан ва ҳолати пардохти қарз аз ҷониби шаҳрвандон ва дигар шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳии хурд маълумоти худро дар бораи мизоҷони худ ё гирандагони қарз ба бюроҳо пешниҳод мекунанд. Бюроҳо дар навбати худ ин маълумотҳоро дар махзани худ нигоҳдорӣ мекунад ва дар сурати зарурӣ бо дархости бонк ё ташкилоти қарздиҳии алоҳида дар бораи нафаре ё субъекти хоҷагидорие, ки барои дастрас кардани қарз ба онҳо муроҷиат кардааст, маълумоти заруриро пешниҳод менамоянд. Дар натиҷа, бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд баъди таҳлили маълумотҳои аз ин бюроҳо дарёфтнамудаи худ тасмим мегиранд, ки ба нафар ё корхонае, ки аз онҳо қарз гирифтан мехоҳад, қарз диҳанд ё не. Масалан, агар тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи бюро қарзгиранда қаблан аз бонкҳо ё ташкилотҳои маблағгузории хурди дигар қарз гирифта бошаду онро баргардонида натавониста бошад ва ё дар пардохти он мушкилӣ кашида бошад, дар аксар ҳолатҳо ба ӯ қарз дода намешавад. Аммо агар тибқи маълумоти пешниҳоднамудаи бюроҳои мазкур қаблан қарзгиранда аз бонкҳо ё ташкилотҳои маблағгузории хурди дигар қарз гирифта бошаду онро саривақт баргардонида бошад, муассисаҳои молиявӣ дар муҳлати кӯтоҳ ба ӯ қарз хоҳанд дод.

Ҳамин гуна бюроҳои қарзӣ мебоист, ки дар ихтиёри мақомоти бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузории хурд иттилоот дар бораи тавоноии бозпардохти қарзҳо аз сӯйи ширкатҳо, соҳибкорон ва нафарони алоҳидаро гузоранд. Ин ҳолат

мебоист, сатҳи хавфи барнагардонидани қарзҳоро ба маротиб кам намуда, дар баробари ин шаффофиятро дар бозори молия таъмин менамуд.

Аммо, мутаассифона, зарурати дар мадди аввал гирифтани розигии қарзгирандагон барои пешниҳоди иттилоот дар бораи онҳо ба бюроҳои таърихи қарзӣ нагузошт шароите фароҳам шавад, ки муштариён бе манзур намудани ҳуҷҷатҳои зиёд ва монеаҳои бюрократӣ аз бонкҳо ба зудӣ қарз дарёфт кунанд ва бонкҳо дар навбати худ барои муайян намудани дараҷаи хавфҳо, таҳлили вазъи молиявии қарзгирандагон ва тасмимгирӣ барои додани қарз вақти камтар сарф кунанд.

Қаблан тибқи моддаҳои 18, 21, 22, 24-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз», ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун таъминкунандагони иттилоот маълумотро ба бюроҳои таърихи қарзӣ танҳо бо розигии пешакии қарзгирандагон пешниҳод менамуданд. Бюрои таърихи қарзӣ низ мутобиқи моддаҳои 16, 20 24 ва 28-уми қонун, ҳисоботи таърихи қарзро ба истифодабарандагони ҳисобот дар асоси розигии қарзгирандагон пешниҳод менамуд. Аммо раванди кор дар солҳои охир нишон дод, ки на ҳамаи қарзгирандагон барои пешниҳод намудани маълумот дар бораи таърихи қарзи худ ба бюрои қарзӣ розӣ шудаанд. Ин ҳолат монеаи ҷиддӣ дар роҳи фаъолияти бюроҳои таърихи қарзӣ шуда, боиси ба таври пурра амалӣ нашудани мақсади қонун «Дар бораи таърихи қарз» ва таъмини шаффофияти бозори қарзҳои бонкӣ гардид. Зеро бинобар сабаби ҳатмӣ будани гирифтани розигии пешакӣ, маълумот дар бораи қарзҳои бонкӣ ба бюроҳои таърихи қарзӣ пешниҳод намегардид. Ин вазъият ба он оварда расонд, ки дар кишвар низоми комили ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва истифодаи таърихи қарз ташаккул наёфт ва бинобар набудани маълумот дар бораи қарздорон, масъалаи қарзҳои мушкилситон дар низоми бонкӣ боқӣ монд.

Ба ин далел барои аз байн бурдани монеаҳо зарурати ворид намудани тағйирот ба қонуни мазкур пеш омад. Зарур шуд, ки пешниҳоди маълумотҳо дар бораи таърихи қарз аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба бюроҳои қарзӣ ҳатмӣ карда шавад.

Қобили қайд аст, ки бар асоси тағйироту иловаҳои ба қонуни мазкур воридшуда, таъминкунандагони иттилоот, аз ҷумла ташкилоти қарзӣ, ба Бюрои таърихи қарз маълумотро дар бораи қарзгирандагон бидуни розигии онҳо, тавассути огоҳкунии пешакӣ ирсол менамоянд. Бо ин мақсад ба моддаҳои 7, 16, 18, 21, 24, 22 25, 26-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз» тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Ин тағйироту иловаҳо монеъаҳоро бардошта, ба ташаккулёбии манбаи маълумот дар бораи қарзгирандагон ва қарздорони низоми бонкӣ мусоидат менамояд.

Ба андешаи мутахассисон ин тағйироту иловаҳо дар баробари ташаккулёбии манбаи маълумот дар бораи қарзгирандагон ва қарздорони низоми бонкӣ манфиатҳои қарзгирандагонро ба инобат мегиранд ва муқаррароти асосии қонунро дар хусуси махфӣ нигоҳ доштани иттилоот ва таъмини ҳифзи он тағйир намедиҳанд.

Ҳамин гуна, ба моддаи 7 қонуни мазкур бо ҳадафи дақиқ намудани салоҳияти мақоми ваколатдор дар самти қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба ташкили фаъолияти Бюрои таърихи қарзӣ тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд.

Инчунин, ба моддаҳои 19 ва 28-и қонуни мазкур барои мушаххас намудани доираи шахсоне, ки ҳуқуқи аз бюроҳои таърихи қарзӣ талаб намудани ҳисоботи қарзро доранд, тағйиру иловаҳо ворид шудаанд. Тибқи онҳо суд ва дигар мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ аз номгӯйи истифодабарандагони ҳисоботи қарзе, ки дар моддаи 19 қонуни мазкур муқаррар шудааст, хориҷ карда шуданд. Зеро мақомоти номбурда тибқи маъно ва мафҳуми истилоҳоти дар қонуни мазкур пешбинишуда, истифодабарандагони ҳисоботи қарз намебошанд.

Ҳамакнун пешниҳод намудани маълумот ба мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ танҳо дар асоси қарор ё таъиноти суд ё судя тибқи моддаи 192-юми Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## БЮРОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗ ВА ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ПЕШРАФТАИ ОЛАМ

Қайд кардан бамаврид аст, ки фаъолияти бюроҳои таърихи қарзӣ имрӯз дар аксари кишварҳои дунё ба роҳ монда шудааст ва дар пешрафти соҳаи бонкдорӣ дар саросари олам саҳм мегузорад. Ин бюроҳо бо номҳои гуногун дар кишварҳои мухталиф вазифаи ҷамъоварии маълумот, коркарду нигоҳдорӣ ва пешниҳоди таърихи қарзро иҷро мекунанд. Масалан, бюроҳои таърихи қарзро дар ИМА Низоми ҳисоботи қарзӣ, дар Олмон Ассотсиатсияи таъмини бехатарии қарзҳо ва дар Фаронса Бюрои марказии хавф меноманд.

Trans-Scenia, Equipax ва Exriaian - бюроҳои таърихи қарзи бузургтарини дунё ба шумор рафта, дар ИМА қарор доранд ва ба бозори ҷаҳонӣ хизмат мерасонанд. Дар Аврупо пешгомони ин бозор ширкатҳои «Эритри» ва CRIF –и Италия меошанд. Солҳои охир дар кишварҳои Чех, Лаҳистон, Литва, Эстония ва Туркия рушди бюроҳои таърихи қарз ба мушоҳида мерасад. Дар Амрикои лотинӣ, қариб ҳамаи кишварҳо бюроҳои таърихи қарзӣ доранд. Дар Арабистону Эрон ва Ҳиндустону Покистон низ бюроҳои таърихи қарзӣ фаъолияти густурда доранд.

Дар ИМА ҳоло бештар аз 500 бюроҳои таърихи қарзӣ фаъолият мекунанд. Бонкҳои амрикоӣ бидуни доштани таърихи қарзии мусбат ба мизоҷон қарзҳои имтиёзнок намедиҳанд. Агар нафаре таърихи қарзӣ надошта бошад ва аввалин бор ба бонк барои қарз муроҷиат кунад, ба ӯ то кушодани таърихи қарзиаш бо баҳраи баландтар қарз медиҳанд.

Дар Британияи Кабир дар ин бахши бозор се оҷонсии иттилоотии қарзӣ бо номҳои Траван, Эксифак ва Колкредит кор мекунанд. Аксарияти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ба як ё чанде аз ин оҷонсиҳо барои таъмини сифатнокии қарздиҳиашон аъзо мебошанд. Ин оҷонсиҳо инчунин ширкатҳоеро, ки мол ё хизматрасониҳояшонро бо қарз пешниҳод мекунанд, (масалан, дорандагони кортҳои қарзӣ, ширкатҳои коммуналӣ ва эмитентҳои кортҳои тиҷоратӣ) фаро мегиранд. Бонкҳо ва дигар ширкатҳои аъзо метавонанд аз оҷонсиҳои иттилооти қарзӣ маҷмӯи маълумотҳои заруриро дар бораи муштариёни худ дарёфт кунанд.

Дар баъзе давлатҳо бюроҳои таърихи қарзӣ давлатӣ мебошанд. Масалан, дар Ҳиндустон аввалин бюрои таърихи қарзӣ, аз ҷониби ҳукумат ва Бонки марказии Ҳиндустон барои беҳтар намудани устувории низоми молиявии ин кишвар ва баланд бардоштани сифати сандуқи қарзии бонкҳо ташкил карда шудааст. Ҳарчанд дертар дар ин мамлакат бюроҳои таърихи қарзии хусусӣ низ фаъолияти худро ба роҳ мондаанд.

Аз кишварҳои минтақа дар Қазоқистон ду бюрои таърихи қарзӣ бо номҳои "Бюрои давлатии қарзӣ" ва "Бюрои қарзии якум" фаъолият мекунанд. "Бюрои давлатии қарзӣ" ширкати ғайритиҷоратии Бонки миллии Қазоқистон мебошад. Он дар бораи қарзҳо иттилоот ҷамъоварӣ мекунад ва ҳисоботи қарзии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро тартиб медиҳад. Вақте мизоҷ қарз гирифтанӣ мешавад, бонк мехоҳад донад, ки қарзгиранда қарзҳои қаблии худро баргардонидааст ё не. Барои ин, вай барои дастрас намудани маълумот дар бораи қарзгиранда ба бюрои таърихи қарзӣ муроҷиат мекунад. Зикр кардан зарур аст, ки бо ин фаъолияти "Бюрои давлатии қарзӣ" маҳдуд намешавад, вай инчунин барои бюроҳои хусусӣ стандартҳоро муайян месозад, аз болои фаъолияти онҳо назорат мебарад ва пойгоҳи маълумоти пурраи таърихи қарзиро таҳия мекунад. Тафовути дигари Бюрои давлатии қарзӣ дар он аст, ки агар бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд иттилоотро ба ҳамаи бюроҳо ирсол кунанд, ташкилотҳои давлатӣ маълумотҳояшонро танҳо ба Бюрои давлатии қарзӣ дастрас мекунанд. Барои мисол, агар шаҳрванди Қазоқистон андоз аз истифодаи мошин ё андоз аз моликияти дигарашро пардохт накарда бошад, пас ин маълумот аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба бюрои давлатии таърихи қарзӣ ирсол мешавад.

Дар робита ба гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки барои беҳтар намудани фаъолияти бюроҳои таърихи қарзии ҷумҳурӣ истифодаи таҷрибаи ғанӣ ва судман-

ди кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва минтақа манфиатнок хоҳад буд.

## КОРШИНОСОНИ СОҲА: БЮРОҲОИ ТАЪРИХИ ҚАРЗӢ БА БОНКҲО МАЪЛУМОТИ СИФАТНОК ПЕШНИҲОД ХОҲАНД КАРД

Коршиносон бар онанд, ки тағйироти ба қонун воридшуда, бюроҳои қарзии Тоҷикистонро фаъол менамояд ва онҳо ба ҳайси қисми муҳими инфрасохтори молиявӣ кори ташкилотҳои қарздиҳиро барои додани қарз осон гардонида, таҷрибаи қарздиҳӣ бо таъмини ҳисси масъулиятро дар кишвар ҷорӣ хоҳанд кард.

Парвиз Раҳимов, коршиноси масоили иқтисодӣ мегӯяд, фаъолияти комили бюроҳои таърихи қарзӣ барои беҳтар намудани суботи молиявӣ дар Тоҷикистон тавассути таъмини дастрасии мизоҷони бомасъулият ба маблағ ва афзоиши дастрасӣ ба қарз мусоидат менамояд. Ба андешаи ӯ, бюроҳои таърихи қарзӣ бояд ниёзи бозори молияи кишварро ба иттилоот дар бораи қарзгирандагон ба таври комил таъмин созанд ва аз хавфи қарздиҳӣ пешгирӣ намоянд.

Коршиносон такмил ёфтани фаъолияти бюроҳои қарзиро барои ҷамъоварии маълумот дар бораи қарзгирандаҳои каммасъулият низ муҳим дониста, таъкид мекунанд, ки ба роҳ мондани он ба фаъолияти бонкҳо кумаки зиёд мекунад. Зеро фаъолияти комили ин муассисаҳо ки дар онҳо маълумоти марбут ба таърихи кор бо қарз ва қарзгирии шахсони алоҳида ва ширкату ниҳодҳо ҳифз мешавад, дар ҷумҳурӣ талаботи зиёд дорад. Бинобар ин, фаъолтар шудани бюроҳои таърихи қарзӣ мушкилоти набудани маълумот дар бораи қарзгирандагонро ки ба тасмими қарздиҳандагон таъсири манфӣ мерасонид, ҳал мекунад.

Ба гуфтаи Олим Игамов менеҷери савдо ва фурӯши ҶДММ “Бюрои қарзии иттилоотии Тоҷикистон” ворид шудани тағйироту иловаҳо, пеш аз ҳама, сифати маълумотҳоро беҳтар намуда, имкон медиҳад, ки бюроҳои қарзӣ ба бонкҳо маълумоти сифатнокро пешниҳод кунанд.

Дар маҷмӯъ, ба назари коршиносон ворид шудани тағйироту иловаҳо ба қонуни мазкур бозори иттилоотии қарзро танзим намуда, ба васеъшавии дастрасӣ ба захираҳои қарзӣ, паст шудани вобастагӣ ба гаравҳо, роҳ надодани қарздиҳии хавфнокиашон аз ҳад зиёд ва қарзҳои такрорӣ, мониторинги бозори қарзӣ ва беҳтар шудани танзиму назорати бонкӣ кумаки бузург менамояд.

Доираҳои иқтисодии Тоҷикистон интизор доранд, ки фаъолияти аввалин Бюроҳои таърихи қарзӣ дар кишвар ба таври муассир сатҳи хатари нопойдории бозгардондани қарзҳо ба бонкҳоро коҳиш медиҳад. Бино ба таҷрибаи ҷаҳонӣ фаъолияти бюроҳои итилооти қарзӣ бозори молиявии кишварҳоро ба самти беҳтар дигаргун мекунад. Барои ин бюроҳо бояд ба тасмимгирии бонкҳо ва ташкилотҳои қарздиҳӣ мусоидат кунанд ва шароите фароҳам оваранд, ки муштариён бе ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зиёд ва монеаҳои бюрократӣ аз бонкҳо дар камтарин муҳлат қарз дарёфт кунанд ва бонкҳо низ дар навбати худ барои муайян намудани хавфҳо ва таҳлили вазъи молиявии қарзгирандагон вақти камтар сарф намоянд.

Дар чунин мавридҳо бюроҳо бо роҳи расонидани кумак ҳангоми арзёбӣ намудани хавф ба ташкилотҳои молиявӣ хароҷоти қарздиҳиро кам намуда, дастрасӣ ба қарзҳоро бештар мекунанд. Дар натиҷа маданияти баланди қарздиҳӣ дар кишвар ташаккул хоҳад ёфт.

Ҳамин тавр, ба ақидаи коршиносон ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз» барои комил шудани фаъолияти бюроҳои таърихи қарзӣ, ба роҳ мондани низоми самараноки баҳисобгирии таърихи қарз шароит фароҳам оварда, сатҳи хавфи қарздиҳиро кам мекунад ва имкон медиҳад ки дар оянда арзиши қарз барои қарзгирандагон коҳиш ёбад. Ва дар ниҳояти кор, ин имкон медиҳад, ки бозори қарзии кишвар равнақ ёфта, дар самти рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ комёбиҳо ба даст оварда шаванд.

**Аслам Мӯминов,**
**“БТҶ”**

# ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО ОСОНУ ҚУЛАЙ ГАРДИД



Шарҳи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №204 “Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ”

Тавре аз маълумотҳои омори расмӣ бармеояд, имрӯз зиёда аз 800 ҳазор нафар аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷӣ кишвар фаъолият менамоянд ва онҳо ҳамасола аз 2 то 4 млрд. доллари ИМА ба ҷумҳурӣ интиқол медиҳанд. Дар навбати худ ин маблағҳои интиқолӣ яке аз сарчашмаҳои воридшавии асъори хориҷӣ ба ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравандд. Қайд кардан бамаврид аст, ки бевосита ин маблағҳо тавассути ташкилотҳои қарзӣ интиқол дода мешаванд.

Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон пайваста бахри муҳайё намудани шароити мусоид барои анҷомдиҳии амалиёти интиқолии маблағҳои пулӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии батанзимдарорандаи амалиёти интиқолиро таҷдиди назар менамояд.

Амалиёти интиқоли маблағҳои пулӣ ба (аз) Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва Дастурамали №204 “Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ” (минбаъд Дастурамали №204) ба танзим дароварда мешавад.

Дастурамали №204 бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №314 аз 26 декабри соли 2013 тасдиқ карда шудааст ва 22.04.с.2014 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Аммо бо мақсади соддатар гардонидани раванди анҷомдиҳии амалиёти интиқоли маблағҳои пулӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ба Дастурамали мазкур бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №219 аз 22.10.с.2015 тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Ҳамзамон бо мақсади мувофиқа намудани асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии тартиби анҷом додани амалиёти интиқоли маблағҳои пулӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ба Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” 30 январи соли 2018 бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон




таҳти №3 ба Дастурамали №204 “Оид ба тартиби анҷом додани амалиёти интиқолӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ” бори дуюм тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд ва ин тағйиру иловаҳо аз ҷониби Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №187 “е” 2 марти соли 2018 ба қайди давлатӣ гирифта шуд.

Ба Дастурамали №204 тағйиру иловаҳо зерин ворид карда шуданд:

◙ Қисми муқаррароти Дастурамали 204 то вақти даровардани тағйиру иловаҳо ба қисми 2 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ва моддаҳои 4 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор" аз 4 ноябри соли 1995 (қонуни бекоршуда) асос ёфта буд. Бояд қайд намуд, ки 19 майи соли 2009 ва 13 июни соли 2013 Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ва “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” дар таҳрири нав қабул гардида, мавриди амал қарор дода шуданд. Бинобар ин, қисми муқаррароти Дастурамали №204 дар таҳрири нав ба муқаррароти қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор” ва “Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом” мутобиқ карда шудааст.

Бояд қайд намуд, ки мутобиқи талаботи Дастурамали мазкур шахсони воқеӣ амалиёти интиқолиро метавонанд ҳам тавассути низоми муносибатҳои муросилотии бонки ваколатдор (ташкилоти қарзие, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон бо асъори хориҷӣ амалиёт анҷом медиҳад) ва ҳам тавассути низомҳои минтақавию ҷаҳонии интиқоли пул дар филиалҳо ва воҳидҳои сохтории бонки ваколатдор анҷом диҳанд.

◙ Илова бар ин, ба банди 2 Дастурамали №204 зербандҳои нав бо мазмуни зайл илова карда шуданд: “Шахсони воқеӣ амалиёти интиқолиро танҳо барои интиқол ва ё гирифтани маблағҳои пулие, ки ба фаъолияти тиҷоратӣ (соҳибкорӣ ва ё сармоягузорӣ) вобаста намебошад, анҷом дода метавонанд.

Шахсони воқеӣ амалиёти интиқолӣ ва ё гирифтани маблағҳои пулии ба фаъолияти тиҷоратӣ (соҳибкорӣ ва ё сармоягузорӣ) вобастабударо тавассути суратҳисобҳои бонкии дар бонкҳои ваколатдор кушодаашон, анҷом дода метавонанд.”

Яъне, тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ва талаботҳои низомҳои интиқолӣ интиқолҳои пулие,

ки бе кушодани суратҳисоби бонкӣ анҷом дода мешаванд, бояд хусусияти иҷтимоӣ дошта бошанд. Ба монанди интиқоли маблағ аз ҷониби муҳоҷирон барои эҳтиёҷоти хонаводаашон, ёрдами молиявӣ, кумакпулиҳо, барои пардохти маблағи таҳсил, пардохти хизматрасониҳои тиббӣ ва ғайраҳо.

Минбаъд интиқоли маблағҳо бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ва ё хусусияти соҳибкорӣ ва ё сармоягузорӣ дошта, бояд аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси кушодани суратҳисоби бонкӣ анҷом дода шаванд. Ташкилотҳои қарзӣ ҳамчун агенти назорати асъор, бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ ва таблиғотиро оид ба самаранокӣ ва манфиатҳои аз ҷониби соҳибкорон кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ва бо истифода аз онҳо анҷом додани амалиётҳои интиқолиро ба таври зарурӣ роҳандозӣ намоянд.

◙ Мақсад аз таҳрири банди 3 Дастурамали мазкур, пеш аз ҳама, аз банди зикршуда соқит намудани калимаҳои “нуқтаи интиқоли пул” ва “Замимаи 1” буд, ки дар он талаботи асосӣ нисбати нуқтаҳои интиқоли пул қайд гардида буданд. Минбаъд бонкҳои ваколатдор амалиёти интиқолиро дар хазинаҳои амалиётии сарбонк, филиал ва ё маркази хизматрасонии бонкӣ анҷом медиҳанд. Воҳидҳои сохтории мазкур дар баробари амалиёти интиқолӣ, инчунин амалиёти мубодилавӣ бо асъори нақдро низ тибқи тартиби муқарраршуда анҷом медиҳанд.

Ба ибораи дигар гӯем, дар дигар ҷойҳо, ба истисноӣ мавзеъҳои номбаршуда (сарбонк, филиал ва ё маркази хизматрасонии бонкӣ), анҷом додани амалиёти интиқоли маблағ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ манъ аст.

◙ Банди 4 Дастурамали №204 дар таҳрири нав ба таври зайл ифода карда шудааст: “Бонкҳои ваколатдор барои анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ ва мубодилавӣ бояд хазинаҳои амалиётии худро бо маблағи кифояи асъор ва пули миллии нақд, тибқи тартиби муқарраршуда, таъмин намоянд.”

Яъне, тибқи талаботи банди боло бонкҳои ваколатдор (ташкилотҳои қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои анҷом додани амалиёти асъорӣ доранд) ӯҳдадоранд хазинаҳои амалиётии филиал ва воҳидҳои сохтории худро ҳамарӯза барои анҷом додани амалиёти интиқоли маблағҳои пулӣ ва мубодилавӣ бо асъори нақди хориҷӣ ва пули миллӣ таъмин намоянд. Дар баробари ин, вазифадоранд бехатарии ҳамлу нақли (инкассатсия) ин маблағҳоро низ таъмин намоянд.

◙ Банди 5 Дастурамали №204 дар таҳрири зерин оварда шудааст: “Бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) бояд бехатарии фаъолияти хазинаҳои амалиётӣ ва кормандони онҳоро ҳангоми анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ ва мубодилавӣ, тибқи тартиби муқарраршуда, таъмин намоянд.”.

Дар банди номбурда то замони ворид кардани тағйиру иловаҳо бештар оид ба фаъолияти нуқтаҳои интиқоли пул ва тартиби додани иҷозатнома барои фаъолияти онҳо сухан мерафт. Чун чандест, ки фаъолияти нуқтаҳои интиқоли пул манъ карда шудааст, амалиёти интиқолӣ дар хазинаҳои амалиётии воҳидҳои сохтории ташкилотҳои қарзӣ анҷом дода мешаванд. Бинобар ин, бонкҳои ваколатдор вазифадоранд бехатарии фаъолияти хазинаҳои амалиётӣ ва кормандони онҳоро ҳангоми анҷомдиҳии ӯҳдадориҳои вазифавиашон, таъмин намоянд.

◙ Бо мақсади баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ масъулини бонкҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) вазифадоранд тартиби анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ ва мубодилавиро дар марказҳои хизматрасонии бонкии зертобеи худ на камтар аз як маротиба дар як моҳ санҷида бароянд ва оид ба натиҷаи санҷиш санад тартиб диҳанд. Иқдоми мазкур имкон медиҳад, ки масъулияти кормандони хазинаи амалиётӣ ҳангоми анҷом додани амалиёти интиқолӣ ва мубодилаи асъор бештар гардад. Такрор ҳам шавад, бояд қайд намоем, ки масъулини ташкилотҳои қарзӣ ва филиалҳои онҳо бояд ҳар моҳ на камтар аз як маротиба фаъолияти хазинаҳои амалиётиро санҷида, оид ба натиҷаҳои санҷиш санад тартиб

диҳанд, Дар робита ба ин, бояд як нусхаи санад дар сарбонк ва ё филиал нусхаи дуюм бошад, дар хазинаи амалиётии санҷидашуда, нигоҳ дошта шавад.

◙ Банди 121 Дастурамали 204, ки ба анҷомдиҳии амалиёти мубодилавӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ дар нуқтаҳои интиқоли пул бахшида шуда буд, аз эътибор соқит карда шуд. Шахсони воқеӣ метавонанд амалиёти мубодилавиро танҳо дар хазинаҳои амалиётии воҳидҳои сохтории бонкҳои ваколатдор ва филиалҳои онҳо анҷом диҳанд.

◙ Тибқи муқаррароти пешинаи банди 14 Дастурамали №204 барои интиқол додани асъори хориҷӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи манбаи пайдоиши асъор талаб карда мешуд.

Акнун тибқи тағйироти ба банди 14 Дастурамал воридшуда, ҳангоми аз ҷониби шахсони воқеӣ (резидентҳо) интиқол додани асъор бе кушодани суратҳисоби бонкӣ то ба маблағи 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ба ташкилоти қарзӣ пешниҳод намудани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи манбаи пайдоиши асъор зарур нест. Интиқол додани асъор ба маблағи мутаносиби зиёда аз 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ҳамчун амалиёти ҳатман назоратшаванда ҳисобида шуда, бо шарти пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи расмиёти онҳо анҷом дода мешавад.

Ҳангоми интиқол додани асъор бе кушодани суратҳисоби бонкӣ нишон додани хусусияту таъиноти маблағи интиқолшаванда ҳатмӣ мебошад.

**Минбаъд интиқоли маблағҳо бо мақсади ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорӣ ва ё хусусияти соҳибкорӣ ва ё сармоягузорӣ дошта, бояд аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ дар асоси кушодани суратҳисоби бонкӣ анҷом дода шаванд.**

◙ Мутобиқи муқаррароти тағйироти ба банди 16 Дастурамали мазкур воридшуда, бо мақсади таъмини мақоми пули миллӣ ҳамчун воситаи ягонаи қонунии муомилот ва пардохт, Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад, тартиби танҳо бо пули миллӣ додани ин ё он асъори хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ интиқолшударо муқаррар намояд.

Яъне Бонки миллии Тоҷикистон танҳо дар мавридҳои зарурӣ, бо мақсади таъмин намудани харидории қурби пули миллӣ, муназзамии фаъолияти бозори асъори дохилӣ ва паст кардани фишорҳои асъорӣ ба қурби пули миллӣ метавонад тартиби бо пули миллӣ додани асъори хориҷии ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ интиқолшударо ҷорӣ намояд.

◙ Дар асоси талаботи Дастурамали 204 ба таври нақдӣ ба резидент додани асъори ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз хориҷи кишвар интиқолшуда ба маблағи ҳамарзиши то 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (87 500 сомонӣ (як нишондиҳанда 50 сомонӣ) бо ҳуҷҷати тасдиқкунанда ва имзои хазинадор ва маблағи аз 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёдабуда, бо ҳуҷҷати тасдиқкунанда, имзои хазинадор ва бо мӯҳри (тамғаи) муассисаи бонки ваколатдор ба расмият даровarда мешавад. Яъне, хазинадори хазинаи амалиётӣ ба шахсони воқеӣ дар расидҳо (квитансия), ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи амалиёти интиқолӣ, ки маблағашон то 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) ташкил медиҳад, танҳо имзо мегузорад ва агар ин амалиёт зиёда аз 1750 нишондиҳанда барои ҳисобҳо (87 500 сомонӣ) бошад, он гоҳ дар расид ва ҳуҷҷати тасдиқкунандаи амалиёти интиқолӣ ҳам имзои хазинадор ва ҳам мухри воҳиди сохторӣ гузошта мешавад.

◙ Мутобиқи тағйироти ба Дастурамали 204 воридшуда минбаъд резидентҳо (намояндаҳои онҳо) метавонанд барои ҷуброни хароҷоти ҷории худ, инчунин интиқоли маблағҳои хусусияти ғайритиҷоратидошта, кӯмакпулиҳо ва ёрӣ ба резидентҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа маблағи ҳамарзиши то 1750 нишон-диҳанда барои ҳисобҳоро дар як рӯзи амалиётӣ тавассути филиал ва ё воҳидҳои сохто-рии бонкҳои ваколатдор бе пешниҳод намудани ҳуҷҷати тасдиққкунандаи манбаи пай-доиши асъор интиқол диҳанд.

◙ Интиқоли асъор аз Ҷумҳу-рии Тоҷикистон ба хориҷа аз ҷониби шахсони воқей-рези-дентҳо ба ғайрирезидентҳо дар доираи талаботи дар банди 19 Дастурамали №204 муқар-раршуда, анҷом дода мешавад.

◙ Сархатҳои 2 ва 3 аз бандҳои 19 ва 21 Дастурамал соқит карда шуданд. Муҳтавои ин сархатҳо дар он буд, ки резидентҳо метавонистанд ба хориҷа ба фоидаи шахсони воқеию ҳуқуқӣ барои пардохти арзиши мол, кор ё хизматрасонии воридотии қабулшуда (анҷомдодашуда) маблағи асъории ҳамарзиш то 500'000 (панҷсад) ҳазор сомонӣ ва ғайрирезидентҳо метавонистанд бе кушодани суратҳисоби бонкӣ маблағи асъории ҳамарзиш то 500'000 (панҷсад) ҳазор сомониро, ки аз фаъолияти тиҷоратию соҳибкорӣ ба даст овардаанд, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа интиқол диҳанд. Минбаъд ин зумра интиқолҳо бояд тавассу-ти суратҳисобҳои бонкӣ анҷом дода шаванд.

◙ Ҳамзамон талабот дар мавриди аз ҷониби бонкҳои ваколатдор кушодани "Парван-даи интиқоли асъор аз Ҷумҳурии Тоҷикистон" нисбат ба ашхосе, ки интиқоли асъорро аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа муназ-зам (аз ду маротиба зиёд дар як моҳ ба воситаи як бонки вако-латдор) ё ба маблағи аз 70'000 (ҳафтод) ҳазор сомонӣ зиёд ё барои пардохти арзиши мол, кор, хизматрасонии воридотӣ ва ё интиқоли натиҷаҳои тиҷорату соҳибкорӣ анҷом медиҳанд, бекор карда шуд. Аммо ҳангоми анҷом додани амалиёти интиқолӣ риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" ҳатмӣ мебошад.

Қобили қайд аст, ки аз ҷониби шахсони мутасад-дии бонкҳои ваколатдор ва филиалҳои онҳо ҳангоми анҷом додани амалиёти интиқолӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ба муштариён додани ҳуҷҷати тасдиққкунандаи анҷомдиҳии амалиёти интиқолӣ ҳатмӣ ба ҳисоб меравад.

Илова бар ин, минбаъд бонк-ҳои ваколатдор (филиалҳои онҳо) вазифадоранд ҳар моҳ (то 5-уми моҳе, ки баъд аз моҳи ҳисоботӣ меояд) оид ба миқдори умумии воҳидҳои сохтории ба анҷомдиҳии ама-лиёти интиқолӣ машғулбуда, дар шакли Замимаи №3 Дастур-амали №204 ба Бонки миллии Тоҷикистон (шуъбаҳои мин-тақавии он) ҳисобот пешниҳод намоянд.

**Беҳзод Ҷӯраев,**
н.и.и., Сардори шуъбаи танзими асъори Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори БМТ.

**Шариф Раҳмонзода,**
Сардори шуъбаи назорати асъори Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъори БМТ.

# Маркази **А. Кудрин роҳи бе ҷалби маблағгузорӣ тезонидани афзоиши ММД –** ро номбар кард



Яқин аст, ки дар ҳама давру замон давлатҳои мухталифи дунё ҳамеша тамоми кӯшишу талоши худро ба он равона мекарданд, то ки иқтисоди худро инкишоф дода, ба сафи дигар кишварҳои пешрафтаи олам шомил шуда, сатҳи зиндагии шоистаи мардумашонро таъмин намоянд. Ин гуна талошҳо бо роҳу воситаҳои нав ба нав дучанд гашта истодаанд, махсусан дар замони муосир, дар давроне, ки иқтисодиёти мамолики олам ба буҳрони сангини иқтисодию молиявӣ дучор гардидаасту ҷараёни ҷаҳонишавӣ бо суръати тезтар идома дорад.

Масалан, Алексей Кудрин (то таъйин шуданаш ба вазифаи раиси Палатаи ҳисоби Русия, 22 майи с. 2018) ва коршиносони Маркази тадқиқоти стратегии Русия бар ин назаранд, ки барои тезонидани афзоиши иқтисодиёт то суръати болотар аз сатҳи миёнаҷаҳонӣ зарур аст, ки ба он дар муддати шаш сол қариб 5 млн. нафари ба кор машғулбуда ва 40 трлн. рубл сармоягузории изофавӣ илова гардад ва ё самараю ҳосилнокии меҳнат боло бардошта шавад.

Гуфта мешавад, ки ду усули ба даст овардани суръати афзоиши иқтисодиёт дар сатҳи баландтар аз 4% вуҷуд дорад. Якум – “ба он илова кардан”-и 4,6 млн. нафари ба кор ҷалбшуда ва ворид намудани 40 трлн. рубл сармоягузории иловагӣ ба сармояи асосӣ (изофа бар оне, ки интизорӣ меравад). Роҳи дигар – зиёд кардани ҳосилнокии муштараки воқеӣ (нишондиҳандае, ки ҳосилнокии меҳнат, сармоя ва раванди технологӣ, ҳамчунин инфрасохтор ва сифати ташкилотҳои бозорӣ ва танзимкунандаро ба инобат мегирад). Ин пешниҳодро коршиносони Маркази тадқиқоти стратегии Алексей Кудрин дар маърӯзаашон “Инқилоби нави технологӣ: даъватҳо ва имкониятҳо барои Русия” ба миён гузоштаанд.

Қайд кардан зарур аст, ки дар омода намудани ин пешниҳодҳо, ки дар шумораиояндаи маҷаллаи “Масъалаҳои иқтисодӣ” ба нашр расонида мешавад, директори Институти бозорҳои соҳавӣ ва инфрасохтори Академия хоҷагии халқи Русия ва хизмати давлатии

назди Президенти ФР, мушовири А. Кудрин Георгий Идрисов, ноиби президенти Маркази тадқиқоти стратегӣ Владимир Княгинин, худи Алексей Кудрин, ки вазифаи раиси шӯрои маркази номбурдаро ба ухда дорад ва роҳбари самти лоиҳавии ин ташкилот Елена Рожкова фаъолона ширкат варзиданд.

### ▲ ТАНАЗЗУЛ САРФИ НАЗАР АЗ СУХАНПАРДОЗӢ

Дар ин маърӯза таъкид шудааст, ки барои аз байн бурдани қафомонӣ аз давлатҳои дигар ба Русия зарар аст, ки ҳосилнокии меҳнатро зиёд намояд, вале алҳол “сатҳи пасти имкониятҳои инноватсионӣ, ба андозаи зарурӣ баланд набудани самаранокии илмӣ-технологӣ, натиҷаҳои хоксорона дар бахши рақамикунонӣ ва платформакунонии иқтисодиёт мушоҳида мешаванд. Русия ба инқилоби технологӣ бо “қафомонӣ” ҳамроҳ мешавад, мавқеи он бошад, новобаста аз муҳим ва замонавӣ будани ин кор, ҳанӯз заиф мебошад. Дар Маркази тадқиқоти стратегӣ чунин мешуморанд, ки ҳисса ё саҳми ҳосилнокии муштараки воқеӣ дар афзоиши ММД “хурдакак” аст.

### ▲ РОҲИ ДИГАР ЗАРУР АСТ

Ба гумон аст, ки иқтисодиёти Русия аз ҳисоби маблағгузорӣ дар мӯҳлати кӯтоҳ афзоиш ёбад, гуфта мешавад дар таҳқиқоти Оҷонсии таҳлилии баҳогузории қарзӣ. Барои зиёд шудани онҳо омилҳои сохторӣ, аз қабили воридотивазкунӣ, васеъ кардани содирот, талаботи мустақим ба сармоягузориҳои нави давлат вуҷуд доранд. Вале сабабҳои конъюнктурӣ, ба монандӣ фоиданокӣ, хавфи қарзӣ, ҷараёни ҳаҷми истеҳсолот қариб дар тамоми бахшҳо заиф мебошанд. Аз рӯйи ҳисобу китоби коршиносон, дар ояндаи наздик ба соҳибкорон маблағгузорӣ кардан ба бахши нақлиёт ва боркашонӣ фоидаовартар хоҳад буд.

> **Агар бо ифодаи воқеӣ баён намоем, истифодаи тағйирдиҳии усулҳои буҷет маънии онро дорад, ки афзоиши хароҷоти соҳаҳои давлатӣ то 2024 60-70 фоизро ташкил хоҳад дод. Бо ибораи дигар гӯем, имконият пайдо мешавад, ки гузариш аз дарбеҳ кардани сӯрохиҳо ба инкишоф таъмин гардад.**

Пешниҳодоти Маркази тадқиқоти стратегӣ, ки барномаи иқтисодиро барои президенти Русия Владимир Путин омода карда буд, аз якчанд бахшҳо иборат мебошад. Аввалан зарур аст, ки бахшҳои анъанавӣ – Комплекси сӯзишворию энергетикӣ, Комплекси агросаноатӣ, металлургия, саноати коркарди кӯҳӣ ва ғайра нав карда шаванд. Барои амалӣ намудани ин мақсад ҳукумат метавонад ба тариқи институтсионалӣ принсипҳои нави баҳодиҳии рушди технологияро, ки сифати идоракунии технологияро баланд мебарdoranд, устувор намояд. Қайд карда мешавад, ки чун ҳиссаи давлат дар иқтисодиёт бузург аст (аз рӯйи ҳисоби Маркази тадқиқоти стратегӣ 46%) бояд дар ширкатҳои давлатӣ “гузариш ба технологияҳои пешрафтаи истеҳсолӣ, ҳаллу фаслҳои рақамӣ ва платформавӣ, тавлиди навъҳои нави маҳсулот” таъмин карда шавад ва ҳамчунин танзими технологӣ беҳтар гардад.

### ▲ БЕШТАР ТАВАККАЛ КАРДАН ДАРКОР

Дар бахш ё қисмати дуюм пешниҳод карда мешавад, ки зиёдшавии саҳми бахшҳои дорои технология баланд аз 1% ҳозираи ММД то 10% баъди шаш сол оварда расонида шавад. Маркази номбурда пешниҳод менамояд, ки чораҳои Ташаббусҳои технология миллӣ (Барномаи давлатӣ оид ба дастгирии соҳаҳои ояндадор) “васеъ ё бузург” карда шавад. Дар Маркази тадқиқоти стратегӣ бар онанд, ки зарур аст “консорсиумҳо дар шакли шарикии сармоягузорию технологӣ” бо истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо ташкил карда шаванд, зеро онҳо “каср ё камбуди фарҳанги ҳамкориро пур мекунанд” ва имкониятҳои банақшагириро васеъ мегардонанд. Бахши



сеюм ба рақамикунонӣ марбут аст, ва "на танҳо дар иваз намудани низоми идораи аналогӣ ба рақамӣ инъикос мегардад, балки ба зеҳникунонии иншоот ва низомҳои технологӣ дахл дорад". Дар баробари ин, коршиносон чунин мепиндоранд, ки рақамикунонӣ бояд аз ҷумла, инфрасохтори бахшҳои "бисёр мушкил": тандурустӣ, илм, бонкҳо, Комплекси сӯзишворию энергетикӣ (аз ҷумла, мудофиа, энеогетикаи атомӣ), идораи давлатиро дар бар гирад.

Марказ ҳамчунин пешниҳод менамояд, ки самти институтҳои инкишоф бо маблағгузории лоиҳаҳои камхавф (асосан ин марҳилаҳои охири силсилаи маблағгузорӣ ба шумор меравад) ба лоиҳаҳои давраҳои барвақт, ки "метавонанд дар оянда барои пешрафти технологӣ ҳамчун замина хизмат намоянд", иваз карда шаванд.

> Дар соли 2018 тибқи таҳлилҳои Бонки ҷаҳонӣ афзоиши ММД-и ҷаҳонӣ 3,1% ва нишондиҳандаи мазкур дар Русия ба 1,7% баробар хоҳад шуд.

Илова бар ин, зарур аст, ки инитутҳои нави рушд ташкил ва маблағгузорӣ карда шаванд, бахусус соҳибкории миёна. Бахши чорум дар ҳуҷҷати Маркази тадқиқоти стратегӣ – ташаккул ва нигоҳдории заминаи илмӣ, ки барои он ислоҳоти идораи илм зарур аст. Маҳз барои ҳамин коршиносон ташкили мақоми нави федеролии ҳукумати иҷроияро, ки ба танзими санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ дар бахши маълумоти олӣ ва илм машғул хоҳад шуд, лозим мешуморанд.

Ва ниҳоят, дар бораи мақсад ва вазифаҳо оид ба якуним маротиба зиёд намудани ММД ба ҳар як сари аҳолӣ, ки В. Путин дар паёми имсолааш махсус қайд карда буд. Вале алҳол суръати афзоиш дар Русия ба андозаи назаррас аз сатҳи миёнаҷаҳонӣ пасттар аст – дар соли 2017 ММД ба андозаи 1,5% зиёд шуд. Афзоиши иқтисоди ҷаҳонӣ, аз рӯйи маълумоти Бонки ҷаҳонӣ 3% (2,3% дар кишварҳои пешрафта ва 4,3 % дар давлатҳо рӯ ба инкишоф)-ро ташкил намуд. Дар соли 2018 тибқи таҳлилҳои Бонки ҷаҳонӣ афзоиши ММД-и ҷаҳонӣ 3,1% ва нишондиҳандаи мазкур дар Русия ба 1,7% баробар хоҳад шуд. Дар баробари ин, дурнамои Вазорати рушди иқтисоди Русия мусбаттар аст ва ин нишондиҳанда дар соли равон 2,1% пешгӯй карда мешавад.

### ▲ А. КУДРИН РОҲИ ГУЗАРИШ "АЗ ДАРБЕҲ КАРДАНИ СӮРОХИҲО БА ИНКИШОФ"- РО ШАРҲ ДОД

Ба таври моҳирона тағйир додани буҷет яке аз пешниҳодҳои асосии Маркази тадқиқоти стратегии Русия буда, он шарти асосии гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ ва болора-

вии назарраси некӯаҳволии шаҳрвандон ба шумор меравад, изҳор дошт Алексей Кудрин ба "Коммерсант".

Дар Маркази номбурда бар ин назаранд, ки бе зиёд кардани андозҳо азнавтақсимкунии маблағҳои буҷетро анҷом додан мумкин аст, яъне тадриҷан, дар давоми шаш сол ба андозаи 2,3 банди фоизии ММД зиёд намудани хароҷоти буҷет ба се самти асосӣ – маориф (0,9 б.ф. ММД), тандурустӣ (0,9 б.ф. ММД) ва инфрасохтор (0,5 б.ф. ММД).

Мутахасисони Марказ таъкид менамоянд, ки маҳз ҳамин самтҳои хараҷоти маблағҳои буҷетӣ, ки самарабахш номида мешаванд, имкон медиҳанд, ки иқтисодиёт бо суръати тезтар рушд намояд. Ба андешаи онҳо, соҳаҳои маориф ва тандурустӣ кормандони баландихтисос ва солимро омода месозанд ва онҳо метавонанд сермаҳсултар кор кунанд, бахши инфрасохтор бошад, роҳҳоро бунёд месозад, ки бо онҳо борҳо бо суръати тезтар ва бо харҷи камтар ба маконҳои зарурӣ расонида мешаванд.

Гуфта мешавад, ки солҳои охир ҳиссаи ин гуна хароҷот дар ММД нокифоя буд. Дар айни замон Русия барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва инфрасохтор дар як сол тақрибан 11%-и ММД сарф мекунад, ҳол он ки барои мисол, дар Аврупо ҳисоби миёнаи ин гуна хароҷот чандин сол аст, ки 13,5-14%-ро ташкил медиҳад. Сарфи босамари ин маблағҳо дар ҳаҷми пешина бо назардошти натиҷаи беҳтарин метавонад фақат беҳбудии мушаххасро ба даст оварад, вале рахна ё ҷаҳиши сифатнок таъмин намегардад.

Барои таъмин намудани ҷаҳиши сифатнок Маркази Кудрин татбиқи моҳирона тағйир додани буҷетро пешниҳод менамояд. Олимони ин Марказ бар ин боваранд, ки дар давоми се-панҷ соли аввал он имконият медиҳад, ки зиёдшавии иловагии иқтисоди миллӣ 0,5 фоизи ММД-ро ташкил намояд. Агар ин нишондиҳанда тӯлонитар нигоҳ дошта шавад, изофаи солонаи рушди иқтисодӣ 1%-и ММД-ро ташкил хоҳад дод. Дар сурати дигаргуниҳои иловагии институтсионалӣ афзоиши номбурда метавонад то 1,5% баробар шавад.

Агар бо ифодаи воқеӣ баён намоем, истифодаи тағйирдиҳии усулҳои буҷет маънии онро дорад, ки афзоиши хароҷоти соҳаҳои давлатӣ то 2024 60-70 фоизро ташкил хоҳад дод. Бо ибораи дигар гӯем, имконият пайдо мешавад, ки гузариш аз дарбеҳ кардани сӯрохиҳо ба инкишоф таъмин гардад. Гузашта аз ин, ба таври системавӣ зиёд шудани хароҷоти давлатӣ бахши тиҷоратро ҳавасманд мегардонад, то ки ҳам дар ҳамкорӣ бо давлат ва ҳам дар алоҳидагӣ маблағгузории худро ба ин соҳаҳои зиёд намояд.

Ва ниҳоят, тадриҷан зиёд кардани синну соли баромадан ба нафақа имкон медиҳад, ки ҳаҷми нафақа 30% зиёд гардад ва дар ин замина дотатсияи Фонди нафақа коҳиш дода шавад. Мувофиқ намудани як қатор хароҷоти дигари буҷет сарфаи боз 0,3%-и ММД-ро таъмин мекунад.

А. Кудрин ҳамчунин баробарии одилонаро пешниҳод менамояд: баъди шаш соли рушди хароҷоти камаҳсул ба шашсолаи афзоиши фоиданокии хароҷот гузашта шавад.

Дар байни самтҳои дар стратегия авлавиятдошта, ҳамчунин инҳо оварда шудаанд: таъмини сатҳи зиндагии шоистаи шаҳрвандон, аз ҷумла аз тариқи маориф ва тандурустии босифат, ба ҳар як шаҳрванди кишвар додани шароитҳои мусоид барои соҳибкорӣ ва ташаббуси шахсӣ, ҳимояи аҳолӣ аз хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ, инқилоби технологӣ, комёб шудан ба мавқеъҳои калидӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ, инкишофи шаҳру минтақаҳо ва такмили низоми идораи давлатӣ.

**Таҳияи**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**"БТҶ".**



# Ҷаласаҳои муҳими Гурӯҳи Авросиё оид ба МҚД/МТ ва воҳидҳои кашшофии молиявии давлатҳои аъзои ИДМ

Аз 22 то 26 майи соли 2018 дар ш. Нанкин (Ҷумҳурии Мардумии Чин) ҷаласаи 28-уми Пленарии Гурӯҳи Авросиё (ГАО) оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (МҚД/МТ) ва ҷаласаҳои Гурӯҳҳои кории ташкилоти мазкур баргузор гардид. Дар чорабинии зикргардида, ҳайатҳои давлатҳои аъзои ГАО, аз ҷумла Белорус, Ҳиндустон, Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, инчунин намояндагони як қатор кишварҳои дигар ва ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар ГАО мақоми мушоҳидро соҳиб мебошанд, ширкат варзиданд.

Ҷаласаи 28-уми Пленарии ГАО аз ҷониби Раиси Гурӯҳ хонум Сзинхуа ХАО (Ҷумҳурии Мардумии Чин) роҳбарӣ карда шуд. Бо сухани ифтитоҳӣ дар ҷаласа муовини Раиси Бонки Мардумии Чин Лиу Луосин ва Муовини губернатори музофоти Сзинхуа Лиу Ян баромад намуданд.

Ҳайати расмии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар баробари дигар давлатҳои аъзои ГАО, ки дар ин чорабинӣ ширкат варзиданд, шахсони зерин намояндагӣ намуданд:

1. **Ватанзода М.М.** - ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ (Роҳбари ҳайат);
2. **Назарзода Х.** - муовини якуми Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. **Икромӣ С.С.** - муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон;
4. **Идрисзода И.** - муовини Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубори-




за бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**5. Файзуллозода Ф.** - директори Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон.

Инчунин, дар қатори ҳайати расмӣ намояндагони Вазорати адлия, Вазорати молия, Вазорати корҳои дохилӣ ва Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати иштирок дар ҷаласаҳои кории Гурӯҳи мазкур ширкат варзиданд.

Дар рафти ҷаласаи Пленарӣ як қатор масъалаҳои муҳим мавриди баррасӣ қарор гирифта, нисбати онҳо қарорҳои дахлдор қабул гардиданд, аз ҷумла:

1. Ба Кумитаи Шӯрои Бехатарии Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мақоми мушоҳид дар Гурӯҳи Авросиё дода шуд;

2. Масъалаҳо марбут ба фаъолияти амалии давлатҳои аъзои ГАО дар самти мубориза ба маблағгузории терроризм мавриди баррасӣ қарор дода шуда, афзалияти вазифаҳо барои мубориза бо терроризм ва маблағгузории он қайд гардиданд;

3. Ҳисоботи типологӣ дар мавзӯи “Ошкор намудани шахсоне, ки бо ташкилотҳои террористӣ тавассути харидорӣ намудани чиптаҳои ҳавопаймоӣ барои террористон-ҷанговарон ҳамкорӣ менамоянд” тасдиқ гардид. Ҳисоботи мазкур дар сомонаи ГАО ҷой дода мешавад;

4. Иштирокчиёни ҷаласа ҳисоботро оид ба фаъолияти ГАО барои соли 2017 ва буҷети ГАО барои соли 2019 дастгирӣ намуданд;

5. Ҳамкорӣ бо Гурӯҳи Осиё ва Уқёнуси ором дар қисмати гузаронидани тадқиқотҳои типологӣ оид ба КД/МТ муҳим арзёбӣ гардид;

6. Масъалаҳо марбут ба ҳамоҳангсозии ёрии техникӣ мавриди муҳокима қарор гирифта, баргузории вохӯрии минтақавии донорҳо дастгирӣ ёфт.



7. Маълумот оид ба тағйирот ба қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ГАО дар самти МКД/МТ/МПСҲО ва гузаронидани Баҳодиҳии хавфи миллии қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм пешниҳод гардид.

Дар рафти Ҷаласаи Пленарӣ дар қатори масъалаҳои болозикр натиҷаи баҳодиҳии тарафайни низоми МКД/МТ-и Ҷумҳурии Қирғизистон баррасӣ гардид.

Ҳисобот оид ба натиҷаи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Қирғизистон дар доираи даври дуюми баҳодиҳии тарафайни ГАО аз ҷониби ҷаласаи Пленарӣ тасдиқ гардид. Ҷумҳурии Қирғизистон нахустин давлате мебошад, ки аз давраи дуюми баҳодиҳии тарафайн мутобиқи стандартҳои нави Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) гузаштааст.

Мутобиқи тартиботи гузаронидани баҳодиҳии тарафайни ГАО Ҷумҳурии Қирғизистон вазифадор гардид, ки дар ҷаласаи 30-юми Пленарии ГАО, ки моҳҳои май-июни соли 2019 баргузор мегардад, ҳисоботро оид ба пешрафт манзур намояд. Пас аз анҷом ёфтани тартиботи ФАТФ оид ба таҳлили сифат ва мутобиқатӣ Ҳисобот оид ба натиҷаҳои баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Қирғизистон дар сомонаи ГАО ҷойгир карда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки айни замон марҳилаи дуюми баҳодиҳии тарафайни низоми миллии МКД/МТ/МПСҲО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ГАО амалӣ гашта истодааст. Аз ин лиҳоз, иштироки намояндагони мақомоти кишвар дар ин ҷаласа таҷрибаи ғайричашмдошт мебошад.

Тибқи Тартиботи гузаронидани баҳодиҳии тарафайни аз ҷониби ГАО тасдиқшуда, дар ҷаласаи Пленарии оянідаи Гурӯҳи мазкур натиҷаҳои баҳодиҳии тарафайни низоми МКД/МТ/МПСҲО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор хоҳад гирифт. Вобаста ба ин, омодагии ҳамаҷонибаи мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати баррасии ин масъала дар Ҷаласаи навбатии ГАО муҳим мебошад.

Маълумоти иловагӣ аз натиҷаи ҷаласаи 28-уми Пленарӣ дар сомонаи расмии ГАО гузошта шудааст (www.eurasiangroup.org).

Ғайр аз ин, аз 21 то 23 май Ҷаласаи Гурӯҳҳои корӣ Ҷаласаи 11-уми Шӯрои Роҳбарони воҳидҳои кашшофии молиявии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) баргузор гардид.

Дар чорабиниҳо намояндагони Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон таҳти роҳбарии директори Департаменти зикршуда Ф. Файзуллозода ширкат варзиданд.

Тибқи натиҷаи фаъолият, як қатор қарорҳо, ки ба фаъолияти амалии оянідаи Шӯро тааллуқ доранд, ба имзо расиданд. Бояд қайд кард, ки дар ҷаласаи Шӯрои мазкур бори нахуст Мақомоти кашшофии молиявии Ӯзбекистон таҳти роҳбарии Мавлонов А.Ю. – сардори Департаменти мубориза бо ҷиноятҳои андоз ва асъорӣ ва қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардаи назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки ба наздикӣ ба аъзогӣ пазируфта шуданд, иштирок намуданд.

**Департаменти мониторинги молиявии назди БМТ**



# Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ мавриди амал қарор гирифт

Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади ба танзим даровардани хизматрасониҳои пардохтӣ ва фаъолияти низомҳои пардохтӣ лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ"-ро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намуда буд. Қонуни мазкур 24 феврали соли 2017 аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба имзо расид ва пас аз нашри расмӣ 2 марти соли 2017 мавриди амал қарор гирифт.

Саравval бояд иброз намоем, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" барои мутобиқ намудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ба таҷрибаи муосири байналмилалӣ, ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои пардохтӣ, тақвият бахшидани назорат, шаффоф гаштани амалиётҳо ва дар ниҳояти кор зиёд кардани воридшавии андоз ба буҷет, вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ дар ҷумҳурӣ равона шудааст.

Тавре сардори Идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон Шуҳрат Салоҳиддинов зимни суҳбат иброз дошт, қонуни номбурда мафҳумҳои зеринро муайян менамояд: хизматрасониҳои пардохтӣ, воситаи электронии пардохт, оператори низоми пардохт, агент (субагент)-и пардохти бонкӣ, маблағҳои пулии электронӣ ва ғайраро, ки то ҳануз дар қонунгузории мавҷуда муайян нашуда буданд.

Қайд кардан зарур аст, ки маҳз дар заминаи қонуни мазкур "Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ" таҳия гардид ва он бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 31 марти соли 2017, таҳти №23 тасдиқ ва дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №891 аз 30 июни соли 2017 ба қайд гирифта шуд.

Баъд аз ин кор дар самти амалӣ намудани талаботи қонуни зикргардида ва "Тартиби гирифтани иҷозатнома барои фаъолияти оператори низоми пардохтӣ" оғоз ёфт. Дар айни замон ба унвони Бонки миллии Тоҷикистон барои гирифтани иҷозатномаи оператори низоми пардохтӣ аз тарафи 17 операторони низомҳои пардохтии дохилӣ ва байналмилалӣ дархостҳо ворид гардидаанд. Тибқи талаботи мавҷуда дархостҳо барои гирифтани иҷозатномаҳо дар асоси тартиби навбат, яъне навбати ворид шудани аризаҳо ба Бонки миллии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд. То ба имрӯз аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи ба оператори низоми пардохтии «Корти миллӣ», "Western Union", "Visa Int." ва "Mastercard" додани иҷозатномаи оператори низоми пардохтӣ қарори дахлдор қабул карда шудааст. Дар робита ба ин, маълумот оид ба

операторони низоми пардохтӣ алаккай ба Феҳристи операторони низомҳои пардохтии Бонки миллии Тоҷикитсон ворид карда шудааст.

Шухрат Салоҳиддинов ҳамчунин қайд кард, ки Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудани хавфҳои молиявӣ ва таъмини кафолати уҳдадориҳои молиявии низомҳои пардохтӣ дар назди иштирокчиёни низоми пардохтӣ ташкилотҳои қарзиро вазифадор намуд, ки ҳангоми ҳамкорӣ намудан бо низомҳои пардохтие, ки интиқоли фаромарзии маблағҳоро анҷом медиҳанд (НП "Western Union", НП "Золотая Корона", НП "Юнистрим", НП "Ria Money Transfer", НП "Contact", НП "MoneyGram", НП "BLIZKO"), аз онҳо талаб карда шавад, ки иҷрои на камтар аз як шарти дар поён овардаро таъмин намоянд:

- дар суратҳисоби муросилотие, ки иштирокчӣ нишон додааст, ҷойгир намудани амонати суғуртавии ҳатмӣ дар ҳаҷме, ки гардиши миёнаи ҳаррӯзаро аз рӯи ҳамаи амалиётҳои иҷрошаванда мепӯшонад (моҳона/семоҳа/солона дар мувофиқа).
- пешниҳод намудани кафолати бонке, ки рейтинги қарзии байналмилалии сатҳи маблағгузорӣ – на поёнтар аз дараҷаи «BBB»-ро дорад;
- суғуртаи интиқоли маблағҳо, ки тавассути низоми интиқоли маблағҳои худ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи бастани шартномаи суғурта бо ширкатҳои суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Сабаби асосии муқаррар кардани чунин талабот, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ҳанӯз соли 2014 бинобар сабаби қатъ гардидани фаъолияти низоми пардохти байналмилалии интиқоли маблағҳои "Мигом" ва хориҷ кардани он аз Феҳристи операторони низомҳои пардохтии Бонки Русия, ташкилотҳои қарзие, ки бо ин низоми пардохт ҳамкорӣ доштанд, зарари калони молиявӣ диданд. Низоми мазкур дар ҳолате фаъолияти худро қатъ кард, ки уҳдадориҳои худро дар назди бонкҳои тоҷик иҷро накард ва ба онҳо зарари молиявӣ овард. Мутаассифона, то ҳанӯз уҳдадориҳои боло аз ҷониби ин низоми пардохт иҷро нашудаанд.

Дар тақвияти гуфтаҳои боло Шухрат Салоҳиддинов изҳор кард, ки ба наздикӣ, яъне 16 апрели соли 2018 низоми пардохтии "Лидер" аз Феҳристи операторони низомҳои пардохтии Бонки Русия хориҷ гардида, фаъолияти худро қатъ намуд. Тавре аз маълумотҳои аз ташкилотҳои қарзӣ воридгардида, бармеояд, уҳдадориҳои ин низом дар назди онҳо маблағи зиёдро ташкил медиҳад. Боиси нигаронист, ки ин ҳодиса дар шароити феълӣ метавонад ба вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ ва ҳатто низоми бонкии мамлакат таъсири манфӣ расонад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тартиб ва қоидаҳои низомҳои пардохтӣ ба гирандагони маблағҳои пулӣ имконият медиҳад, ки маблағҳои худро аз тариқи ташкилотҳои қарзӣ ва сохторҳои зертобеи онҳо баъди чанд дақиқаи ирсоли онҳо дарёфт намоянд, ҳисоббаробаркуниҳо байни низомҳои пардохти хориҷӣ ва ташкилоти қарзие, ки маблағҳоро ба соҳибонашон додааст, метавонад баъди 3-5 рӯз анҷом дода шавад. Чун бонкҳои тоҷикистонӣ асосан маблағҳои интиқолдодаро ба шаҳрвандони ҷумҳурӣ медиҳанд, дар аксари мавридҳо то анҷом додани ҳисоббаробаркуниҳои низоми низомҳои пардохтии хориҷӣ дар назди бонкҳои кишвар қарздор боқӣ мемонанд.

Ҳамзамон метавон гуфт, ки талаботи аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муқарраргардида ба бандҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ" мутобиқат мекунанд.

Ва ниҳоят таъкид кардан зарур аст, ки талаботи зикргардида барои тамоми низомҳои интиқоли маблағҳо новобаста аз мансубияти шаҳрандии оператори низоми пардохтӣ ҳатмӣ мебошанд. Талаботи боло танҳо ба хотири дар оянда пешгирӣ намудани зарари молиявии ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми ҳамкорӣ бо низомҳои пардохтӣ муқаррар карда шудаанд.

**Шарҳи**
**А. Курбонов,**
**"БТҶ".**

**Барои ташкили истироҳати бофароғати фарзандонатон дар соҳилҳои зебоманзари “Баҳри тоҷик” ба**

## ҶДММ “ШОҲИН-БМТ” даъват менамоем.




Барои маълумоти бештар ба сомонаи www.shohin-bmt.tj ташриф оваред ва
бо телефони 92-603-0020 дар тамос шавед.
Суроға: 735750, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд ,ш.Гулистон, минтақаи истироҳатӣ,
ҶДММ "Шоҳин-БМТ"

Ба Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон,
ки бо мақсади гузаронидани курсҳои баланд кардани
ихтисоси кормандони соҳаи бонкӣ сохта шудааст, хуш омадед!





## Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар соҳили зебоманзари обанбори Гулистон “Баҳри тоҷик” ҷойгир аст.













**Синфхонаҳои таълимӣ дорои таҷҳизотҳои мултимедӣ буда, дар онҳо лексия-суҳбатҳо, семинарҳои мавзӯӣ, мизҳои мудаввар, бозиҳои корӣ, дарсҳои телевизионӣ ва ғайра гузаронидан мумкин аст.**

Нишонии мо:
Вилояти Суғд, ш. Гулистон. Тел.: +(992 44) 630-45-99; +(992 44) 630-45-92;
Моб.: +(992 92) 787-57-70; e-mail: info@tcnbt.tj; www.tcnbt.tj






Гулгашти зебои БМТ
барои сайругашти сокинон
ва меҳмонони пойтахт